АКАДЕМИЯИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ВБД: 338.47+338.24:351(575.3)
ТКБ: 65.9(2)37+67.99(2)1(2 тоҷик)
Ш: - 32

Бо ҳуқуқи дастнавис

ШАРИФӢ СУБҲИДДИН ҲАБИБУЛЛО

РУШДИ ИНФРАСОХТОРИ ДОЛОНҲОИ НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛӢ ТАВАССУТИ ШАРИКИИ ДАВЛАТ БО БАХШИ ХУСУСӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ДИССЕРТАТСИЯ
барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051000 – Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051001– Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ)

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор Бобоев О.

ДУШАНБЕ – 2026

МУНДАРИҶА

НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ 3
МУҚАДДИМА..... 4
БОБИ I. МАСЪЛАҲОИ НАЗАРИЯВИИ РУШДИ ИНФРАСОХТОРИ ДОЛОНҲОИ НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛӢ.... 17
1.1. Асосҳои назариявӣ-эмпирикии ҷалби бахши хусусӣ ба кори долонҳои нақлиёти автомобилӣ..... **17**
1.2. Таҳлили вазъи амалкунандаи инфрасохтори долонҳои байналмилалии нақлиёти автомобилӣ..... **29**
1.3. Пешзаминаҳои шарикии давлат бо бахши хусусӣ дар фаъолияти долонҳои нақлиёти автомобилӣ..... **47**
БОБИ II. ТАҲЛИЛИ ТАНОСУБИ НАРХУ СИФАТ ДАР ФАЪОЛИЯТИ ДОЛОНҲОИ НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛИИ ТОҶИКИСТОН..... 62
2.1. Хусусиятҳои фарқкунандаи истифодаи усули таносуби нарху сифат дар фаъолияти долонҳои нақлиёти автомобилӣ..... **62**
2.2. Таҷрибаи ҷаҳонӣ ва истифодаи он дар фаъолияти долонҳои нақлиёти автомобилии Тоҷикистон..... **80**
2.3. Методологияи идораи тағйиротҳо дар нигоҳдории инфрасохтори долонҳои нақлиёти автомобилӣ..... **91**
БОБИ III. САМТҲОИ АСОСИИ ТАКМИЛИ ФАЪОЛИЯТИ ДОЛОНҲОИ НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛИИ ТОҶИКИСТОН..... 121
3.1. Такмили фаъолияти долонҳои нақлиёти автомобилӣ – ҳамчун механизми такмили идора..... **121**
3.2. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ – омили рушди долонҳои нақлиёти автомобилӣ..... **146**
3.3. Равнақи ҳамкории долонҳои нақлиёти автомобилӣ бо кишварҳои ҳамсоя – воситаи асосии рушди ҳамлу нақли транзитӣ..... **175**
ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДҲО..... 196
ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ..... 198
РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА..... 203
РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ДОВТАЛАБ ВОБАСТА БА МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ..... 219

НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

АДИ – Андозҳои дигари истеҳсолот

АМИТ - Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

АСО – Арзиши софи овардашуда

ДБН – Долонҳои байналмилалии нақлиётӣ

ДБНА – Долонҳои байналмилалии нақлиёти автомобилӣ

ДМ – Даромади миллӣ

ДН - Дархости нарх

ИМА – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

ИМЯ – Истеҳсоли маҳсулоти яклухт

КАС – Комплекси агросаноатӣ

МВО – Минтақаи воридоти озод

ММД – Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ

МОИ - Минтақаҳои озоди иқтисодӣ

САРЕС – Ҳамкориҳои минтақавии иқтисодии Осиёи Марказӣ

СУС – Созмони умумиҷаҳонии савдо

ТИК – Технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ

ТНС – Таҳлили нарх – сифат

ФЯИ– Фоидаи яклухти иқтисод

ҶДММ – Ҷамъияти дорои масъалияти маҳдуд

ШДХ – Шарикии давлатию хусусӣ

ЭКО – Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ

PSC – Харидориҳои давлатӣ

FCFF – анбуҳи маблағҳои озод

IRR – Меъёри даромаднокии дохилӣ

WACC – Арзиши миёнаи баркашидашудаи сармоя

NPV – Арзиши овардашудаи соф

ВН – Воситаи нақлиёт

IRU – Иттиҳодияи байналмилалии нақлиёти автомобилӣ

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Тоҷикистон метавонад танҳо дар сурати навсозии низоми иқтисодӣ рушди муваффақонаро дар шароити рақобати сахт дар бозори ҷаҳонии ҳамлу нақли борҳои ҳоҷагии ҳалқи кишвар ва транзитӣ дошта бошад. Ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон яке аз вазифаҳои стратегии Ҳукумати кишвар ба ҳисоб меравад.

Яке аз омилҳои қафомонии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Тоҷикистон ҳолат ва сатҳи пасти рушди инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ мебошад. Тибқи маълумоти аз коршиносони соҳаи нақлиёт [9] бадаствовардаи мо, айни ҳол, ба меъёрҳои байналмилалӣ танҳо 40 фоизи роҳҳои автомобилгарди ҷумҳуриявӣ ва 34 фоиз роҳҳои автомобилгарди маҳаллӣ мувофиқат мекунанд.

Бояд қайд кард, ки инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ҳамаи омилҳоеро фаро мегирад, ки барои ҳаракати автомобилҳо зарур аст. Ба он роҳҳои автомобилгард, пулҳо, нақбҳо, эстакадаҳо ва дигар иншооти муҳандисӣ дохил мешаванд. Ҳамчунин, нуқтаҳои хизматрасонӣ, ҷойҳои истироҳат, сӯзишворихонаҳо ва дигар объектҳое, ки ба ронандагон дар роҳ кумак мерасонанд, қисми ин инфрасохтор мебошанд. Ба ғайр аз ин, хадамоти роҳдорӣ, ки ба нигоҳдорӣ ва таъмири роҳҳо машғуланд, низ шомили онанд.

Агар инфрасохтори долонҳои нақлиёти автомобилӣ фаъолияти судманд дошта бошанд, он гоҳ ин ба объектҳои инфрасохторӣ имконият медиҳад, ки арзиши аслии боркашонӣ ва мусофирбарӣ ҳатто дар дохили кишвар низ паст гардида, раванди ҳамлу нақл тезонида шаванд, маҳдудиятҳои дар қобилияти нақлиётгузаронии роҳҳо ва дастарсии аҳолӣ ба хизматрасони нақлиёти автомобилӣ ҷойдошта бартараф ва муҳити сармоягузорӣ дар умум барои кишвар беҳтар карда шавад.

Мавриди зикр аст, ки сафарбар кардани кишвар ба савдои ҷаҳонӣ ва ворид шудан ба созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС) барои афзоиши сарбории иловагӣ ба шабакаи роҳҳои автомобилгарди дохилӣ ва долонҳои байналмилалӣ мусоидат намуда, пешбинӣ менамояд, ки борҳои транзитии савдои берунаи кишвар афзоиш ёфта, ба тарзи объективӣ зарурати рушди бештари инфрасохтори долонҳои нақлиёти автомобилӣ барои мувофиқ шудан ба шароитҳои техникӣ, иқтисодӣ ва экологии кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон (дастрасии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дар тамоми мавсим, таҳия ва таҷдиди робитаҳои нақлиётӣ бо мақсади рафъи қафомониҳои технологӣ аз системаҳои пешрафтаи автомобилӣ, навсозии пойгоҳи техникӣ-технологии истифодабарии технологияҳои инноватсионӣ, рақамӣ ва ғ.) ба роҳ монда шавад.

Аз сабаби он ки инфрасохтори долонҳои нақлиёти автомобилӣ ба монанди дигар роҳҳои истифодаи умум дар мувозинаи давлат қарор доранд, давлат ба инкишофи роҳҳо дар кишвар ҳавасманд аст, зеро ин соҳа барои давлат маблағталаб буда, он ба тарзи анъанавӣ аз ҷониби давлат пардохт карда мешавад.

Дар Тоҷикистон дар дурнамои миёнамуҳлат лоиҳаҳои навкунонӣ ва таҷдиди объектҳои аллакай мавҷудаи инфрасохтори долонҳои нақлиёти автомобилӣ, ки ҳаҷми маблағгузории онҳо аз имконияти давлат берун мебароянд, афзалият пайдо мекунанд. Аз ин сабаб, амалӣ сохтани лоиҳаҳо аз ҳисоби сафарбар кардани дигар сарчашмаи маблағгузорӣ, аз ҷумла, ҷалби сармояи хусусӣ афзалият пайдо мекунад.

Тавре таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, роҳи беҳтари ҳалли масъалаи норасоии маблағгузорӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ барои рушд ва навсозии инноватсионии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ, бахусус долонҳои байналмилалии нақлиёти автомобилӣ дар заминаи истифодаи механизмҳои шарикии давлат бо бахши хусусӣ (ШДХ) имконпазир аст ва он имконият медиҳад, ки захираҳои молиявии бахши

хусусӣ барои рушди фаъолияти пуразиши инфрасохтори долонҳои нақлиёти автомобилӣ ҷалб карда шаванд.

Саъю кӯшиши муштараки давлат ва бахши хусусӣ дар асоси ҳамоҳангсозии мутақобила ва сиёсати мувофиқашуда ба истифодаи самараноки захираҳои молиявие, ки барои иҷрои вазифаҳо ва ваколатҳои давлатӣ заруранд, мусоидат мекунад.

Аз ин сабаб, заминаҳои хеле зиёде вуҷуд доранд, ки дар афзоиши талабот ба хизматрасонии нақлиётӣ ҳамчун натиҷаи афзоиши гардиши байналмилалии молҳо мутобиқ ба афзоиши мувофиқи талабот ба инвеститсияҳо ва инфрасохтори долонҳои байналмилаии нақлиёти автомобилӣ ба вуҷуд омада, дар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ тасдиқи худро пайдо намудаанд.

Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 пешбинӣ мекунад, ки яке аз принсипҳои муносибати давлат бо субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ бояд рушди шарикии давлат бо бахши хусусӣ буда, ба паст намудани хатарҳои соҳибкорӣ оварда мерасонад ва из гуфтаҳо тасдиқи худро дар доираи баргузории тадқиқот, истифодаи васеи технологияҳои нав, рушди инфрасохтори нақлиётӣ равона пайдо мекунанд.

Аз ҳамин ҷост, ки яке аз самтҳои асосии сиёсати имрӯзаи давлат ин баланд бардоштани самаранокии ҷалби сармоягузорӣ ба инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ва умуман ба иқтисодиёт мебошад. Барои расидан ба ин ҳадаф ҳамкории зичи давлат бо бахши хусусӣ дар маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ, пуштибонии ҳамаҷонибаи фаъолияти сармоягузорӣ ва фароҳам овардани муҳити мусоиди сармоягузорӣ тавассути истифодаи механизми шарикӣ байни давлат ва хусусӣ (ШДХ) муҳим арзёбӣ мегардад. Динамикаи рушди соҳаҳо исбот мекунад, ки дар солҳои наздик барои роҳандозӣ намудани лоиҳаҳои инфрасохторӣ дар асоси шарикии давлат бо бахши хусусӣ давлат воситаҳои пулии зиёди

бахши хусусиро ҷамъоварӣ намуда, барои рушди ин самти фаъолият шароити мусоид муҳайё месозад.

Тибқи Барномаи давлатии рушди комплекси нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 165 аз 1 апрели соли 2011 тасдиқ шудааст, бояд шабакаи роҳҳои автомобилгард бо болопӯши сахт рӯйпӯш гардида, тавассути онҳо тамоми нуқтаҳои аҳолинишини кишвар ба ҳам пайваст карда шаванд.

Аз ин рӯ, мавзуи ин кори илмӣ – таъмини рушди инфрасохтори роҳҳои автомобилгард ва долонҳои нақлиётӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ, амали саривақтӣ ва ҳам ниҳоят мубрам ҳисобида мешавад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Бояд гуфт, ки ҷабҳаҳои умуми методологии ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ дар самти ташаккул, фаъолият ва рушди механизми шарикии давлат бо бахши хусусӣ, ки доираи ҳадафи диссертатсияи мазкурро дар бар гирифтаанд, дар як қатор таҳқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ мавриди назар қарор гирифтаанд. Э.Б. Аткинсон [132] тавсифи системавии осори фаъолияти иқтисодиро дар доираи ҳамкориҳои давлат бо бахши хусусӣ дида баромадааст. Ҷ. Гамилтон [94] муносибатҳои шарикии миёни муассисаҳои давлатӣ ва доираи соҳибкориро баррасӣ намуда, онро ҳамчун як механизми ояндадори ҳавасмандсозии воридшавии инвеститсия ба инфрасохтор дар доираи ҳалли мушкилоти глобалӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои барномавии Созмони Милали Мутаҳид (СММ) тафсир намудааст; Ҷ. Делмон [22] дастури амалӣ барои истифоди механизми шарикии двалат бо бахши хусусиро дар бахши инфрасохтор дар асоси омӯзиши таҷрибаи байналмилалӣ пешниҳод намуда, ҳамаи марҳилаҳои ҷараёни татбиқи ин механизмро баён намудааст. М.Б. Ҷеррод [135] фарқияти шаклҳои гуногуни ин механизмро таҳлил намуда, хусусиятҳои хоси онҳоро нисбат ба хусусигардонӣ ҷудо кардааст. Л.К. Гилрой, Р.В. Пул ва Ш.Сигал [136]

асосҳои консептуалии ин механизмро нисбат ба инфрасохтори роҳҳои автомобилгард таҳқиқ намудаанд. Д. Гримси ва М.К. Люис [137] услуб арзёбии хатарҳои истифодаи лоиҳаҳои шарикии давлат бо бахши хусусиро пешниҳод намудаанд. С. Харрис, Ҷ. Холжес, М. Шураи, П. Шулка [69] якчанд лоиҳаҳои инфрасохториро бо истифода аз механизми шарикии давлат бо бахши хусусӣ дар таҷрибаи фаъолияти кишварҳои дар ҳоли рушд буда таҳлил намудаанд. Е.Г. Клайн ва Г.Б. Тисман [138] масъалаҳои таҳлил ва идораи тавсифоти институтсионалии шарикии давлат бо бахши хусусиро омӯхтаанд. В. Кутари [38] таҳлили таҷрибаи байналмилалиро нисбати бунёди сохторҳои ташкилӣ дар мавриди кор бо лоиҳаҳои шарикии давлат бо бахши хусусӣ ва фаъолияти онҳоро гузаронидааст. С.К. Ли [74] дастур дар бораи истифодабарии механизмҳои шарикиро таҳия намудааст. Кори С. Пиндер [76] ба дастгоҳи истилоҳии шарикӣ бахшида шудааст. П. Синелсон [118] масъалаҳои алоҳидаи истифодабарии шарикиро ҳамчун доираи махсуси истифода дар кишварҳои дар ҳоли гузариш қарор дошта, дида баромадааст. Д.М. Амнус [2], шаклҳои гуногуни шарикиро ҳамчун доираи махсуси ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаҳои иқтисод таҳқиқ намудааст.

Дар Ҷумҳури Тоҷикистон масъалаҳои истифодабарии механизми шарикии давлат бо бахши хусусӣ дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти нақлиёт ва инфрасохтори нақлиётӣ дар тадқиқоти як қатор олимони соҳа, ба монанди: Бобоев О. [10], Бобоев К.О. [9] Бронштейн Я.Т. [15], Раҷабов Р.К. [48], Рауфӣ А. [49], Раҳимов Р.К. [50], Фохаков А.С [57], Ҳамроев Ф.М. [58], Хоҷаев П.Д. [59], Шералиев А.А. [62] ва дигарон мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифтааст.

Новобаста ба дастовардҳои зиёди илмӣ, баромадҳо дар конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ нисбати паҳлуҳои гуногуни ташкилию иқтисодӣ ва молиявии рушди инфрастохтори долонҳои нақлиёти

автомобилӣ дар асоси принсипҳои шарикии давлат бо бахши хусусӣ масъалаи мазкур ҳалли худро то ба охир пайдо накардааст.

Бояд гуфт, ки мураккабӣ ва бисёрҷабҳагии масъалаи тезонидани навкунии инфрасохтори нақлиёти автомобилии ватанӣ, пурра таҳқиқ нашудани масъалаҳои вобаста ба асосҳои назариявӣ ва фишангҳои воситаҳои бозории масъалаҳои дар диссертатсияи мазкур дидашаванда вобаста ба ҷалби сармоягузорони хусусӣ барои таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои инфрасохтори нақлиёти автомобилии ба шароити кишвар мутобиққардашудаи механизми шарикии давлат бо бахши хусусӣ ба вуҷуд оварданд.

Таҳлилҳои баргузоршуда нишон доданд, ки новобаста ба мутобиқшавӣ ба шароити бозор ҳолати инфрасохтори долонҳои нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистонро наметавон қаноатбахш арзёбӣ намуд. Сохтмони роҳҳои автомобилгарди пулакӣ ва таҳияи системаи иттилоотии мураккаби идораи ҳаракати борҳо дар объектҳои шарикии давлат бо бахши хусусӣ самтҳои ояндадори фаъолияти инфрасохтори долонҳои байналмилалии нақлиёти автомобилӣ арзёбӣ карда мешаванд, ки ҳалли масъалаҳои идоракунии давлатии инфрасохтори нақлиёти автомобилиро бо истифода аз бартариҳои ин механизм пайдо менамояд ва долонҳои нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин имконро доранд.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ. Мавзуи таҳқиқот бо Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи мақсадноки давлатии рушди комплекси нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2025 ва бо Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон робитаи калон дорад. “Бо мақсади пурра ба меъёрҳои замонавӣ мутобиқ гардонидани роҳҳои мошингард ва дигар инфрасохтори нақлиётӣ ва ба мамлакати транзитӣ табдил додани Тоҷикистон... пешбинӣ

шудааст”[151] «Солҳои охир дар натиҷаи бунёди шоҳроҳҳои байналмилалӣ, пайвастани Тоҷикистон ба роҳҳои Ҷумҳурии Мардумии Чин, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон, кушода шудани роҳи оҳан дар 16 гузаргоҳи сарҳадӣ бо Ӯзбекистон, кишвари мо аз бунбасти коммуникатсионӣ баромад, дар баробари сохтан ва истифода бурдани роҳҳои автомобилгард истифодаи самаранок ва нигоҳдории роҳҳои сохташуда яке аз масъалаҳои муҳим мебошад» [152].

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади тадқиқот рушди нишондодҳои назариявӣ-методии арзёбии фаъолияти инфрасохтори долонҳои байналмилалии нақлиёти автомобилӣ бо истифода аз механизмҳои шарикии давлат бо бахши хусусӣ ва таҳияи пешниҳодҳои амалӣ нисбати дар амал истифода бурда шудани онҳо мебошад.

Вазифаҳои таҳқиқот. Дар рафти таҳқиқот вазифаҳои зерин ҳалли худро пайдо менамоянд:

– баргузории таҳлили вазъи мавҷуда ва дурнамои рушди инфрасохтори долонҳои байналмилалии нақлиёти автомобилӣ, таҳияи заминаҳои назариявӣ ва таҷрибавии ташаккули фаъолияти ҳукумат бо истифода аз имконоти бахши хусусӣ; муайян намудани шартҳои асосии истифодаи механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар рушди долонҳои нақлиёти автомобилӣ;

– муайян кардани хусусиятҳои хоси истифодабарии консепсияи таносуби “нарх – сифат” дар рушди инфрасохтори долонҳои нақлиёти автомобилӣ; шарҳи таҷрибаи ҷаҳонӣ оид ба истифодаи ин консепсия;

– таҳияи услуби идораи тағйирот дар самти нигоҳдории инфрасохтори долонҳои байналмилалии нақлиёти автомобилии аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаранда;

– муайян намудани самтҳои асосии такмили фаъолияти долонҳои нақлиёти автомобилии кишвар ҳамчун механизми такмили соҳаи нақлиёти

автомобилӣ ва таъмини равнақи ҳамкорӣ бо долонҳои нақлиёти автомобилии кишварҳои ҳамсоя, ҳамчун воситаи асосии рушди ҳамлу нақли транзитии воситаҳои нақлиёт, бор ва мусофирон.

Объекти таҳқиқот истифодаи механизмҳои шарикияти давлат бо бахши хусусӣ дар рушди инфрасохтори долонҳои байналмилалии нақлиёти автомобилӣ мебошад.

Мавзуи таҳқиқот муносибатҳои иқтисоде мебошанд, ки дар мавриди истифодаи механизми ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ дар самтҳои рушди инфрасохтори долонҳои нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамкорӣ бо долонҳои нақлиёти автомобилии кишварҳои ҳамсояи он ба вуҷуд меоянд.

Фарзияи таҳқиқот қоидаҳое мебошанд, ки мутобиқи онҳо инфрасохтори долонҳои нақлиёти автомобилӣ дар заминаи шарикии давлат бо бахши хусусӣ метавонанд рушди босамар дошта бошанд.

Асосҳои назариявии таҳқиқотро қонунҳои бунёдӣ, категорияҳо ва методологияи таҳиянамудаи олимони соҳаи иқтисодиёт ва идораи соҳаҳои инфрасохтори истеҳсолӣ, дастовардҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи рушди нақлиёти автомобилӣ ва рақобатпазирии долонҳои байналмилалии нақлиёти автомобилӣ, инчунин таҳлил, таклифу пешниҳодҳои олимони ватании соҳа, аз қабили: Бобоев О., Бобоев К.О., Каюмов Н.К., Назаров Т.Н., Раҷабов Р.К., Рауфӣ А., Раҳимов Р.К., Шералиев А.А., Фохаков А.С., Хоҷаев П.Д., Ҳамроев Ф.М. ва таҳқиқоти як қатор олимони хориҷи дурро, ки дар рӯйхати адабиёт оварда шудаанд, ташкил менамояд.

Асосҳои методологии таҳқиқот. Аҳаммияти методологии таҳқиқот аз коркард ва асосноккунии методию методологие иборат мебошанд, ки ба таъмини рушди инфрасохтори долонҳои байналмилалии нақлиёти автомобилӣ нигаронидашуда иборат мебошанд. Муқаррароти тавсияҳои коркардшуда, метавонанд аз ҷониби вазорату идораҳои соҳавӣ оид ба

баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои долонҳои нақлиёти автомобилӣ тстифода бурда мешаванд.

Сарчашмаи маълумоти таҳқиқоти диссертасионӣ - санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, пойгоҳи иттилоотии таҳқиқотро маводҳои оморӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии давлатии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин маводҳои ташкилотҳои байналмилалии соҳаи нақлиёти автомобилӣ ташкил намудаанд. Ба сифати воситаи таҳқиқот дар диссертатсия усулҳои системавӣ, мантиқӣ ва қиёсии таҳлил истифода бурда шудаанд.

Пойгоҳи таҳқиқот. Маҷмуи шароит, имконият ва воситаҳое мебошанд, ки барои гузаронидани таҳқиқоти диссертатсионӣ заруранд, аз ҷумла маълумотҳои Агентии омори давлати назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои расмии вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаҳои давлатии нигоҳдории роҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, адабиёти илмии соҳавӣ ва мушоҳидаҳои муаллиф ташкил медиҳанд.

Диссертатсия дар кафедраи идораи молияи давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Навгонии илмии тадқиқот дар таҳияи як қатор ҷанбаҳои назариявӣ ва методологӣ зоҳир мегардад, ки имкон медиҳанд механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар рушди инфрасохтори долонҳои байналмилалии нақлиёти автомобилӣ истифода шуда, ба ҷалби захираҳои бахши хусусӣ ва истифодаи судманди воситаҳои буҷети давлатӣ мусоидат менамояд ва онҳоро ба таври зерин метавон оварда:

– хусусиятҳои назарявӣ-эмпирикии рушди инфрасохтори долонҳои нақлиёти автомобилӣ бо истифода аз механизмҳои шарикии давлат бо бахши хусусӣ, ки ангеза барои ҷалби маблағгузории бахши хусусӣ бо гирифтани суди калони иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, инчунин марҳилаи тӯлонии истифодабарии судманди онро таъмин мекунанд;

– дар асоси таҳлили таҷрибаи ҷаҳонии истифода бурдани консепсияи “таносуби нарх ва сифат” дар баҳодиҳӣ ва татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат бо бахши хусусӣ дар самти рушди инфрасохтори долонҳои нақлиёти автомобилӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шуд ва нишон дода шуд, ки истифодаи муносибати мазкур имкони баланд бардоштани самаранокии интихоби қарорҳои инвеститсиониро фароҳам оварда, шаффофияти истифодаи захираҳои молиявӣ ва ноил шудан ба натиҷаҳои беҳтарини иҷтимоию иқтисодиро ҳангоми хароҷоти минималии имконпазир таъмин менамояд;

– дар амсилаҳои шарикии давлат бо бахши хусусӣ шарти иловагии татбиқи он дар рушди инфрасохтори долонҳои нақлиёти автомобилӣ дохил карда шуданд, ҳамчунин исбот карда шуд, ки амалӣ сохтани лоиҳаҳои инфрасохторӣ дар заминаи ҷалби бахши хусусӣ нисбат ба системаи харидҳои давлатӣ афзалият дошта, сарчашмаи иловагии маблағгузорӣ аз ҳисоби ҷалби маблағҳои истифодабарии объектҳои шафати роҳ ба вуҷуд меояд ва мушкилоти ҳаҷми камтари маблағгузорӣ ва ғайримақсаднок истифода бурдани маблағҳои буҷети давлатӣ ҳалли худро меёбанд;

– самтҳои асосии такмили фаъолияти долонҳои нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудаанд ва дар ин замина исбот гардид, ки рушди долонҳои нақлиёти автомобилӣ ҳамчун механизми қавии такмили фаъолияти тамоми системаи нақлиёти автомобилии кишвар истифода бурда мешавад, исбот шудааст, ки рушди долонҳои наклиёти автомобилӣ ҳамчун механизми тавоно барои бехтар

намудани кори тамоми системаи наклиёти автомобилии мамлакат истифода мешавад. Шарикии давлат бо бахши хусусӣ дар ин самт омили рушди долонҳои нақлиёти автомобилӣ буда, равнақи ҳамкории долонҳои нақлиёти автомобилиро бо кишварҳои ҳамсоя ҳамчун воситаи асосии рушди ҳамлу нақли байналмилалӣ ва ба кишвари транзитӣ табдил ёфтани Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин месозад.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда. Як қатор муқаррароте, ки ҷанбаҳои мукаммали илмӣ доранд ва ҳамчун нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда маҳсуб меёбанд, аз инҳо иборатанд:

– асосҳои назариявии рушди инфрасохтори долонҳои нақлиёти автомобилӣ ва таҳлили он бо истифода аз бахши хусусӣ такмил дода шуда, пешзаминаҳои истифодабарии механизмҳои шарики давлат бо бахши хусусӣ дар фаъолияти долонҳои нақлиёти автомобилӣ асоснок карда шуданд;

– методикаи таҳлили таносуби нарху сифат дар фаъолияти долонҳои нақлиёти автомобилии Тоҷикистон такмил дода шуда, хусусияти фарқкунадаи он дар таҷрибаи ҷаҳонӣ ва истифодаи он дар амалияи фаъолияти долонҳои нақлиёти автомобилии Тоҷикистон асонок пешниҳо карда шуданд;

– равиши истифодаи методологияи идораи тағйиротҳо дар нигоҳдории инфрасохтори долонҳои нақлиёти автомобилӣ такмил дода шуда, таносуби оптималии нарх ва сифати хизматрасонӣ дар долонҳои байналмилалии нақлиёти автомобилии Тоҷикистон муайян карда шуданд;

– такмили фаъолияти долонҳои нақлиёти автомобилӣ ҳамчун механизми такмили идораи давлатии соҳа дар заминаи истифодаи механизмҳои шарикии давлат бо бахши хусусӣ, ҳамчун омили рушди долонҳои нақлиёти автомобилӣ асоснок карда шуда, равнақи ҳамкории долонҳои нақлиёти автомобилӣ бо кишварҳои ҳамсоя омили асосии рушди ҳамлу нақли транзитӣ арзёбӣ карда шуданд.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот аз он иборат аст, ки дар он якчанд масъалаҳои илмӣ баррасӣ гардида, дар натиҷа як қатор тавсияҳо нисбати рушди инфрасохтори долонҳои байналмилалии нақлиёти автомобилӣ пешниҳод гардиданд. Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда ва тавсияҳои дар он овардашударо метавон дар кори ташкилот ва пажуҳишгоҳҳои соҳавӣ, муассисаҳои давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таҳияи стратегияи рушди соҳа истифода кард.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот. Маводҳои диссертатсия метавонанд дар раванди таълими фанҳои назарияи иқтисод, иқтисодиёти сохтмон ва нигоҳдории роҳҳои автомобилгард ва иқтисодиёти инфрасохтори истеҳсолӣ, дар донишгоҳҳо мавриди истифода қарор гиранд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро истифодаи маълумоти расмӣ ва оморӣ, коркарди онҳо тавассути усулҳои таҳқиқи илмӣ, муқоиса бо таҷрибаи кишварҳои дигари ҷаҳон ва минтақа, махсусан, истифодаи усулҳои таҳлили оморӣ муайян менамоянд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуи таҳқиқот ба нуқтаҳои зерини Шиносномаи ихтисоси доктори фалсафа (PhD) –доктор аз рӯи ихтисоси 6D.051001 – Идораи давлатӣ ва маҳаллӣ мувофиқат мекунад: 1.3. Ҷузҳои институтсионалӣ ва сохтории низоми идоракунии давлатӣ; 1.14. Сарфакорӣ, маҳсулнокӣ, сифат ва самаранокӣ дар муассисаҳои давлатӣ; 1.16. Мушкилоти дигаргуниҳо дар низоми идоракунии давлатӣ ва идоракунии тағиротҳо. Консепсияи тағирот. Қонуниятҳои тағиротҳои ташкилӣ, хароҷоти азнавташкилдиҳӣ; 1.18. Таъминоти молиявию иқтисодии худидоракунии маҳаллӣ. Идоракунии соҳаҳои хизматрасонии шаҳрӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ. Идоракунии комплексии рушди иҷтимоию иқтисодии ҳудудҳо; 3.2 Аурторсинг дар низоми идоракунии давлатӣ; 4.2. Равишҳои барномавӣ ва лоиҳавӣ дар

идоракунии давлатӣ. Барномаҳои давлатӣ, лоиҳаҳо ва сиёсатҳо, механизмҳои ташаккул, татбиқ ва арзёбии натиҷаҳо; 4.6. Усулҳои арзёбии самароникии барномаҳо, лоиҳаҳо ва сиёсатҳои давлатӣ; 9.1. Идоракунии рушди фазои; 9.6. Рушди инфрасохтории минтақаҳо ва шаҳрҳо; 10.3. Моделҳои шарикии бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ (ШБДХ), ташкил ва арзёбии самаранокии лоиҳаҳои ШБДХ , нақши давлат дар татбиқи онҳо; 13.3.Идораи молиявӣ ва маъмурикунонӣ дар ташкилотҳои бахши давлатӣ.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳлили адабиёти соҳавӣ, интихоби мавзуъ ва таҳияи нақшаи таҳқиқот, ҷамъоварии маълумоти оморӣ ва мушоҳидаҳо аз раванди фаъолияти инфрасохтори долонҳои байналмилалии нақлиёти автомобилӣ, нашри мақолаҳо аз натиҷаи таҳқиқот, баромадҳо дар конфронсҳо ва семинарҳои соҳавӣ ифода меёбанд.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия дар шакли хулосаву пешниҳодҳо ба Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ширкатҳои нақлиёти автомобилӣ ва муассисаҳои истифодабарии роҳҳои автомобилгард барои корбарӣ равона карда шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳо ва семинарҳо низ ба муҳокима гузошта шудаанд.

Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия. Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқоти марбути кори диссертатсионӣ 8 мақолаҳои илмӣ дар ҳаҷми умумии 4,3 ҷузъи чопӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нашр карда шудаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз сарсухан, се боб, хулоса ва пешниҳодҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аз 158 номгӯй, ҳаҷми умумии кор дар 220 саҳифаи чопи компютерӣ, 43 ҷадвал, 4 расм иборат мебошад.

БОБИ I. МАСЪЛАҲОИ НАЗАРИЯВИИ РУШДИ ИНФРАСОХТОРИ ДОЛОНҲОИ НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛӢ

1.1. Асосҳои назариявӣ-эпирикии ҷалби бахши хусусӣ ба кори долонҳои нақлиёти автомобилӣ

Тағйироти иқтисодӣ миёни субъектҳои соҳаи инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ барои ба вуҷуд омадани бозори хизматрасониҳои инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ заминаи илмию методӣ гузоштанд. Бо вуҷуди ин, дар адабиёти илмӣ тарифи ягонаи бозори хизматрасониҳои инфрасохтори нақлиётӣ вуҷуд надоранд.

Бархе аз муаллифон ин бозорро ҳамчун воситаи расидан ба ҳадафи тақсимоти муносиби захираҳои истеҳсолӣ медонанд. Олимони дигар ин бозорро ҳамчун “системаи мураккаби бисёромилаи мубодилаи иқтисодӣ” муаррифӣ намудаанд.

Персианов В.А. чунин мешуморад, ки бозори хизматрасонии нақлиётӣ маҷмуи амалиёти харидорон ва фурӯшандагони нисбати мубодилаи хизматрасониҳои нақлиётӣ мебошад.

Дар адабиёти иқтисодӣ таҳти мафҳуми “бозор” ҳолатҳои зерин фаҳмида мешаванд: механизми иқтисодии танзимкунанда, макони вохӯрии харидорон ва фурӯшандагон, доираи мубодилаи мол ва хизматрасониҳо, миқдори истеъмолкунанадагони намуди муайяни хизматрасонӣ.

Хулоса, аз тафсироти дар боло овардашуда дида мешавад, ки бисёре аз муҳаққиқон бозори хизматрасониҳои автомобилиро ҳамчун механизми танзим медонанд. Вале таҳқиқотҳо собит менамоянд, ки нуқтаҳои назари дигар низ вуҷуд доранд.

Дар таҳқиқотҳои як қатор олимон қайд карда шудааст, ки «Бозори инфрасохтор ва хизматрасониҳои нақлиётӣ – пешгӯй, идоракунӣ ва қонеъ гардонидани талабот ба мол ва хизматрасониҳои нақлиётӣ тавассути

фурӯши хизматрасонии нақлиётӣ, экспедиторӣ ва хизматрасонии техникӣ» мебошад.

Дар кори муаллифони дигар бозори минтақавӣ он чунин ҷузъи маъмурию ҳудудии кишвар мебошад, ки дар он махсусияти иқтисодӣ, демографӣ, миллию маиши, табиию иқлимӣ ва нақлиётӣ ҷой доранд. Бозори хизматрасонии инфрасохтори нақлиётӣ нақши пайвасткунанда ва рушддиҳандаро иҷро менамояд.

Омӯзиши бозори хизматрасониҳои нақлиёти автомобилӣ на танҳо дар таҳқиқи хусусияти он, балки барои таҳқиқи миқдор, сифат ва дигар параметрҳо низ зарур аст. Дар баробари ин қонунҳои умумӣ, қонуниятҳо, тамоюлот, омилҳои муайянкунандаи суботи муносибатҳои иқтисодиро дар ин соҳа набояд аз мадди назар берун қарор дод.

Нақши муҳимро дар миқёси кишвар таҳқиқи бозори хизматрасониҳои нақлиётӣ аз рӯи баромади нақлиёти автомобилӣ ба кишвар ва минтақаҳои дигар тавассути таҳияи долонҳои байналмилалии нақлиёти автомобилӣ мебозад.

Рушди устувори муносибатҳои иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, афзалиятҳои рушди бозори хизматрасониҳои нақлиёти автомобилиро дар кишвар ва берун аз он дар бар мегиранд. Ташкили долонҳои байналмилалии нақлиётӣ, бахусус долонҳои нақлиёти автомобилӣ, воқеан метавонад нақши калидӣ дар рушди иқтисодиёт – ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам минтақавӣ бозӣ намояд. Ин ҷой чанд омил ҳаст: содасозии савдо ва логистика, рушди соҳаҳои вобаста, ташкили ҷойҳои корӣ, қавӣ гардидани равобит байни кишварҳо. Ҳамин тавр, бозори хизматрасонӣ дар соҳаи инфрасохтори долонҳои нақлиётӣ на танҳо ҷузъи логистика, балки як омили стратегии рушди устувор ва ҳамгироии иқтисодиёт ба шумор меравад.

Марҳилаи аввалин ва муҳим дар ташаккули қисматҳои долонҳои байналмилалии нақлиёти автомобилӣ, ки аз қаламрави Ҷумҳурии

Тоҷикистон мегузаранд, дар асоси таҳлили имкониятҳои мавҷудаи молу мусофирон сурат мегирад. Ин нишондиҳандаҳо аз ҷониби шабакаҳои нақлиётии кишварҳои дигар ба назар гирифта мешаванд ва самтҳои интиқоли байналмилалии нақлиёти автомобилӣ тавассути долонҳои кишварҳои ҳамсояро муайян месозанд.

Вобаста ба мавқеи нотакрори ҷойгиршавии худ дар минтақаи Осиёи Марказӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти назариявӣ дорад на фақат Шарқу Ғарб ва Шимолу Ҷанубро ба ҳам пайваст намояд, балки метавонад яке аз тугунҳои асосии тиҷорати ҷаҳонӣ гардад. Зеро, барои рушди ояндаи нерӯи нақлиётию транзитии минтақа дар ҷумҳурӣ тамоми пешзаминаҳои зарурӣ вуҷуд доранд. Тоҷикистон кӯшиши ҳамгироӣ бо сохторҳои минтақавии иқтисодиро дошта, ҳамзамон метавонад дар ҳалли мушкилоти ба ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказӣ дахлдоштаи иқтисодӣ ва тиҷоратӣ иштирок намояд ва дар заминаи ҳамкориҳои бисёрҷониба суббот ва рушди худро таъмин созад.

Бояд гуфт, ки дар доираи лоиҳаҳои вобаста ба эҳёи Роҳи Бузурги Абрешим Тоҷикистон метавонад ба таври пурра аз вазъи ҷойгиршавии ҷуғрофии худ истифода барад ва ба як самти муҳимми транзитӣ миёни ду минтақаи бузурги ҷаҳон – Иттиҳоди Аврупо ва Ҷумҳурии Халқии Чин мубаддал гардад. Дар ин маврид ба ғайр аз раҳоӣ аз бумбасти нақлиётӣ, боз масъалаи пӯшидагии минтақа ва вобастагии он аз кишварҳои Осиёи Марказии таъминкунандаи баромад ба бозорҳои ҷаҳонӣ ҳалли худро пайдо намуда, матавонад сарчашмаи даромади буҷаи худашро аз ҳисоби мавқеи ҷойгиршавиаш диверсификатсия намояд ва соҳаҳои нави иқтисодиёти кишварро созмон дода, вобастагии кишварро аз содироти ашёи хом паст намояд.

Вобаста ба ин, масъалаи асосие, ки дар назди иқтисодиёти Тоқикистон қарор дорад – ин фароҳам овардани шароит барои ҳамлу нақли борҳои транзитӣ тавассути долонҳои байналмилалии автомобилии

кишвар мебошад. Дар ин ҷо дар бораи такмили инфрасохтори долонҳои нақлиётӣ сухан меравад, ки ба маънии беҳтар кардани сифати роҳҳо, таъмини шароити хубтар барои ҳаракати борҳо ва кам кардани арзиши хизматрасонӣ барои интиқоли борҳои содиротию воридотӣ ва транзитӣ мебошад. Ин амалҳо имкон медиҳанд, ки интиқоли борҳо тавассути роҳҳои автомобилӣ тезтар ва муассиртар шавад, ки дар муқоиса бо нақлиёти обӣ (ки борҳоро тавассути дарёҳо ва баҳрҳо интиқол медиҳад) бо суръат ва самаранокии бештар анҷом меёбад. Ҳамчунин, беҳтар шудани инфрасохтор ва кам кардани нархҳои хидматрасонӣ метавонад дар рақобат дар бозори байналмилалӣ барои кишварҳо афзалият пайдо кунад. Махсусан, ин аз он ҷиҳат муҳим аст, ки тибқи ояндабинӣ [131] то соли 2020 даҳ фоизи борҳо дар миёни Осиё ва Аврупо тавассути роҳҳои автомобилгард ва оҳан кашонида мешаванд.

Қобили қайд аст, ки ҳолати нақлиёти автомобилӣ ва инфрасохтори он айни замон ҷузъи хеле нигаронкунандаи шабакаи логистикӣ боқӣ мемонад. Якум, фарсудашавии техникии роҳ ба интиқолдиҳандагон садаманокиро зиёд [142] ва норасоии воситаҳои нақлиётро бештар месозад. Дуюм, Тоҷикистон чун дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ, нетто-воридкунандаи хизматрасониҳои нақлиётӣ буда [143], пойгоҳи нақлиёти автомобилии онҳо ба пуррагӣ наметавонад ба талаботи мунтазам афзояндаи аҳолӣ ба хизматрасонии нақлиётӣ ҷавобгӯй бошад.

Сеюм, сифати пасти рӯйпӯши роҳ ва пулҳо ба қайд гирифта шудаанд. Дар Тоҷикистон роҳҳои категорияи якум вуҷуд надоранд. Қариб нисфи роҳҳои таъиноти байналмилалӣ ба воситаи қабати шағалу битум ва фақат 30% бо асфалт рӯйпӯш карда шуда шуданд [144]. Аз ин сабаб суръати пасти интиқол ва муҳлати зиёд расонидани бор ба амал меояд.

Бояд гуфт, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиш дорад, ки неруи транзитии кишварро пурра ба кор дарорад. Аз ин сабаб яке аз ҳадафҳои стратегии он ба кишвари транзитӣ табдил додани ҷумҳурӣ мебошад.

Тавассути сармоягузории кишварҳои ҳавасманд ҷумҳурӣ масъалаи амнияти нақлиётии кишварро дар самти созмон додани системаи ягонаи нақлиётии он, диверсификатсияи ҷараёни расонидани молҳои содиротӣ ва воридатӣ марҳила ба марҳила ҳал намуда, робитаҳои нақлиётии худро бевосита бо тамоми кишварҳои ҳамсоя мустаҳкам месозад.

Зарурати ба кишвари транзитӣ табдил ёфтани Тоҷикистон яке аз афзалиятҳои дарозмуддати рушди иқтисодӣ мебошад, ки тавассути як қатор омилҳо тафсир гардидааст. Омили асосӣ аз он иборат аст, ки аз шаш долонҳои транзитии Созмони Ҳамкориҳои минтақавии Осиёи Марказӣ (САРЭС) чор ададаш аз қаламрави Тоҷикистон мегузаранд. Аз ҳудуди Тоҷикистон инчунин долонҳои байналмилалии Созмони иқтисодии Авруосиё, Шоҳроҳҳои Осиёӣ ва ТРАСЕКА мегузаранд.

Тоҷикистон миёни кишварҳои минтақа шабакаи аз ҳама ками (наздик ба 30 ҳазор км) роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум ва идоравиро дорад. Новобаста аз ин қисми зиёди роҳҳои автомобилгард дар ҳолати на он қадар хуби истифодабарӣ қарор доранд. Аз ин сабаб, дар Барномаи далатии рушди нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2025 таваҷҷуҳи асосӣ ба сафарбар намудани маблағҳои зиёд ба таҷдид ва навсозии рӯйпӯши роҳ [148] зоҳир гардидааст. Ҳамчунин, вазифа гузошта шудааст, ки 734 км роҳҳо то ба дараҷаи категорияи якум расонида шаванд, ки он тахминан 160 млн. доллярро талаб менамоянд [148].

Вобаста аз ин Ҳукумати Тоҷикистон се самти афзалиятноки рушди шабакаи нақлиёти автомобилии кишварро нисбати долонҳои нақлиёти автомобилии тавассути кишвар гузаранда муайян намудааст:

– самти якум – аз сарҳади Ӯзбекистон, тавассути Хуҷанд, Душанбе ва Панҷи Поён ба сарҳади Афғонистон;

– самти дуюм – аз сарҳади Қирғизстон тавассути Қарамиқ, Ваҳдат, Душанбе ва Турсунзода ба сарҳади Ӯзбекистон;

– самти сеюм – аз Душанбе тавассути Кӯлоб, Қалаихумб, Хоруғ, Мурғоб, ағбаи Кулма ба сарҳади Ҷумҳурии мардумии Чин, ки сохтмон ва таҷдиди ин шоҳроҳ маблағи наздики 800 млн.долл. тақозо менамояд [148].

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 гуфта шудааст, ки «... Бо мақсади беҳтар намудани вазъи роҳу шоҳроҳҳо ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон дар панҷ соли охир 13 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ дар соҳаи нақлиёт ба маблағи 5013 миллион сомонӣ амалӣ гардида, дар натиҷа 250 километр роҳ сохта шуда, 42 пул, чор долон ва чанд гузаргоҳ бунёд гардида, айни замон дар ин соҳа 17 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии 11 миллиард сомонӣ амалӣ карда мешавад» [148]. Дар се соли оянда 6 лоиҳа ба маблағи 7,4 миллиард сомонӣ ба анҷом расида, 317 километр роҳи байналмилалии мошингард, 32 пул, 5 нақб бо дарозии 11,2 километрв а 7 долон ба истифода дода мешавад”[151].

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023 зикр шудааст, ки «... дар ояндаи наздик роҳҳои кишвар ҳамчун долонҳои транзитӣ ва иқтисодӣ барои хатсайрҳои Чин – Тоҷикистон – Афғонистон ва Чин – Тоҷикистон – Ӯзбекистон – Туркманистон – Эрон – Туркия – Аврупо, инчунин Тоҷикистон – Чин – Покистон хизмат хоҳанд кард» [152]. Роҳбари давлат инчунин зикр карданд, ки ба ҷуз аз сохтмон ва ба истифода додани роҳҳои автомобилгард, масъалаи истифодаи самаранок ва нигоҳдории дурусти иншооти сохташударо низ бояд ба таваҷҷуҳ гирифт.

Аз омӯзиши адабиёти илмӣ ва методӣ дар соҳаи истифодабарии механизмҳои шарикии давлат бо бахши хусусӣ дар соҳаҳои хоҷагии халқи кишварҳои ҷаҳон ба хулосае омадан мумкин аст, ки шарикии давлат бо бахши хусусӣ як усули ба таври васеъ паҳншудаи ҳалли татбиқи лоиҳаҳои калони барои ҷомеа зарури инфрасохторӣ, аз ҷумла, инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ, мебошад.

Ҳукуматҳо ё мақомоти олии иҷроияи ҳар як давлат майл ба таҳия ва риояи нуқтаи назари системавӣ дар омодасозӣ ва татбиқ кардани лоиҳаҳои шарикии давлат бо бахши хусусиро (ШДХ) доранд. Дар ин маврид ҳадафи Ҳукуматҳо нисбати истифодабарии ШДХ ҷалб намудани бахши хусусӣ ба рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақа, ҷалби сармоя ба сохтмони инфрасохтори нав ва таҷдиди объектҳои мавҷудаи инфрасохтори нақлиёти ҷамъиятӣ мебошад. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ яке аз усулҳое мебошад, ки барои бунёди инфрасохтори ҷамъиятӣ ё амалисозии хизматрасонии ҷамъиятӣ истифода мешавад. Мавриди зикр аст, ки дар сиёсати мавҷуда ҳеҷ гоҳ афзалияти аввалиндараҷа ба ШДХ нисбат ба дигар усулҳои рушди инфрасохтор дар кишвар ва механизмҳои ҷалби инвеститсияҳои хусусӣ ба бахши инфрасохторию иқтисодӣ дода намешавад.

Механизмҳои ШДХ (шартҳои Давлатӣ-Ҳудудӣ) воқеан метавонанд манфиатҳои зиёдеро ба сатҳи иқтисодиёт ва рушди ҷомеа расонанд. Онҳо ба ҳукумат имкон медиҳанд, ки лоиҳаҳои инфрасохториро бо сифати баланд ва нархҳои мувофиқ ба анҷом расонанд. Ин усул на танҳо барои коҳиш додани хароҷот кумак мекунад, балки барои такмили сифати хизматрасониҳо ва инфрасохтори давлатӣ низ манфиатбахш аст. Вобаста ба истифодаи механизмҳои ШДХ муҳим аст, ки таносуби "нарх – сифат" аз харидҳои анъанавӣ ба таври назаррас беҳтар бошад. Ҳолати мазкур метавонад тавассути арзёбии амиқ ва дурустии лоиҳаҳо, ба назар гирифтани хусусиятҳои маҳал ва талаботи маҳаллӣ, инчунин иштироки фаъолонаи истифодакунандагон дар раванди қабули қарорҳо ба даст ояд.

Ба ин далел, ҳукумат ҳамзамон кӯшиш менамояд, ки барои иҷрои вазифаҳои пешбинишуда дар соҳаи сиёсат дар самти ҷалби сармояи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии маҳаллӣ, ҳамчунин шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ва иттиҳодияҳои онҳо (консорсиумҳо) шароити мусоид фароҳам оварда шавад.

Татбиқи чунин сиёсат ҳамчунин фазои бовариро барои сармоягузорони эҳтимолӣ ва ташкилотҳои молиявӣ оид ба дастгирии давлатии лоиҳаҳои ШДХ таъмин менамояд.

Дар маҷмуъ бояд гуфт, ки рушди ШДХ барои давлат яке аз масъалаҳои муҳим ва афзалиятнок ба ҳисоб меравад. Ҳукумат мефаҳмад, ки намояндагони бахши хусусӣ ба ҳимояи ҳуқуқҳои моликиятии худ ва ба даст овардани кафолати ҳуқуқии зарурӣ барои амалӣ кардани лоиҳаҳои ШДХ (шарикии давлат ва бахши хусусӣ) ниёз доранд. Аз ин рӯ, он ба эҷоди шароити ҳуқуқӣ, институтсионалӣ ва сиёсӣ барои амалӣ намудани чунин лоиҳаҳо ва таъмин кардани манфиатҳои ҷомеа таваҷҷуҳ мекунад. Ташкили дурусти омодасозӣ ва идораи лоиҳаҳо низ дар муваффақияти онҳо нақши калидӣ мебозад.

Бинобар ин, ҳадафҳои аввалиндараҷаи рушди ШДХ аз ҳолатҳои зерин иборат аст [157]:

- Бунёди инфрасохтори нав ва навкунии инфрасохтори мавҷуда.
- Коҳиш додани арзиш ва беҳтар намудани сифати сохтмон ва истифодаи инфрасохтор.
- Баланд бардоштани фоиданокии идора ва хизматрасонии техникии инфрасохтор дар тамоми давраи бозордошти он.
- Таҳкими дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои муҳим.
- Баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои ҷамъиятӣ.
- Истифодабарии таҷриба, технология ва ноу-хауи бахши хусусӣ.

Ҳадафҳои иловагии рушди ШДХ инҳоянд:

- Баланд бардоштани пешгӯии хароҷоти буҷети давлатӣ, буҷети субъектҳои давлатӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ.
- Бунёди маданияти мизоҷпарастӣ дар амалисозии хизматрасониҳои маҷмуавӣ.
- Ҳавасмандсозии инноватсияҳо.

- Таъсис додани шароит барои рушди босуръати фаъолияти соҳибкорӣ.
- Бартарафсозии монеаҳо дар истифодаи воситаҳои буҷети давлатӣ.
- Баланд бардоштани шаффофият ва масъулияти бахши ҷамъиятӣ дар раванди истифодаи кор ва хизматрасониҳо аз ҷониби шахсони алоҳида.

Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки айни замон таърифи ягонаи шарикии давлатӣ-хусусӣ (ШДХ), ки дар тамоми ҷаҳон қабул шуда бошад, вуҷуд надорад. Дар баъзе кишварҳо, мафҳуми "ШДХ" дар қонунгузорӣ маънои маҳдуд дорад, ки танҳо лоиҳаҳои шакли муайянро дар бар мегирад. Дар баъзе кишварҳои дигар, ШДХ истилоҳи умумӣ аст, ки фарогири ҳама намуди ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ дар асоси шартнома ё принсипҳои институтсионалӣ мебошад.

Давлат роҳи гузашт карданро қабул мекунад: доираи ШДХ маҳдуд нест ва лоиҳа метавонад барои ШДХ дорои шароити зерин бошад [157]:

- ✓ Пешниҳоди инфрасохтори ҷамъиятӣ ё хизматрасонии ҷамъиятӣ ба шарики хусусӣ, ки одатан аз ҷониби субъектҳои ҷамъиятӣ-ҳуқуқӣ таҳия ва пешниҳод мешавад.
- ✓ Хусусияти дарозмуддат доштани шарикӣ.
- ✓ Иҷрои уҳдадорӣ аз ҷониби шарики хусусӣ барои таҷдид ва истифода ё хизматрасонии техникии объекти ШДХ (инфрасохтори ҷамъиятӣ) ё хизматрасониҳои ҷамъиятӣ.
- ✓ Тақсимоти хавфҳо байни давлат ва шарики хусусӣ.
- ✓ Пурра ё қисман таъмин кардани маблағ (бо истифода аз воситаҳои худӣ ё қарзӣ) барои амалӣ кардани лоиҳа аз тарафи шарики хусусӣ.

Таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки дар аксари лоиҳаҳои ШДХ бахши хусусӣ қисмати асосии хароҷоти молиро ба уҳда мегирад. Ҳамчун ин, пурра ба бахши хусусӣ вогузор кардани масъулияти

маблағгузорӣ бо принсипҳои асосии ҳамкорӣ байни давлат ва бахши хусусӣ мувофиқат намекунад.

Инчунин, дар бораи лоиҳаҳои ШДХ (шарикии давлат ва бахши хусусӣ) бояд қайд намуд, ки созишномаи байни тарафҳо ба гунаи баргардандагӣ аст. Ин маънои онро дорад, ки бахши хусусӣ, ки маблағгузорӣ мекунад, маблағҳоро бо роҳи гуногун бармегардонад. Ин метавонад тавассути пардохтҳои истифодабарандагони ниҳоии хидматрасониҳои ҷамъиятӣ (масалан, тариқи хидматрасониҳои роҳҳо, нақлиёти ҷамъиятӣ ва ғайра) ва ё тавассути маблағҳои буҷетӣ (аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ) анҷом ёбад. Баъзан баргардонидани маблағҳо метавонад аз якчанд манбаъҳои молиявӣ якҷо анҷом гирад.

Дар лоиҳаҳои ШДХ давлатро ҳамчун шарик мақомоти ҳокимияти давлатӣ ё мақомоти худидораи маҳаллиро намояндагӣ мекунанд.

Ба сифати шарики хусусӣ танҳо шахсони ҳуқуқии дар асоси қонунгузории амалкунанда бақайдгирифташуда метавонад иштирок намоянд. Ин маҳдудият танҳо дар вақти бастани шартномаи ШДХ амал мекунад, яъне дар озмун шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ҳам метавонанд иштирок кунанд, ба шарте, ки онҳо тавонанд дар ҳолати интихоб шудан, ширкати татбиқи лоиҳаро мувофиқи талаботи қонунгузории кишвар ба роҳ монда, ба сифати шарики хусусӣ баромад кунанд. Варианти дигар ҳам вуҷуд дорад: шарики хусусӣ метавонад ҳам шахси ҳуқуқии мувофиқи қонунгузории кишвар бақайдгирифташуда ва ҳам намояндаи кишвари хориҷӣ бошад.

Дар ин маврид корхонаҳои давлатӣ ва маҳаллӣ, ширкатҳои давлатӣ ва копоратсияҳо, инчунин дигар шахсони ҳуқуқӣ, ки таҳти мансубияти давлат ҳастанд, наметавонанд бештар аз 49% ҳиссаи (саҳмияи) маблағгузори хусусиро соҳиб бошанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки муҳлати ШДХ дар доираи маҳдудияти муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ва ҳолатҳои зерин муайян карда мешавад:

а) даврае, ки бозордошти инфрасохтори аз тарафи шарики хусусӣ бунёдшуда, таҷдидгардида, истифодашуда ва ё амалигардида, муайян карда мешавад;

б) муҳлате, ки дар он шарики хусусӣ метавонад маблағҳои гузоштаашро (бо дарназардошти сармояи аз дигар сарчашма ҷалбкардашуда) баргардонида гирад;

в) муҳлате, ки дар он шарики хусусӣ бояд нишондиҳандаҳои муқарраргардида дар созишнома оид ба ШДХ (масалан, сатҳ ё ҳаҷми муайяни хизматрасонӣ)ро ҳамчун натиҷаи татбиқи лоиҳа ба даст орад, дар назар аст;

г) хусусиятҳои махсуси соҳа ё зерсоҳае, ки лоиҳаи ШДХ дар он амалӣ мешавад, низ аҳаммият доранд. Ин метавонад аз хосиятҳои техникии соҳа, талаботҳои хидматрасонӣ, ё хосиятҳои махсуси бунёд ё истифодаи инфрасохтор вобаста бошад.

Таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки системаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ (ШДХ) дар соҳаҳои гуногун, ба монанди нақлиёт, хоҷагии манзилӣ ва коммуналӣ, энергетика ва идоракунии давлатӣ самаранoктарин аст. Ин система инчунин дар соҳаҳои вобаста ба таъмини амният, алоқа, таълим, тиб, варзиш ва сайёҳӣ натиҷаҳои хуб медиҳад. Вақте ки қонунгузорӣ маҳдудиятҳоро дар истифодаи ШДХ муқаррар намекунад, он барои рушди инфрасохтор ва хизматрасониҳои соҳаҳои гуногун кумак мерасонад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ шаҳодат медиҳад, ки барои тадбиқи лоиҳаҳои ШДХ бояд сохтори ташкилии мувофиқе таъсис дода шавад, ки тавонад вазифаҳои зеринро иҷро намояд:

а) ташаккули минбаъда ва такмили сиёсат дар соҳаи ШДХ;

– **Нақшаи стратегӣ**: Таҳияи ҳадафҳои лоиҳа, рушди стратегияи амалӣ кардани он ва баҳодиҳӣ ба ниёзҳои ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор.

– **Ҳамоҳангсозӣ ва идоракунӣ**: Ташкили ҳамкориҳои байни

шарикони давлатӣ ва хусусӣ, идора кардани иштирокчиёни лоиҳа ва тақсим кардани вазифаҳо.

– **Таҳия ва таҳлили лоиҳаҳо**: Таҳияи пешниҳодҳо ва ҳуҷҷатҳои лоиҳа, баҳодиҳӣ ба хатарҳо, таҳлили самаранокии молиявӣ ва баҳодиҳӣ ба таъсири иҷтимоӣ.

– **Пойгоҳии ҳуқуқӣ**: Таҳия ва ба расмият даровардани шартномаҳо, таъмини риояи қонунгузорӣ ва ҳалли масъалаҳои ҳуқуқие, ки дар раванди амалисозии лоиҳа пайдо мешаванд.

– **Назорат ва идоракунии молиявӣ**: Таҳияи буҷет, мониторинги хароҷот, ҳисоботи молиявӣ ва баҳодиҳӣ ба самаранокии азхудкунии маблағҳо.

– **Идоракунӣ ва иттилоотрасонӣ**: Ташкили робитаҳо бо ҷонибҳои манфиатдор, гузаронидани машваратҳо ва огоҳ кардани ҷомеа дар бораи раванди лоиҳа ва натиҷаҳои он.

– **Мониторинг ва баҳодиҳӣ**: Назорати доимии иҷрои лоиҳа, ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот барои баҳодиҳӣ ба муваффақият ва самаранокии он, инчунин таҳияи ҳисобот дар бораи натиҷаҳо.

– **Идоракунии хатарҳо**: Шиносоӣ, таҳлил ва кам кардани хатарҳое, ки бо амалисозии лоиҳа алоқаманданд, инчунин таҳияи стратегияҳо барои бартараф кардани онҳо.

Мақомоте, ки вазифаи шарики давлатиро иҷро мекунад, мақоме мебошад, ки Ҳукумати кишвар онро барои иҷрои уҳдадориҳои шарикию давлатӣ дар лоиҳаҳои ШДХ вазифадор намудааст. Дар охир ҳамин мақомот масъул аст, ки дар заминаи истифоди ШДХ дар инфрасохтори нақлиёти автомобилии кишвар имкони мусоидро барои ҳаракати воситаҳои нақлиёти автомобилӣ созмон диҳад.

1.2. Таҳлили вазъи амалкунандаи инфрасохтори долонҳои байналмилалии нақлиёти автомобилӣ

Дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чандин маротиба зарурати рушди афзалиятноки инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ва таъсири он ба тағйироти сифатӣ ва сохтории ислоҳоти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд карда шуданд.

Аз ин рӯ, барои таҳлили системавии миқдорӣ ва сифатии рушди инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қадами аввалиндараҷа муайян сохтани маънои ин мафҳум тарзҳои тафриқасозӣ кардани он, инчунин алоқаҳои байни мафҳумҳои асосӣ, ба монанди системаи нақлиётӣ, нақлиёт ва инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ мебошад.

Дар маънои васеъ, системаи нақлиётӣ аз нақлиёт ва инфрасохтори он ташкил ёфтааст, ки ин рушди ҳамоҳангсозӣ ва фаъолияти ҳама намудҳои нақлиётро барои ба пуррагӣ қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ва иқтисодиёт дар ҳамлу нақли бору мусофирон бо хароҷоти камтарин дар бар мегирад.

Тавре аз ҳуҷҷатҳои расмии соҳаи нақлиёт бармеояд, нақлиёт як соҳаи асосӣ ва муҳимми иқтисодиёт мебошад, ки ҳамчун намуди фаъолияти иқтисодӣ ба рушди иқтисодии кишвар таъсир мерасонад. Аён аст, ки соҳаи мазкур таҳти назорати давлат қарор дошта, назорати маъмурӣ дар ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ анҷом дода мешавад, то сифати баланд ва самаранокии хизматрасонии нақлиётӣ таъмин гардад.

Рушди системаи нақлиётӣ дорои баъзе норасогиҳо мебошад, ки он бахусус ба экология таъсири манфӣ мерасонад. Аз ин рӯ, ҳавасмандӣ ё манфиати иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеа дар татбиқи лоиҳаҳои рушди

системаи нақлиётӣ бояд бо маблағгузории бевоситаи хизматрасонии нақлиётии хоҷагии халқ ва аҳолӣ муқоиса карда шавад.

Ин гуна хусусиятҳои системаи нақлиётӣ сифати инфрасохторро бо дараҷаи муайян муқаррар менамояд. Дар ҳар як лоиҳаи нав барои таъмини захираҳо дар самти сохтмони инфрасохтори автомобилӣ маблағҳои калон зарур мешавад. Таҷриба нишон медиҳад, ки марҳилаи ибтидоии татбиқи лоиҳа новобаста аз муҳлати тулонии ба истифода додани инфрасохтор маблағи зиёдро талаб мекунад. Бинобар ин, хароҷоти амортизатсионӣ, ки дар рафти иҷрои лоиҳа пайдо мешавад, ҳамчунин ба давраи дарозмуддат ба назар гирифта мешаванд.

Таҳқиқотҳо нишон доданд, ки талаботи аҳолӣ ба объектҳои сохташаванда (махсусан лоиҳаҳои соҳаи нақлиёти автомобилӣ) боиси тағйироти мутаносиби талаботи маблағгузорӣ намегарданд, зеро ҳамеша имконияти интихоби алтернативӣ вуҷуд дорад. Аммо, дурнамои зиёдшавии воситаҳои нақлиёт ҳамеша бо хавфҳои гуногун алоқаманд аст ва ин метавонад даромадҳои татбиқи лоиҳаро нисбат ба сатҳи нақшавӣ кам кунад. Вобаста ба ин, зарурати иштироки давлат дар маблағгузории лоиҳа дар баробари шарики хусусӣ пайдо мешавад. Маблағгузорӣ метавонад дар шаклҳои гуногун, ҳам дар шакли пулӣ ва ҳам натуралӣ анҷом дода шавад.

Ин хусусиятҳо бахши нақлиёти автомобилиро тавассути таъсири ҷиддӣ ба ташаккули манбаъҳо ва механизмҳои ҷалби захираҳо барои маблағгузории соҳа аз дигар соҳаҳо фарқ мекунонад. Нуқтаҳои дар боло зикргардида хусусиятҳои хосии бахши нақлиётро ифода мекунанд вабо дарназардошти хосиятҳои хосашон ҳар яки онҳо дар рафти тадқиқот истифода хоҳанд шуд.

Ҷадвали 1.1. - Дарозӣ ва сохтори роҳҳои автомобилгарди истифодаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 01.01.2023, км.

Минтақаҳо	Ҳамагӣ	Байналмилалӣ	Ҷумҳуриявӣ	Маҳаллӣ
ВМКБ	2715,00	1297,00	384,00	1034,00
Суғд	3461,00	732,00	364,00	2365,00
Бохтар	2780,00	428,00	341,00	2011,00
Минтақаи Кӯлоб	2469,00	304,00	446,00	1719,00
Минтақаи Рашт	954,00	300,00	172,00	482,00
Минтақаи Ҳисор	1970,00	287,00	420,00	1263,00
Ҳамагӣ дар ҶТ	**14349,00**	**3348,00**	**2127,0**	**8874,00**

Сарчашма: Ҳисоботи омории Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023.

Тавре аз омори давлатии соли 2023 дида мешавад, шабакаи роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 01.01.2023 ба 14349 км баробар аст (ҷадвали 1.1), ки аз онҳо 3348 километрро роҳҳои таъиноти байналмилалӣ (дар мувозинаи ҳукумати ҷумҳурӣ қарор доранд), 2127 километрро роҳҳои таъиноти ҷумҳуриявӣ (онҳо ҳам дар мувозинаи ҳукумати ҷумҳурӣ қарор доранд) ва 8874 километрро роҳҳои таъиноти маҳаллӣ (дар мувозинаи субъектҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд) ташкил медиҳад.

Таҳлили ҳисоботи омории Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ба ҳолати 1 январи соли 2023 - 40,0% роҳҳои автомобилгарди ҷумҳуриявӣ ва зиёда аз 60,0% роҳҳои маҳалӣ ба талаботҳои меъёрии нишондиҳандаҳои нақлиётӣ-истифодабарӣ ҷавобгӯ нестанд.

Тавре аз нишондодҳои ҷадвали 1.1 дида мешавад, аз миқдори умумии роҳҳои дар тавозуни Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷудбуда, 23,4 % -ро роҳҳои байналмилалӣ, 14,8% - ро роҳҳои ҷумҳуриявӣ ва 61,8% -ро роҳҳои маҳаллӣ ташкил менамоянд.

Нишондиҳандаҳои асосии истифодабарии роҳҳои автомобилгарди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷадвали 1.2 оварда шудаанд.

Ҷадвал 1.2. – Динамикаи истифодабарии роҳҳои автомобилгарди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2005-2023

Нишондиҳандаҳо	2005	2010	2015	2020	2023	2023/2005
Дарозии роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум,км	13803	14141	12809	14220	14349	104,0
Роҳҳои автомобилгард бо рӯпӯши сахт, км	5245	5515	5251	6217	6254	119,2
Зичии роҳҳо, км/1000 км^2	96,62	100,1	90,6	104,7	105,3	108,9
Гардиши бор тавассути нақлиёти автомобилӣ млн.ткм	2903,0	5005,0	5995,5	7800,8	10702,3	368,7
Шиддатнокии боркашонӣ ба 1 км дарозии роҳ, ткм	210,3	354,0	468,1	548,6	745,9	354,7
Гардиши мусофирон, млн.мкм	6481,7	9698,7	9230,1	8244,7	10361,9	159,9
Шиддатноки мусофирбарӣ, млн. мкм	469,6	685,9	720,6	580,0	722,1	153,8
ММД, млн.сомони	7206,6	24707,1	50977,8	82643,0	115739,4	16,1 бар.
ММД ба 1 км роҳ, сомони/км	552,10	1747,2	3979,8	5582,9	8066,0	15,4 бар.

Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумоти расмии Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон; Тоҷикстон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ. Маҷмуи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021;.Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2023.Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024 таҳия карда шудааст.

Нишондодҳои ҷадвали 1.2 дар давраи солҳои 2005-2023 ҳолатҳои зеринро нишон медиҳанд:

– зичии роҳҳо: роҳҳои автомобилгарди дорои рӯйпӯши сахт дар давраи таҳлилӣ 118,53% афзоиш ёфтаанд.

– шиддатнокии боркашонӣ дар роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум беш аз 3,5 маротиба зиёд шудааст.

– шиддатнокии мусофирбарӣ дар роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум дар ин давра 58,8% афзудааст;

– маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба 1 км роҳҳои автомобилгард дар давраи таҳлилӣ зиёда аз 15 маротиба афзоиш ёфтааст;

– динамикаи коҳишёбии (беш аз 30% дар давраи таҳлилӣ) хароҷоти маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар ин натиҷаи тамоюли мусбати рушди технология ва навовариҳо дар истеҳсоли маҳсулоти соҳаҳои иқтисоди

кишвар, махсусан, беҳтар шудани вазъият дар соҳаи инфрасохтори нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Бояд гуфт, ки нақлиёти автомобилӣ дар системи нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи ҳеле баландро ҳам дар боркашонӣ ва ҳам дар мусофирбарӣ дорад (ҷадвали 1.3).

Ҷадвали 1.3. – Динамика ва таркиби кори нақлиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2005-2023

Нишондиҳандаҳо	2005	2010	2015	2020	2023	**2023/2005**
Ҳаҷми умумии боркашонӣ, ҳаз. Тонна	38593,7	59327,4	74431,8	85381,9	113941,4	**295,2**
аз ҷумла: тавассути нақлиёти автомобилӣ	26476,0	48879,6	68304,1	79075,9	107856,3	**407,4**
Ҳиссаи хоси нақлиёти авто-мобилӣ дар боркашонӣ,%	**68,6**	**82,4**	**91,8**	**92,6**	**94,7**	**138,0**
Ҳамагӣ гардиши бор, млн.ткм	2902	5005,0	5995,5	7800,8	10702,3	**368,8**
аз ҷумла тавассути нақлиёти автомобилӣ	1828,5	4143,9	5672,3	7525,6	10426,3	**570,2**
Ҳиссаи ҳоси нақлиёти автомобилӣ дар гардиши бор,%	**63,0**	**82,8**	**77,3**	**94,5**	**97,4**	**154,6**
Ҳаҷми мусофирбарӣ млн.мус.	398,2	551,1	564,5	653,7	853,7	**214,4**
аз ҷумла тавассути нақлиёти автомобилӣ.	380,5	527,2	553,1	633,8	806,1	**211,9**
Ҳиссаи хоси нақлиёти автомобилӣ дар ҳаҷми умумии мусофирбарӣ, %	**95,6**	**95,7**	**98,0**	**97,0**	**94,4**	**98,7**
Гардиши мусофирон, ҳамагӣ млн.мус.км	6481,7	9896,7	9230,1	8244,7	10361,9	**159,9**
аз ҷумла, бо нақлиёти автомобилӣ	6330,3	7037,8	7137,2	7350,9	8478,3	**133,9**
Ҳиссаи ҳоси нақлиёти автомобилӣ дар ҳаҷми умуми гардиши мусофирон,%	**97,7**	**70,1**	**77,3**	**89,9**	**81,8**	**83,7**

Сарчашма: Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ. Маҷмуи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2023.Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024.

Тавре аз нишондодҳои дар ҷадвали 1.3 овардашудаи солҳои 2005-2023 дида мешавад, нақлиёти автомобилӣ нақши пешбарандаро дар системаи

ягонаи нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам дар боркашонӣ ва ҳам дар мусофирбарӣ дорад. Ҳиссаи хоси нақлиёти автомобилӣ дар боркашонӣ дар давраи таҳлилӣ ба андозаи 135,0% афзоиш ёфтааст. Яъне, ҳиссаи хоси боркашонӣ тавассути нақлиёти автомобилӣ тамоюл ба болоравӣ дорад. Ҳамин тавр, дар давраи таҳлилӣ тағйироти муҳимми сохторӣ дар ҳаҷми боркашонӣ ба нафъи нақлиёти автомобилӣ мушоҳида мешавад. Дар маҷмуъ ҳиссаи нақлиёти автомобилӣ дар самти боркашонии системаи ягонаи нақлиётии кишвар дар соли 2023 ба 94,7% расида, он тамоюл ба афзоиш (154,6%) дорад. Дар ҳаҷми мусофирбарӣ тамоюли бо суръати баланд зиёдшавӣ (214,4%)мушоҳида гардида, нишондиҳандаи нақлиёти автомобилӣ бо суръати каме пастар (211,9 %) афзудааст. Гардиши мусофирон дар ҳамин давраи таҳлилӣ тамоюли болоравӣ (159,9%) дорад, ки дар он мусофирбарӣ тавассути нақлиёти автомобилӣ бо суръати нисбатан пастар (133,9%) афзоиш ёфтааст. Ҳамин гуна тамоюлро, вале бо шиддатнокии камтар нақлиёти автомобилӣ нисбати дигар намудҳои нақлиёт дорад. Дар ин ҷо ҳиссаи хоси нақлиёти автомобилӣ дар давраи таҳлилӣ бо лаппишҳои аз 95,6% то ба 94,4% тағйир меёбад, ки дар натиҷаи рақобат миёни нақлиёти байналмилалии автомобилӣ бо нақлиёти ҳавоӣ ва роҳи оҳан ба ҳисоб гирифта шудааст. Ин ҳам дар ҳолест, ки нақлиёти ҳаво ва роҳи оҳан нисбат ба нақлиёти автомобилӣ аз вазъи инфрасохтории соҳа вобастгии камтар доранд.

Бар асоси ин таҳқиқот, инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ҳамчун маҷмуи роҳҳо (қитъаҳои замин ва ҷузъҳои конструктивӣ, ба монанди рӯйпӯши роҳ ва ғайра); иншооти муҳандисӣ барои ҳаракати воситаҳои нақлиёт (конструксияҳои купрукҳо, хатҳои роҳ, эстакадаҳо ва ғайра); иншооти гидротехникӣ (нақбҳо ва иншооти зиддитармавӣ (галереяҳо)); объектҳои хизматрасонӣ дар шафати роҳ (нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ, меҳмонхонаҳо ва ғайра); ҷузъҳои ободонии роҳ (аломатҳои роҳ, чароғаки

роҳ ва дигар таҷҳизоти танзимкунандаи ҳаракати нақлиёт) ва идораҳои хизматрасонии роҳ фаҳмида мешавад.

Аз ин сабаб, рушди нақлиёти автомобилӣ ва инфрасохтори он яке аз воситаҳои пешрафти боркашонӣ ва мусофирбарӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дар азхудкунии анбуҳи бору мусофирон дар самтҳои байналмилалӣ саҳми арзанда дошта, метавонад бо нақлиёти роҳи оҳан ва ҳавоӣ рақобати арзанда дошта бошад. Дар давраи таҳлилӣ гардиши бор тавассути нақлиёти автомобилӣ наздики се маротиба афзоиш ёфта, рушди ҳаҷми боркашонӣ бошад ба 4 маротиба баробар гардидааст. Тағйироти сохтории мусбати нақлиёти автомобилӣ (5,7 маротиба) нисбати гардиши бор дар системаи ягонаи нақлиётии кишвар 3,7 маротибаро ташкил медиҳад.

Ҳамин тариқ, сарбории асосии боркашонӣ ва мусофирбарӣ ба дӯши нақлиёти автомобилӣ ва мутаносибан ба инфрасохтори рӯизаминии он – роҳҳои автомобилгарди Ҷумҳурии Тоҷикистон рост меояд.

Дар қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ” №47 аз 10.05.2002 дарҷ гардидааст, ки “Роҳи автомобилгард – маҷмуи ҷузъҳои аз ҷиҳати вазифа ба ҳам алоқаманди конструктивӣ ва иншоотҳои муҳандисиест, ки дар он ҳаракати доимии бехатари автомобилҳо ва воситаҳои дигари нақлиёт бо суръат, вазн ва андозаҳои муқарраршуда сурат мегирад ва нигоҳдории ҳолати зарурии нақлиётиву истифодабаририи иншоотҳои роҳдориро дар қитъаҳои замин ва дар фазои ҳаво, дар ҳудудҳои муқарраршуда, ки барои ҷойгиркунии комплексҳо ҷудо шудаанд, таъмин менамояд”. Ҳамин тавр, роҳҳои дар ҳудуди як минтақа (вилоят) қарордошта шабакаи роҳи автомобилгарди минтақавӣ (вилоятӣ)-ро ташкил медиҳанд.

Роҳҳои автомобилгард аз рӯи вазифа ва тавсифоташон фарқ мекунанд. Нигоҳдорӣ, барқароркунӣ, таҷдид ва сохтмон аз тарафи ташкилот ва муассисаҳои гуногуни новобаста ба якдигар ба анҷом

расонида мешаванд. Ин бори дигар исбот мекунад, ки сохтани силсилаи мураттаби ягона, дақиқ ва фаҳмои роҳҳо барои системаи идораи роҳҳои автомобилгард хеле зарур аст.

Бояд таъкид кард, ки дар Тоҷикистон Вазорати нақлиёт барои сохтмон, истифода ва нигоҳдории роҳҳо масъул аст. Ин мақомот стандартҳои техникӣ ва сифати роҳҳоро назорат мекунад. Ғайр аз ин, вазорат фаъолияти шаш идораи минтақавии нақлиётиро идора мекунад, ки бевосита бо нигоҳдорӣ ва истифодаи роҳҳо дар минтақаҳои худ сарукор доранд. Ин идораҳо ҳолати роҳҳоро таҳти назорат қарор дода, кори онҳоро таъмин мекунанд.

Илова бар ин, дар тобеияти вазорати нақлиёт 60 муассисаҳои нигоҳдории роҳҳо мавҷуд ҳастанд, ки масъули нигоҳдорӣ ва истифодабарии роҳҳо дар тамоми кишвар мебошанд.

Нақши муҳимро дар рушди роҳҳои автомобилгард ташаккули силсиламураттаби роҳҳо ташкил мекунанд. Силсиламураттаби роҳҳо – ин низоми ташкилот ва истифодаи роҳҳо аст, ки онҳо мувофиқи аҳаммият ва мақсади функсионалӣ бо дарназардошти нақши иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва стратегӣ тақсим мешаванд. Ин силсиламураттабӣ метавон ҳамчун пирамида тасаввур кард, ки дар он роҳҳо вобаста ба мақсади истифода ва роҳи танзими ҳаракати нақлиётӣ ҷудо мешаванд. Ҳар як роҳ нақши худро дар шабакаи умумии роҳҳо мебозад. Мақсади чунин тақсимот – эҷоди системаи самараноки роҳҳо аст, ки барои беҳтар намудани ҳамкории байни ташкилотҳое, ки масъули нигоҳдорӣ ва идоракунии онҳо мебошанд, кумак мекунад. Силсиламураттаби роҳҳо дар дақиқӣ, дастрасӣ, муттаҳаррикӣ ва вазифаҳои берунаи онҳо ифода меёбад. Силсиламураттаби (иерархияи) роҳҳо дар навбати худ метавонад заминаро барои банақшагирии доимӣ ва системаи идоракунии онҳо ташаккул диҳад, ки ҳадафаш аз байн бурдани такрори вазифаҳои ба ҳам мувофиқ мебошанд.

Системаи роҳҳо вобаста аз аҳаммияти функционалӣ ва нақши онҳо дар инфрасохтори нақлиёт ба гурӯҳҳои гуногун тақсим мешавад. Роҳҳои умда (алтернативӣ) ҳаракати асосиро таъмин мекунанд, роҳҳои дуюмдараҷа (коллекторӣ) минтақаҳоро мепайванданд ва дастрасӣ ба шоҳроҳҳои асосиро фароҳам меоранд. Роҳҳои дараҷаи сеюм (фаръӣ) бошад барои дастрасӣ ба нуқтаҳои дурдаст ва ҳудудҳои хусусӣ хизмат мекунанд. Ин таснифот ба рафти идоракунии самаранок ва барномарезии рушди инфрасохтор кумак мекунад.

Роҳҳои артериалӣ шоҳроҳҳои асосии шабакаи роҳҳои автомобилгарди кишварро ташкил медиҳанд. Ба онҳо роҳҳои байналмилалӣ ва байниминтақавии дохили кишвар, инчунин долонҳое, ки робитаҳои байналмилалӣ ва байниминтақавии савдоро таъмин менамоянд дохил мешаванд. Ин гуна роҳҳо ҳамчунин нақши статегӣ доранд. Роҳҳои коллекторӣ – ин роҳҳои дуюмдараҷа мебошанд, ки шоҳроҳҳои асосиро бо кӯчаҳои маҳаллӣ мепайванданд ва дастрасиро ба маҳалҳои зисти аҳолӣ, тиҷоратӣ ва саноатӣ таъмин мекунанд. Онҳо дар тақсимоти ҳаракати нақлиёт нақши муҳим мебозанд, зеро пайвасти минтақаҳо дастрасии осон ба роҳҳои артериалӣ аз ҳисоби онҳо таъмин мегардад.

Ба роҳҳои фаръӣ роҳҳое, ки нуқтаҳои аҳолинишинии деҳотро ба ҳам мепайванданд, инчунин роҳҳои дохилихоҷагӣ, роҳҳои ба шаҳрҳо ва шоҳроҳҳо, муассисҳои тандурустӣ ва маориф баранда дохил мешаванд.

Бояд гуфт, ки силсиламураттаби роҳ барои муайян кардани гурӯҳи роҳ истифода бурда шуда, дар самти саривақт ва дуруст қабул кардани қарор нисбати сохтмон ва нигоҳдории роҳ мусоидат менамояд ва ба амалиёти мувофиқашудаи мақомоти масъул кумак мекунад. Сислиламураттаби роҳҳо нақши муҳимро дар тарҳрезӣ ва банақшагирии инфрасохтори нақлиёт мебозад, зеро масъалаҳои ташкил намудани роҳҳо, самаранокии хатсайрҳо ва муносибгардонии ҳаракат тавассути он ҳалли худро меёбанд. Илова бар ин, ин система барои идоракунии ҳаракати

нақлиёт нақши муҳимро иҷро намуда, ба танзими ҷараёни воситаҳои нақлиёт, бехатарии ҳаракат дар роҳҳо ва беҳтар намудани хизматрасонӣ ба истифодабарандагон мусоидат менамояд. Ҳамаи ин ба мақомоти давлатии дахлдор кумак мекунад, ки вазифаҳои худро самаранок иҷро намуда, нисбати рушди инфрасохтори нақлиёт қарорҳои дуруст қабул намоянд.

Сабаби асосии муайян кардани силсиламураттаби роҳ – таъмин намудани нигоҳдории беҳтар, мутобиқ гардидан ба ҳуҷҷатҳои ягонаи меъёрию ҳуқуқӣ, стандартҳо ва вазифаҳои асосии роҳ мебошад. Муқаррар кардани силсиламураттабӣ инчунин барои истифодаи оқилонаи воситаҳои молиявии ҷудошуда дар қитъаҳое, ки бештар диққат талаб мекунанд, зарур аст. Ин имконият медиҳад фондҳои ҷудошуда самаранок тақсим карда шаванд.

Силсиламураттабии ба таври зарурӣ ташкилшудаи роҳ маҳдудиятҳои ба шиддатнокии баланди ҳаракат таъсиркунандаро тавассути тадбирҳои зерин аз байн мебаранд:

– теъдоди зиёди нақлиёти автомобилиро, ки масофаи зиёдро тай мекунанд, ба хатсайрҳои шумораи ками нақлиётдошта мегузаронанд;

– истифодабарии муносиби замин ва танзмими фаъолияти якҷоянашаванда бо шиддатнокии мувофиқи ҳаракат ва воситаҳои монеасозандаи ҳаракат таъмин карда мешавад;

– ҳамон минтақаҳо нигоҳ дошта мешаванд, ки дар онҳо ин ё дигар намуди ҳаракат имконнопазиранд (масалан, ҳаракати воситаҳои нақлиёти гаронвазн дар шаҳр).

Гурӯҳбандии функсионалӣ дар натиҷаи тарҳрезӣ ва банақшагирии инфрасохтори нақлиёт ба системавӣ кунонидани ҷанбаҳои гуногун, ки барои истифодаи самараноки лоиҳаҳо ва идоракунӣ зарур мебошанд, марбут аст. Ба ин гурӯҳбандӣ ҳолатҳои зерин шомиланд:

1. **Таъиноти системаи лоиҳакашӣ** – муайян кардани ҳадафҳо ва вазифаҳое, ки системаи лоиҳакашӣ бояд иҷро кунад.

2. **Тақсимоти фондҳо** – муносибгардонии захираҳои молиявӣ барои амалӣ кардани лоиҳаҳо.

3. **Арзёбии фазои роҳ** – таҳлили инфрасохтори мавҷуда барои муайян кардани мушкилот ва имкониятҳои беҳтаршавии роҳ.

4. **Арзёбии идоракунӣ** – арзёбии самаранокии усулҳои мавҷудаи идоракунии системаи нақлиётӣ.

5. **Стандартҳои лоиҳавӣ** – муқаррар кардани меъёрҳо ва стандартҳо барои тарҳрезӣ ва сохтмон.

6. **Ҷамъоварии маълумот** – ҷамъоварии иттилоот дар бораи ҷанбаҳои гуногуни фаъолият ҷиҳати қабули қарорҳои дуруст.

Ҳамаи ин унсурҳо кумак мекунанд, ки сифати тарҳрезӣ беҳтар гардад, идоракуниро самараноктар шавад ва мувофиқати талаботҳои муосир ва стандартҳо таъмин гарданд.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ” №47 аз 10.05.2002 силсиламуратаб ва гурӯҳбандии роҳҳои автомобилгард оварда шудаанд. Мувофиқи ин қонун, вазифаи роҳ ва меъёри асосии таҳияи силсиламураттаби роҳҳои автомобилгард ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад: ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ. Роҳҳои автомобилгарди ҷумҳуриявӣ ҳамаи роҳҳои асосӣ, аз ҷумла роҳҳои байналмилалӣ ва байниминтақавиро дар бар гирифта, метавонанд якуминдараҷа номида шаванд. Роҳҳои маҳаллӣ – роҳҳои фаръӣ (роҳҳои дараҷаи сеюм) номида шуда, нуқтаҳои аҳолинишинии деҳотро ба ҳам мепайванданд ва маҳз бо ин сабаб онҳо инфрасохтори иқтисодӣ ва иҷтимоии деҳот ба ҳисоб мераванд. Тибқи ин қонун, шоҳроҳҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳбандии техникӣ доранд, ки хосияти истифодабарии онҳоро вобаста аз нақшашон дар системаи роҳҳои автомобилгард, таъиноти функсионалии онҳо, параметрҳои геометрӣ, инчунин шароити ҳаракат дар роҳро дар бар мегиранд.

Гурӯҳбандии роҳҳо имкон медиҳад, ки онҳо бо якчанд маънои муҳим тасниф карда шаванд.

1. Шакли моликият – муайян менамояд, ки роҳ ба кӣ мансуб аст. Масалан, роҳҳо метавонанд давлатӣ ё хусусӣ бошанд.

2. Субъекти ҳуқуқи моликият – идоракунии роҳҳоро муайян менамояд: мақомоти давлатӣ, шахсони воқеӣ ё ташкилотҳо.

3. Таъиноти функсионалӣ – самти истифодаи роҳҳоро муқаррар менамояд: роҳҳои истифодаи умум, роҳҳои фаръӣ, ё роҳҳои истифодаи хусусӣ.

Дар Тоҷикистон роҳҳо дар асоси шакли моликият ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо мешаванд:

- Роҳҳои давлатӣ: Ин роҳҳо барои истифодаи умум пешбинӣ шуда, таҳти идораи Вазорати нақлиёт қарор доранд. Онҳо барои истифодаи ҳамаи шаҳрвандон сохта шудаанд ва дастрасӣ ба минтақаҳои гуногуни кишварро таъмин мекунанд.
- Роҳҳои идорӣ: Ин роҳҳо барои истифодаи махсус пешбинӣ шуда, ба онҳо роҳҳои дохили хоҷагӣ, ки аз онҳо танҳо шахсони муайян ё ташкилотҳо метавонанд барои ниёзҳои худ истифода намоянд, дохил мешаванд.
- Роҳҳои хусусӣ: роҳҳое, ки дар мансубияти шахсони воқеӣ қарор доранд.

Роҳҳои автомобилгарди кишвар дар асоси моликият ба гурӯҳҳои гуногун тақсим мешаванд. Ин гурӯҳҳо ба шарте муайян мешаванд, ки ки маълумот дар бораи моликияти роҳ дар кӣ мебошад:

1. Роҳҳои автомобилгарде, ки ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тааллуқ доранд – ин роҳҳо бо моликияти давлат, яъне Ҳукумати марказии кишвар, ки барои истифодаи умум пешбинӣ шудаанд, алоқаманд мебошанд.

2. Роҳҳои автомобилгарде, ки моликияти мақомоти ҳокимияти иҷроияи маҳаллӣ (Ҳукуматҳои маҳаллӣ) мебошанд – инҳо роҳҳое мебошанд, ки ба мақомоти маҳаллӣ, яъне мақомоти давлатӣ дар сатҳи маҳал (масалан, вилоятҳо, шаҳрҳо ё ноҳияҳо) тааллуқ доранд.

3. Роҳҳои автомобилгарде, ки моликияти шахсони алоҳида қарор доранд – ин роҳҳо, ки хусусӣ мебошанд, ба шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ, яъне ба одамон ё ширкатҳое, ки онҳоро сохта ё харидорӣ кардаанд, тааллуқ доранд.

Ин гуруҳбандӣ ҳангоми идоракунӣ ва хизматрасонии инфрасохтори роҳ, инчунин дар мавриди банақшагирии рушди ояндаи он метавонад истифода шавад.

Вобасата аз таъинот роҳҳои автомобилгарди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд:

1. Роҳҳои байналмилалӣ: шоҳроҳҳои асосие, ки робитаи нақлиётиро бо кишварҳои ҳамсоя таъмин менамоянд;

2. Роҳҳои аҳаммияти ҷумҳуриявидошта: роҳҳое мебошанд, ки минтақаҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳуриро бо ҳам мепайванданд;

3. Роҳҳои маҳаллӣ: роҳҳое мебошанд, ки маҳалҳои аҳолинишини минтақаҳои деҳотро бо марказҳои шаҳр ва ноҳияҳо пайваст мекунад;

4. Роҳҳои фаръӣ: роҳҳое мебошанд, ки дар назди корхонаҳои саноатӣ ё майдонҳои сохтмонӣ ҷойгиршуда ҳаракати воситаҳои нақлиётро дар дохили онҳо таъмин менамоянд;

5. Роҳҳои дохилишаҳрӣ – ин кӯчаҳо ва роҳҳое мебошанд, ки дар дохили шаҳрҳо ва маҳалҳои аҳолинишин ҷойгиранд. Онҳо барои таъмини ҳаракати воситаҳои нақлиёт ва пиёдагардон дар дохили шаҳр пешбинӣ шуда, микроноҳияҳо, маҳалҳои зист, объектҳои тиҷорӣ ва иҷтимоир бо ҳамдигар пайваст мекунанд. Роҳҳои дохилишаҳрӣ дар ташкили ҷараёни нақлиёти маҳаллӣ нақши муҳимро бозида, дастрасӣ ба хизматрасониҳо ва

инфрасохторро таъмин мекунанд ва ба рушди иқтисодӣ ва беҳдошти сифати зиндагии шаҳрвандон мусоидат мекунанд.

Бояд гуфт, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин силсиламуратаби дусатҳа истифода мешавад, ки одатан камбудиҳои зеринро доранд[9]:

– силсиламураттаби мавҷудаи дусатҳа, ки аз роҳҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ ташкил ёфтааст, ниҳоят маҳдуд буда, дар баъзе маврид ба кадом гурӯҳ дохил шудани роҳ номуайян боқӣ мемонад. Илова бар ин, он ҳама гуна шакли роҳҳои шабакаро дар бар намегирад. Роҳҳои идорӣ, роҳҳои дар дохили минтақа ба ҳисоб гирифтанашуда ва дохилихоҷагӣ ба силсиламураттаби мавҷудаи дусатҳаи роҳҳои кишвар дохил карда нашудаанд;

– таҳти мафҳуми роҳҳои ҷумҳуриявӣ роҳҳои байналмилалӣ, байниминтақавӣ, дохилиминтиқавӣ фаҳмида мешаванд. Ҳамаи ин намуди роҳҳо вазифаи алоҳида доранд. Чунин нофаҳмиҳо миёни роҳҳои дохилиминтақавӣ ва маҳаллӣ низ вуҷуд доранд. Ҳамзамон, бояд гуфт, ки силсиламураттаби мавҷуда фақат роҳҳои дар мувозинаи Вазорати нақлиёт қарордоштаро дар бар гирифта, роҳҳои маҳаллӣ ва дигар идораҳо ба силсиламураттаб дохил карда нашуданд;

– новобаста аз муҳимияти роҳҳои автомоилгард дар шабакаи роҳҳо идоракунӣ ва нигоҳдории ин роҳҳо дар ҳолати ғайриқаноатбахш қарор доранд;

– айни замон тақсимоти масъулиятҳои функсионалӣ дар сатҳи гуногуни ҷуғрофӣ (вилоятӣ, ноҳиявӣ, маҳаллӣ) вуҷуд надорад;

– баъзе аз муҳаққиқон [129] эътироф мекунанад, ки рушд наёфтани инфрасохтор ба талафоти ҳамарӯза ба андозаи то 3% аз ММД баробар мегардад;

– шумораи зиёди роҳҳои автомобилгард ва пулҳо зарурат ба таъмир ва таҷдид доранд;

– коҳишёбии қобилияти гузаронандагии роҳҳо: наздики 27% роҳҳои автомобилгардии ҷумҳуриявӣ бо сарбории барзиёд истифода бурда мешаванд ва рушди нокифояи шабаки роҳҳои маҳаллӣ зарурати иҷрои ҳамлу нақли борҳоро бо роҳҳои автомобилгарди ҷумҳуриявӣ ба вуҷуд меорад [15];

– дар умум, зиёда аз 40,0% роҳҳои автомобилгарди байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба як қатор нишондиҳандаҳои меъёрии истифодаи нақлиётӣ ҷавобгӯ нестанд.

– дарозии роҳҳои автомобилгарди ҷумҳуриявии ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯй ҳиссаи камро ташкил медиҳанд. Суръати миёнаи расонидани борҳо дар як шабонарӯз (24 соат) аз 50 то 100 км аст, дар ҳоле ки, дар кишварҳои Аврупо ин нишондиҳанда ба 1000 км баробар аст.

– номувофиқатии назаррас дар сатҳи рушди роҳҳои автомобилгард, бо автомобилҳо таъмин будан ва талабот ба ҳамлу нақл вуҷуд дорад: рушди бо автомобилҳо таъмин будани аҳолӣ дар солҳои 2002-2020 то ба 60% расида, дарозии роҳҳои истифодаи умум дорои рӯпӯши сахт 23% мебошад. Таркиби нақлиётӣ дар арзиши иловашуда нисбат ба нишондиҳандаҳои кишварҳои дигар хеле баланд буда, (нақлиётғунҷоиши ММД дар Россия – 1,7 ткм/1 доллар ММД, Хитой – 1,5 ткм/1 доллар ММД, ИМА – 0,5 ткм/1 доллар ММД) ҳиссаи нақлиёт дар хароҷоти ниҳоии маҳсулот 15-20%-ро дар муқоиса бо 7-8% - и дар кишварҳои пешрафта ташкил медиҳад. Нокифоя будани роҳҳои автомобилгарди ба стандартҳои муосир ҷавобгӯй дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати татбиқи технологияҳои инноватсиониро, ки на танҳо арзиши сохтмони роҳҳои навро коҳиш медиҳанд, балки муҳлати истифодаи онҳо ва сифати корҳоро баланд мебардоранд, талаб мекунад [61].

Муайян шуд [62], ки сатҳи пасти рақобатпазирии инфрасохтори нақлиёти кишвар бо як қатор омилҳо алоқаманд аст. Аз ҷумла, қафомонии

технологӣ, ки маънои онро дорад, ки инфрасохтор аз дастовардҳои муосир ва инноватсионӣ истифода намебарад. Ҳамчунин, мушкилот дар намуди нокифояи пойгоҳи меъёрӣ ва ҳуқуқӣ мебошад, ки маънои он нокифоя будани қоида ва стандартҳо барои идоракунии самараноки инфрасохтор аст. Бо вуҷуди он ки кишвар метавонад афзалиятҳои геополитикӣ дошта бошад, ин имкониятҳо пурра истифода намешаванд. Ин нишон медиҳад, ки барои беҳтар кардани системи нақлиётӣ зарурати истифодаи як равиши маҷмуавӣ зарур меояд, ки на танҳо навкунии технологияҳоро, балки таъсиси муҳити меъёриву ҳуқуқии самаранокро низ дар бар гирад.

Ҷадвали 1.4 – Ҳаҷми барномавии инвеститсия ба таҷдид ва сохтмони роҳҳои автомобилгард дар давраи солҳои 2015 - 2025, млн.доллари ИМА

Нишондиҳандаҳо	Ченак	то с. 2015	2015-2020	2020-2025
Таҷдид ва сохтмони роҳи автомобилгард, ҳамагӣ	км маблағ	711,8 215,1	1312,3 253,6	2141,4 429,6
Аз ҷумла роҳҳои автомобилгарди байналмилалӣ	км маблағ	609,3 194,8	734,0 161,0	1080,1 238,5
Роҳҳои автомобилгарди ҷумҳуриявӣ	км маблағ	102,5 20,2	578,1 92,0	1061,3 191,2
Таҷдид ва сохтмони пулҳо	метр маблағ	4854,0 8,1	6325,0 6,6	5786,0 5,5
Инвеститсия барои нигоҳдории роҳҳои автомобилгард	маблағ	63,5	166,8	287,4
Ҳамагӣ	Бо долл.ИМА Бо сомони	501,7 2209,0	680,2 2994,0	1152,2 5073,0

Сарчашма: Барномаи мақсадноки давлатии рушди комплекси нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2025.

Дар ҷадвали 1.4 натиҷаҳои арзёбии талаботи инфрасохтори системаи нақлиёти автомобилӣ дар солҳои 2015-2025 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст. Арзёбӣ дар доираи Барномаи давлатии рушди комплекси нақлиёти кишвар, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 апрели соли 2011, № 168 тасдиқ шудааст сурат гирифтааст.

Нишондодҳои дар ҷадвали 1.4 овардашуда на танҳо бо маблағгузории буҷетӣ имконпазиранд, балки бештари корҳо бо ҷалби маблағҳои бахши хусусӣ амалӣ мешаванд.

Тибқи маълумотҳои Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузориҳои хориҷӣ дар соли 2023 - 2354075,5 млн. доллари амрикоиро ташкил намуданд, ки аз он 60,9%-ро қарз ва 39,1%-ро карзи бебозгашти шарикони молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил намуданд (маълумоти муфассал дар замимаи диссертатсия оварда шудаанд).

Бинобар сабаби нокифоягии манбаъҳои молиявии мавҷуда татбиқи чорабиниҳои пешбинигардида ва рушди фаъолияти меҳнатию иҷтимоӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистон дар заминаи ҷалби маблағҳои хусусии ватанӣ ва хориҷӣ дар самти рушди инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ таъмин гардад ва аҳаммияти махсус пайдо мекунад.

Таҳлили адабиётҳои илмӣ нишон медиҳад, ки интихоби самтҳои афзалиятноки рушди инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ бояд барои аз байн бурдани маҳдудиятҳои рушди соҳа тибқи дастуроти калидии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №392 аз 1 октябри соли 2016 тасдиқ шудааст, мувофиқат намояд [9].

Бо ин роҳ, самтҳои асосии стратегияи рушди инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар ҷадвали 1.5 нишон дода шудаанд, имкониятҳои зеринро таъмин менамояд: таъмини рушди мутаносиби инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ва бартараф кардани номувофиқати минтақавӣ; ҷалби манбаъҳои нав барои афзоиши гардиши иқтисодӣ бо сохтани роҳҳои нав; ташкили пойгоҳи меъёрӣ барои ҳамоҳангсозии қонунгузории байналмилалӣ ва миллӣ дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ; ташкил кардани системаи ягонаи нақлиётии кишвар дар асоси рушди самаранок ва муфиди инфрасохтори долонҳои байналмилалии нақлиёти автомобилӣ; таъмини дастрасӣ, ҳаҷм ва рақобатпазирии хизматрасонии нақлиётӣ; ҳамгироӣ ба фазои ҷаҳонии нақлиётӣ ва рушди иқтидори транзитии кишвар.

Ҷадвали 1.5. - Варианти сенарии рушди инфрасохтори долонҳои байналмилалии нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Инерсионӣ	Индустриалӣ	Индустриалию-инноватсионӣ
– инкишофи рушди инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ; – таҳдид ва сохтмони объектҳои ниҳоят муҳимми инфрасохтори нақиёти автомобилӣ; – азнавкунӣ ва навсозии парки воситаҳои нақлиёт; -инкишофи самтҳои содиротии интиқоли борҳо; – суръати на он қадар баланди навсозии шабакаи роҳҳои автомобилгард; – мутаҳаррикии пасти аҳолӣ; – набудани захира дар намудҳои нақлиёт.	– рушди инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ, ки нерӯи транзитии кишварро таъмин менамоянд, аз ҷумла лоиҳаҳои ҳамҷоя нисбати истихроҷ ва содироти молҳо барои коркард дар доираи Иттиҳоди авруосиё, инчунин бо дигар давлатҳо; – зиёдшавии талабот ба сохтмон ва таҳдиди шабакаи роҳҳои автомобилгард, ки мавзеҳои истиқоматии навро бо шаҳр ва қисматҳои наздисарҳадии шаҳрҳои калонро бо ҷойҳои истифодабарии қувваи корӣ пайваст мекуннад.	-баланд шудани нақши инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар ташкили ҳаракати молҳо; – ба вуҷуд омадани зарурат ба сохтмон ва таҳдиди шабакаи роҳҳои автомобилгарде, ки минтақаҳои нави аҳолинишинро дар шаҳрҳои калон ва минтиқаҳои наздишаҳрии истифодаи қувваи корӣ пайваст карда, дар қисмати зиёди шаҳрҳои миёна ва хурд сатҳи даромадҳо ва сифати зиндагии аҳолӣ баланд мешаванд.

Сарчашма: Муаллиф дар асоси Стратегияи миллии рушд дар давраи то соли 2030 таҳия намудааст.

Барномаи давлатии рушди комплекси нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025 – ин як ҳуҷҷати муҳимми стратегӣ мебошад, ки самтҳои асосии навкунӣ ва таҳаввулоти системаи нақлиётии кишварро муайян мекунад. Мақсади асосии он – беҳтар кардани сифат ва сатҳи хизматрасониҳои нақлиётӣ, бо таъмини рушди инноватсионӣ дар соҳаи иқтисодиёт ва иҷтимоии кишвар. Барнома ҳамчунин ба баланд бардоштани рақобатпазирии хизматрасониҳои нақлиётии босифат таваҷҷуҳ дорад, ки барои рушди устувори иқтисодиёт ва ба талаботҳои ҷомеа ҷавобгӯ мебошад. Бо ин сабаб, барои ҳалли масъалаҳои навкунии системаи нақлиётии кишвар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қабул карда шудааст, ки дар он лоиҳаҳои инвеститсионии ҳалли мушкилоти ҷойдошта шомил шуда,

ҳамзамон иқтидори мақомоти ҳокимияти ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ дар назар гирифта шудааст.

Ҳамин тариқ, нақши муҳимро дар ҳалли мушкилоти ҷойдоштаи инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ҷалби воситаҳои иловагӣ аз ҳисоби захираҳои молиявии бахши хусусӣ бозида, барои таъмини талаботҳои рушди иқтисодиёт ва ҷомеа ба хизматрасониҳои дастрас, босифат ва рақобатпазири нақлиётӣ механизми шарикияти давлат бо бахши хусусӣ пешниҳод мегардад, ки дар зербоби дигар мавриди баррасӣ қарор мегирад.

1.3. Пешзаминаҳои шарикии давлат бо бахши хусусӣ дар фаъолияти долонҳои нақлиёти автомобилӣ

Вазифаи асосии мақомоти давлатӣ дар лоиҳаҳои шарикии давлат бо бахши хусусӣ (ШДХ) муайян кардани арзиши иловашуда тавассути пешниҳод кардани хизматрасониҳои ҷамъиятӣ мебошад. Маънои ин гуфтаҳо дар он аст, ки давлат бояд кӯшиш кунад, то ин хизматрасониҳоро барои аҳолӣ дастрас ва самараноктар гарданд.

Барои расидан ба ин ҳадаф муҳим аст, ки бахши хусусӣ хизматрасониҳоро бо нархҳои нисбатан паст ба роҳ монда, бо истифода аз усулҳои замонавии банақшагирӣ хароҷотро ба инобат гирад. Инчунин, бояд бо истифода аз инноватсияҳо усулҳои баланд бардоштани самаранокии ин хизматрасониҳо пайдо карда шаванд. Ба ин тартиб, мақомоти давлатӣ бояд шароитҳои мувофиқро барои ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ ба роҳ монад, то сифат ва дастрасии хизматрасониҳои ҷамъиятиро беҳтар карда шаванд.

Илова бар ин, мақсадҳои ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ дар доираи лоиҳаҳои шарикии давлат бо бахши хусусӣ (ШДХ) чунин амалҳоро дар бар мегирад:

– муайянкунии хавфҳо: давлат кӯшиш мекунад, ки хавфҳои марбут ба сохтмон ва истифодабарии объектҳоро ба ширкатҳои хусусӣ гузорад.

Маънои ин гуфтаҳо дар он аст, ки бахши хусусӣ масъулияти мушкилот ё хисоротҳоро бар дӯш мегирад ва ба ин восита фишори молиявиро бар давлат коҳиш медиҳад;

– мақсади бахши хусусӣ: ширкатҳои хусусӣ, ки дар ин гуна лоиҳаҳо иштирок мекунанд, кӯшиш мекунанд, то фоидаи максималиро ба даст оранд, яъне онҳо захираҳо ва таҷрибаи худро барои идоракунии самараноки лоиҳа ва муносибгардонии хароҷот истифода мекунанд, то ба манфиати зиёдтарин ноил шаванд. Дар натиҷа чунин ҳамкорӣ имкон медиҳад, ки давлат инфрасохторро рушд дода, хизматрасониҳоро пешниҳод кунад ва бахши хусусӣ аз сармоягузориҳои худ фоида ба даст орад.

Дар ҷадвали 1.6 ҳадафҳои давлат ва бахши хусусӣ дар мавриди истифода бурдани механизми ШДХ ба таври мушахасс оварда шудаанд.

Ҷадвали 1.6. – Ҳадафҳои давлат ва бахши хусусӣ аз истифодаи механизмҳои шарикии давлат бо бахши хусусӣ дар давраи дарозмуддат

№	Ҳадафи давлат	Ҳадафи бахши хусусӣ
1.	Баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, мусоидат ба рушди “сармояи инсонӣ”	Фарох гардонидани фазо барои ҳаракати озоди сармоя, ворид шудани он ба соҳаҳое, ки қаблан барояш дастрас набуданд
2.	Бартараф намудани маҳдудиятҳои сохтории рушди иқтисодӣ	Ҷалби воситаҳои буҷетӣ барои иҷрои лоиҳа
3.	Мусоидат намудан ба баланд гардидани рақобатпазирии ширкатҳои ватанӣ, мустаҳкам кардани мавқеи онҳо дар бозорҳои дохилӣ ва берунӣ	Беҳдошти имкониятҳо барои гирифтани қарз барои лоиҳа аз ташкилотҳои молиявии ватанӣ ва хориҷӣ, тавассути кафолати давлатӣ
4.	Рушди иҷтимой-иқтисодии минтақаҳои кишвар	Осон шудани кор бо мақомоти ҳокимияти идоракунии давлатӣ аз ҳисоби иштироки давлат дар лоиҳа, аз ҷумла гирифтани иҷозатнома, ҳуҷҷатҳои иҷозатгирӣ, хулосаи мақомоти назоратӣ
5.	Ҳамгироии ратсионалии Тоҷикистон ба иқтисоди ҷаҳонӣ	Баланд шудани вазъи лоиҳа аз ҳисоби иштироки давлат. Ба вуҷуд овардани нақши мусбати шарикият.

Сарчашма: Таҳияи муаллиф.

Бояд таъкид кард, ки дар консепсияи шарикии давлат бо бахши хусусӣ (ШДХ) танақуз, яъне, танақузи манофеъ вуҷуд дорад. Аз як тараф, масъулияти давлат: давлат вазифадор аст, ки эҳтиёҷоти иҷтимоӣ ва манфиатҳои мардумро таъмин кунад, ки ин ба маблағгузорӣ дар лоиҳаҳои иҷтимоӣ ва рушди инфрасохтор алоқаманд аст. Яъне, давлат бояд маблағҳо ва захираҳоро барои қонеъ кардани эҳтиёҷоти ҷомеа таъмин созад. Аз тарафи дигар, мақсадҳои бахши хусусӣ: ширкатҳои хусусӣ, бар хилофи мақсади давлат ба даст овардани фоидаро андеша мекунад. Бахши хусусӣ маблағгузориро бо мақсади баргашти сармоя ва ба даст овардани даромад ба роҳ мемонад. Дар натиҷа ин боиси ихтилоф дар манфиатҳо мешавад. Вақте ки давлат маблағҳоро барои эҳтиёҷоти иҷтимоӣ ҷудо менамояд, имкон дорад бо камбуди захираҳо барои иҷрои уҳдадориҳои худ дар назди шарикони хусусӣ рӯ ба рӯ шавад. Ҳамзамон, агар инфрасохтор нокифоя бошад, ин барои сармоягузорони хусусӣ хавфҳои зиёдеро ба вуҷуд меорад ва метавонад ба иҷрои лоиҳаҳо таъсир расонад. Дар натиҷа, ин танақуз метавонад ҳамкории байни давлат ва бахши хусусиро душвор созад, ки маҳдудияти расидан ба мақсадҳои умумии рушди иқтисодӣ мегардад.

Механизмҳои шарикии давлат бо бахши хусуӣ имконияти иштироки давлатро дар ҳамаи сатҳҳо – ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ пешбинӣ менамояд.

Консепсияи шарикӣ байни мақомоти давлатӣ ва бахши хусусӣ чунин равишро дар бар мегирад: мақомоти давлатӣ таҳлил мекунанд, ки кадом хизматрасониҳо, корҳои сохтмонӣ ва инфрасохтор барои рушди кишвар зарур аст. Ба ин метавонанд роҳҳо, пулҳо, системҳои нақлиётӣ ва ғайра шомил шаванд. Бахши хусусӣ, ба навбати худ, пешниҳод мекунад, ки чӣ гуна қарорҳо ва хизматрасониҳо метавонанд дар ҷавоб ба ниёзҳои давлат таҳия шаванд. Ба ибораи дигар, ширкатҳои хусусӣ лоиҳаҳо ва технологияҳоеро пешниҳод мекунанд, ки ба стандартҳо ва талаботҳои

давлатӣ мувофиқ бошанд. Шарикӣ ҳамчун алтернативаи хусусигардонии пурраи моликияти давлатӣ муаррифӣ карда мешавад. Дар баъзе ҳолатҳо бо сабабҳои иҷтимоӣ ё стратегӣ хусусигардонӣ метавонад ғайриимкон ё номуносиб бошад. Дар чунин ҳолатҳо давлат метавонад бо бахши хусусӣ фаъолияти шарикиро ба роҳ монад, то хизматрасониҳо ва инфрасохторро таъмин намуда, ҳамзамон таҳти назорат гирад.

Ҳамин тариқ, ин консепсия барои шарикиии байни мақомоти давлатӣ ва бахши хусусӣ ҷиҳати таъмини рушди самараноки инфрасохтор ва пешниҳод кардани хизматрасониҳое, ки метавонад сабабгори рушди устувори иқтисодӣ гарданд, аҳаммияти муҳим дорад.

Консепсияи шарикии давлат ва бахши хусусӣ, дар маҷмуъ, чунин ба роҳ монда мешавад:

- таҳияи лоиҳае, ки дар он бахши хусусӣ бо дастури давлат объектро барои инвеститсия тарҳрезӣ месозад ва қисман идора мекунад;
- маблағгузории давлат ба баъзе иншоот, ки ҳамчун пардохти давлатӣ барои истифодаи инфрасохтор муаррифӣ мегардад;
- бастани шартномаи дарозмуддат, ки мундариҷа ва сохти он гуногун буда, фарогири шартҳо ва муҳлатҳои пардохт, вобастагӣ аз сифати хизматрасонӣ ва шароити иқтисодӣ, тақсимоти хароҷот ва дигар ҷузъҳо, ки дар доираи ҳадафҳо ва натиҷаҳои музокироти байни тарафҳо муқаррар мешаванд;
- табдили объект ба моликияти хусусӣ ё давлатӣ пас аз анҷоми муҳлати шартнома.

Давлат ҳамчун истеъмолкунандаи асосии хизматрасониҳои аз ҷониби бахши хусусӣ пешниҳодшаванда амал мекунад ва шартҳои татбиқи лоиҳаро муайян месозад. Ҳолати мазкур нақши муҳимми давлатро дар ин раванд исбот менамояд. Асоси ақида ин аст, ки тавассути ШДХ давлат метавонад воситаҳои бахши хусусиро барои рушди инфрасохтор ҷалб кунад. Ҳолати мазкур дар навбати худ мусоидат менамояд, то сифати

хизматрасонии ҷамъиятӣ беҳтар ва ҳаҷми он зиёд шавад. Ҳамзамон, чунин шарикии давлатӣ сатҳи хатареро, ки давлатро вобаста ба иҷрои лоиҳаҳо таҳдид менамояд коҳиш медиҳад, зеро бахши хусусӣ қисми ин хавфҳоро бар уҳда мегирад. Дар маҷмуъ, ШДХ як воситаи самаранок аст, ки ба истифодаи самарабахши захираҳо ва таъмин кардани рушди устувор мусоидат мекунад [117].

Як қисми муҳимми ақд дар доираи ШДХ – тақсимоти вазифаҳо, имкониятҳо ва хавфҳо миёни иштирокчиёни лоиҳа мебошад. Дар ин маврид, чун қоида шартҳои зерин риоя карда мешаванд: ҳалли масъалаҳои мушахасс ба ҳамон шарике вогузор карда мешавад, ки метавонад онро бо фоиданокии баланд иҷро кунад. Тақсимоти вазифа ва масъулият миёни давлат ва бахши хусусӣ аз самти татбиқи лоиҳа вобастагӣ дорад.

Ҳар қадар хизматрасонии ҷамъиятӣ (неъмати ҷамъиятӣ) нақши калон дошта бошад, ҳамон қадар хавфҳои бозории вобаста ба хизматрасонӣ камтар шуда, талабот ба танзими давлатӣ меафзояд.

Вобаста аз тавсифи масъалаҳои дар доираи шарикӣ ба таври дақиқ ҳалшаванда ҳамаи шаклҳои шарикӣ метавонанд ба амсилаҳои (механизмҳои) зерин ҷудо шаванд:

1) консессия;
2) фонди инвеститсионӣ;
3) иҷора (лизинг);
4) мувофиқатнома дар бораи тақсими маҳсулот;
5) қарордодҳои давлатӣ
6) корхонаи муштарак;
7) вомбаргҳои инфрасохторӣ;
8) дигар шаклҳо.

Тавсифи мухтасри ин механизмҳои ШДХ дар ҷадвали 1.7 оварда шудаанд.

Ҷадвали 1.7. – Тавсифи механизмҳои шарикии давлат бо бахши хусусӣ

Механизми ШДХ	Мундариҷаи кори механизм
Консесия	Механизми бештар паҳншуда шарикии давлат бо бахши хусусӣ мебошад. Хусусияти ин механизм аз он иборат аст, ки дар доираи шартномаи консессионии басташуда давлат ҳамчун молики комилҳуқуқи амвол ба шарики худаш кафолат медиҳад, ки шароитҳои кори самараноки шарики хусусиро пешниҳод менамояд. Бахши хусусӣ, дар навбати худ, барои истифода намудани амволи давлатӣ маблағи аз ҷониби тарафҳо мувофиқакардаро мепардозад. Консессия ин шарикии дарозмуддат мебошад, ки тарафҳо имконият доранд аз банақшагирии стратегии фаъолияташон истифода баранд. Дар мавриди шартномаи консессионӣ бахши хусусии он озодии бештарро дар қабули қарорҳои маъмурӣ-хоҷагидорӣ ва идоракунӣ-маъмурӣ ба даст оварда, мустақилона масъалаҳоеро танзим менамояд, ки қаблан дар ваколати давлат қарор доштанд. Дар навбати худ давлат дар дасти худ фишанги қавии таъсиррасонӣ ба шарики худро дар мавриди риоя накардани созишномаро дорад ва ҳамавақт метавонад манфиатҳо ва ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони ниҳоӣ, яъне аҳолиро ҳимоя кунад.
Минтақаҳои махсуси озод	Як ҳудуди муайяни кишвар мебошад, ки ҳукумат дар он реҷаи махсуси соҳибкориро нисбати сабукиҳои андозӣ, гумрукӣ ва кумакҳои маъмурӣ, реҷаи имтиёзноки истифодабарии замин, кафолат аз таъсири манфии эҳтимолии қонунгузорӣ дар самти андозҳо ва пардохтҳо, инчунин дигар кафолатҳоро муқаррар менамояд. Беҳамтоии механизми мазкур дар он аст, ки аз ҳисоби буҷети тамоми сатҳҳо корҳои вобаста ба сохтани инфрасохтори муҳандисӣ, нақлиётӣ, иҷтимоӣ, инноватсионӣ ва маъмурӣ иҷро мешаванд.
Фонди инвеститсионӣ	Фонди инвеститсионии давлатӣ ба маблағгузории лоиҳаҳои инвеститсионӣ сафарбар карда мешаванд. Ҳадафи асосии фаъолоияти ин фонд- дастгирии самтҳои барои давлат ва минтақаҳо афзалиятноки лоиҳаҳои инвеститсионӣ, бо роҳи бунёд намудани инфрасохтори нақлиётӣ, муҳандисӣ ё энергетикии аҳаммияти давлатӣ ё маҳаллдошта мебошад, ки бе мавҷудияти онҳо лоиҳа наметавонад вуҷуд дошта шавад. Интихоби лоиҳаҳои инвестистионӣ бо нишондиҳандаҳои судоварии молиявӣ, буҷетӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ алоқамандӣ дорад.
Иҷора (лизинг)	Яке аз механизмҳои ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ мебошад. Муносибатҳои иҷоравии миёни давлат ва бахши хусусӣ дар он ифода меёбад, ки мақоми давлатӣ ё маҳаллӣ амволашонро ба ивази пардохти муайян ба бахши хусусӣ ба иҷора медиҳанд. Дар ин маврид шарти асосӣ баргардонидани амволи ба иҷора гирифташуда ах ҷониби бахши хусусӣ ба давлат мебошад.
Созишнома дар бораи тақсими маҳсулот	Ин шакли наздик ба консессия буда, вале дорои қатор фарқият низ дар муносибати миёни бахши хусусӣ ва давлат мебошад. Агар дар шартномаи консессия тамоми маҳсулот ба шарики хусусӣ тааллуқ дошта бошад, дар созишномаи тақсими маҳсулот ба шарики хусусӣ ҳиссаи ба ӯ муайяншуда мансуб аст. Ин навъи механизм аксаран дар истихроҷи нафт (канданиҳои фоиданок) истифода бурда мешаванд.

Идомаи ҷадвали 1.7

Шартномаҳои давлатӣ	Шартномаҳои давлатӣ – шартномаҳое мебошад, ки аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини эҳтиёҷоти давлат баста мешавад. Фарқияти асосӣ дар он аст, ки шартномаҳои давлатӣ бо мақсади истифодаи молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) барои зарурати давлатӣ ё маҳаллӣ, аз ҷумла барои ташкилнамоии захираҳои давлатӣ ба тасвиб расонида мешаванд.
Корхонаҳои муштарак	Корхонае, ки аз тарфи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии ватанӣ ва хориҷӣ бо мақсади якҷоя кардани моликият ва ба роҳ мондани фаъолияти муштарак ташкил карда мешаванд. Дар шаклҳои шарикии пурра, ҷамъияти масъулияти маҳдуд ва ҷамъияти саҳомӣ ташкил карда мешаванд. Ҳадафи корхонаи муштарак ҳарчи беҳтар истифода бурдани имкониятҳои ҷонибҳо мебошад. Хусусияти хоси ин механизм аз он иборат аст, ки дар он давлат дар ҳама соҳаи фаъолияти ин корхона иштирок мекунад ва мустақилияти қабули қарорро дар ин корхона маҳдуд месозад.
Вомбаргҳои инфрасохторӣ	Вомбаргҳои инфрасохторӣ гуфта қоғазҳои қиматнокеро мефаҳманд, ки барои маблағгузорӣ кардани сохтмон (харид, таҷдид)-и объектҳои инфрасохторӣ истифода бурда мешаванд. Дар шароити муосир наметавонем бе шоҳроҳои нақлиётӣ, хоҷагии манзилӣ-коммуналӣ, телекоммуникатсия, аэропортҳо ва ғ. натиҷаҳои заруриро ба даст орем. Моҳияти вомбаргҳои инфрасохторӣ аз он иборат мебошад, ки маблағгузорҳо фоидаи худро аз ҳисоби истифодабарии объекти инфрасохтор ба даст меоранд. Мезанизми вомбаргҳои инфрасохторӣ хусусияти дарозмуддат доранд ва ба ҳалли масъалаҳои мустаҳкам кардани иқтисоди миллӣ сафарбар карда мешаванд.
Дигар шаклҳо	Шартномаи пешниҳоди хизматрасонӣ, шартномаи идоракунӣ, хусусигардонӣ, ихтиёрдорӣ ва истифодабарии оммавӣ ва ғ.

Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Тавре аз маълумотҳои ҷадвали 1.7 бармеояд, ҳар як намуди механизми шарикӣ аз дигараш ба таври куллӣ фарқ мекунанд. Бинобар ин, дар ҳар як ҳолати воқеӣ шакли мувофиқи механизми шарикӣ бояд дарёфт карда шавад. Таҷриба ва самти истифодаи онҳо дар кишварҳои пешрафта дар ҷадвали 1.8 оварда шудааст.

Тавре аз ҷадвали 1.8 дида мешавад, шарикӣ дар соҳаи инфрасохтори истеҳсолӣ васеъ истифода бурда мешаванд. Махсусан, дар соҳаи роҳҳои автомобилгард, яъне инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ, механизмҳои шарикӣ хеле васеъ истифода бурда мешаванд.

Ҷадвали 1.8. – Кишварҳо ва соҳаҳои истифодабарии механизмаҳои ШДХ

Кишвар	Роҳҳои автомобилӣ	Роҳҳои оҳан	Обу энергия
Австрия	Х	х	Х
Белгия	Х	о	Х
Канада	Х	х	Х
Финландия	Х	о	-
Франсия	Х	-	Х
Олмон	Х	о	Х
Юнон	Х	х	-
Голландия	Х	о	О
Ирландия	Х	о	Х
Италия	О	х	О
Португалия	Х	о	Х
Аморати Араб	Х	-	Х
Исландия	Х	х	Х
Британияи Кабир	Х	х	Х
ИМА	Х	-	Х

Сарчашма: Таҳияи муаллиф. Х – лоиҳаҳои баохиррасида; О – лоиҳаҳое,ки ба амалӣ кардан тайёр шуда истодаанд.

Дар навбати аввал бояд маблағгузорӣ ва истифодаи роҳҳои автомобилгард дар Тоҷикистон шарҳ дода шавад. Ин ҷо баъзе нуқтаҳои асосӣ оварда мешаванд:

1. Маблағгузорӣ: Давлат ҳар сол маблағҳоро аз буҷа барои нигоҳдорӣ ва истифодаи роҳҳо ҷудо мекунад.

2. Даромадҳо ба буҷа: Ҳамаи даромадҳо, аз ҷумла андозҳо (масалан, андоз аз истифодабарандагони роҳҳо), ба буҷаи давлат ворид мешавад.

3. Тақсимоти маблағҳо: Пас аз воридшавии маблағҳо давлат онҳоро бо дарназардошти афзалиятҳо ва маҳдудиятҳои буҷетӣ тақсим мекунад, яъне, маблағҳо ба масъалаҳои муҳимтарин равона мешаванд.

4. Роҳҳои автомобилгард як қисми сарвати ҷамъиятӣ ба ҳисоб мераванд, зеро онҳо барои тамоми ҷомеа муҳим ва лозим мебошанд. Маблағгузорӣ барои нигоҳдории роҳҳо асосан аз ҳисоби буҷети давлатӣ сурат мегирад, ки ин маънои онро дорад, ки маблағҳое, ки барои

нигоҳдории роҳҳо сарф мешаванд, аз захираҳои умумии давлат бароварда мешаванд. Дар ин ҷо, маблағҳое, ки аз истифодабарандагони роҳҳо (ҳамчун ҳаққи истифода) гирифта мешаванд, ҳисоб намегарданд.

Нишондодҳои ҷадвали 1.8 нишон медиҳанд, ки қариб дар ҳамаи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон шарики давлат бо бахши хусусӣ истифода бурда мешаванд. Истифодаи ин механизм дар роҳи оҳан камтар, вале дар соҳаи обу энергия боз ҳам васеъ мушоҳида мегардад.

Таҷрибаи кишварҳои пешрафта шаҳодат медиҳанд, ки шарикии давлат бо бахши хусусӣ дар таъмини рушди инфрасохтори долонҳои байналмилалии нақлиётӣ низ васеъ истифода бурда мешаванд.

Маълумотҳои ҷадвали 1.9 нишон медиҳанд, ки иҷрои воқеии буҷет аз сатҳи тасдиқшуда каме пасттар мебошад ва танҳо дар соли 2022 ин тамоюл тағйир ёфта, иҷрои воқеии буҷет 5,6% зиёдтар аз нақшаи тасдиқшуда гардидааст. Бо вуҷуди ин, норасоии маблағҳои буҷетӣ барои нигоҳдории инфрасохтори нақлиёти автомобилии кишвар мушоҳида мешавад. Маблағгузории буҷетӣ барои соҳаи нақлиёт ва робитаҳои нақлиётӣ дар кишвар варият мекунад ва ба ҳисоби миёна аз 0,4% то 2,1% аз маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар (ММД) мерасад. Ин маънои онро дорад, ки хароҷот барои соҳаи нақлиёт ва робитаҳои нақлиётӣ ҳиссаи муайянеро дар иқтисоди кишвар ташкил медиҳад. Агар ба ҳиссаи умумии хароҷоти буҷети давлат назар андозем, хароҷоти нақлиётӣ ва робитаҳои нақлиётӣ аз 2,6% то 7,6% қисми онро ташкил мекунанд.

Зербарномаи «Рушди шабакаи роҳҳои автомобилгард» барои беҳтар кардани инфрасохтори нақлиётӣ таҳия шудааст. Мақсади асосии он коҳиш додани хароҷоти нақлиётӣ барои истифодабарандагон, яъне истифодаи роҳҳо бояд арзонтар ва самараноктар бошад. Ҳамзамон, барнома барои беҳтар кардани бехатарии роҳҳо ва таъмини муҳофизати мусофирон ва воситаҳои нақлиётӣ дар соҳаи роҳсозӣ равона шудааст. Ин ба маънои баланд бардоштани сифати роҳҳо ва кафолат додани амният дар вақти

ҳаракат мебошад.

Ҷадвали 1.9. – Буҷет ва хароҷотҳои воқеии нақлиётӣ ва робитаҳои нақлиётӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2000-2023

Солҳо	Буҷаи тасдиқшуда, ҳазор сомонӣ	Иҷрои амалии буҷет,ҳазор сомонӣ	Фоизи иҷрои буҷети тасд-иқшуда,%	Иҷрои амалӣ нисбат ба ММД,%	Ҳиссаи хароҷот дар буҷаи давлат,%
2000	20803,6	19903,9	95,7	1,1	7,6
2005	83497,2	78821,2	94,4	1,1	7,0
2010	114418,5	109605,93	95,8	0,4	2,6
2015	1030569,1	986975,5	95,8	2,0	6,1
2020	1131200,0	1025700,0	90,7	1,2	4,1
2021	1777317,1	1714487,5	96,5	1,7	5,8
2022	2268972,1	2396942,9	105,6	2,1	6,8

Манбаъ: Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ. Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2021. – С.658-687. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2023, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар баробари ин, қисми зиёди хароҷоти давлатӣ барои амалӣ кардани барномаи давлатии «Инвеститсия барои рушди роҳҳои автомобилгард» (2015-2025) дар ҳаҷми 803,9 миллион доллари ИМА равона шудааст. Аз ин маблағ, 545,5 миллион доллар барои навсозии роҳҳои ҷумҳуриявӣ ва 258,3 миллион доллар барои барқарор кардани роҳҳои автомобилгарди долонҳои байналмилалӣ пешбинӣ гардидааст.

Ғайр аз ин, «Барномаи инвеститсия барои таҷдиди пулҳо то соли 2025» таҳия ва тасдиқ шудааст, ки дар он барои сафарбар намудани инвеститсия се марҳила пешбинӣ шудааст. Дар марҳилаи якум, ки кӯтоҳмуддат аст, нақшаи таҷдиди шоҳроҳҳои байналмилалӣ ва 166 пул бо ҳаҷми умумии 4854 метри мураббаъ бо маблағи 808,8 ҳазор доллари ИМА иҷро карда мешавад. Дар марҳилаи миёнамуҳлат, таҷдиди 173 пул бо маблағи 6550,0 ҳазор доллари ИМА пешбинӣ шудааст. Дар марҳилаи дарозмуддат бошад, корҳои таҷдиду сохтмон дар 237 пул бо маблағи 20127,8 ҳазор доллари ИМА анҷом дода мешаванд.

Муайян шудааст, ки нигоҳдории инфрасохтори нақлиётӣ, аз ҷумла нигоҳдории инфрасохтори автомобилӣ, дар кишвар бо хароҷоти калон

амалӣ мегардад ва ин хароҷот аз ҳисоби маблағҳои мақомоти идораи давлатӣ ва маҳаллӣ таъминид карда мешавад. Ба ин муаммо якчанд сабабҳои асосӣ оварда мешаванд:

1. Хароҷоти зиёд: Нигаҳдории инфрасохтор, бахусус роҳҳо, маблағҳои зиёдеро талаб мекунад. Ин хароҷот ба дӯши мақомоти давлатӣ ва маҳаллӣ меафтад, ки метавонад барои буҷа сарбории молиявӣ эҷод кунад.

2. Афзалиятҳо дар сармоягузорӣ: Дар дурнамои миёнамуҳлат таваҷҷуҳ ба бунёди объектҳои нави инфрасохтор ва барқарорсозии онҳо зоҳир мегардад. Ин хеле муҳим аст, зеро роҳҳо ва иншооти фарсудашуда барқарорсозӣ ва навгониро тақозо менамоянд ва ҳолати онҳо бевосита ба бехатарӣ ва сифати хизматрасонии нақлиётӣ таъсир мерасонад.

3. Имкониятҳои маҳдуди буҷет: Буҷетҳои давлатӣ ва маҳаллӣ наметавонанд ҳама лоиҳаҳои заруриро пурра маблағгузорӣ кунанд. Аз ин рӯ, муҳим аст, ки манбаъҳои алтернативии маблағгузориро ҷустуҷӯ кунанд.

4. Ҷалби бахши хусусӣ: Барои амалӣ кардани лоиҳаҳои бузурги инфрасохторӣ зарур аст, ки сармоягузориҳои хусусӣ ва дигар манбаъҳои ғайрибуҷетӣ ҷалб карда шаванд. Ҳолтаи мазкур метавонад ҳамкорӣ бо ширкатҳои хусусиро тақвият бахшида, мушкилоти маблағгузории рушди инфрасохторро ҳал намояд.

Бояд зикр кард, ки амалӣ кардани лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ ба муқобили дигар соҳаҳои иқтисодӣ хусусиятҳои инфрасохтории махсуси худро дорад. Ин соҳа бо ниёзҳои хос дар бораи сохту истифодаи инфрасохтор, ҳифзи амният ва рушди доимии роҳҳо ва дигар объектҳои нақлиётӣ алоқаманд аст. Аз ҷумла:

– хусусиятҳои лоиҳаҳои сармоягузорӣ: дар муқоиса бо дигар соҳаҳои иқтисодиёт, лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар нақлиёти автомобилӣ хусусиятҳои хосе доранд, ки муносибатҳоро дар ҷалби маблағҳо муайян мекунанд.

– хусусиятҳои инфрасохторӣ: сармоягузорӣ дар нақлиёти автомобилӣ бо таъсис ва нигоҳдории инфрасохтор, ба монанди роҳҳо, пулҳо, терминалҳо ва ғайра алоқаманд аст, ки банақшагирӣ ва ва таваҷҷуҳи хосро талаб мекунад.

– дастрасӣ ва ҳаҷми хизматрасониҳо: ҷалби сармоягузорӣ бояд дастрасии хизматрасониҳои нақлиётиро барои истифодабарандагон таъмин намуда, имконияти зиёд кардани ҳаҷми ин хизматрасониҳоро фароҳам орад.

– рақобатпазирӣ: сармоягузориҳо ҳамзамон бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирии хизматрасониҳои нақлиётӣ равона карда мешаванд, ки барои рушди иқтисод ва беҳтар кардани сифати хизматрасонӣ ба мизоҷон муҳим аст.

– ҳамгироӣ бо системаи ҷаҳонӣ: муҳим аст, ки бахши нақлиёти миллӣ бо шабакаи байналмилалии нақлиётӣ ҳамгиро шуда, ба рушди савдо ва алоқаҳои иқтисодӣ мусоидат намояд.

– истифодаи иқтидори транзитӣ: ҷалби сармоягузорӣ бояд ба истифодаи самараноки имкониятҳои транзитии кишвар кумак кунад ва онро ба манбаи муҳимми даромад табдил диҳад.

Дар маҷмуъ, тадбирҳои пешниҳодшуда аҳаммияти комплексиро барои ҷалби сармоягузорӣ дар нақлиёти автомобилӣ исбот намуда, омилҳои дохиливу берунии рушди соҳаи нақлиётро ба инобат мегирад.

Барои ҳалли мушкилоти навкунии системаи нақлиётӣ Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 таҳия гардида, дар ҳоли амалшавӣ қарор дорад. Ин стратегия ба татбиқи лоиҳаҳои бузурги ҳал кардани масъалаҳои ба ваколати мақомоти давлатӣ ва маҳаллӣ алоқаманд равона шудааст.

Инфрасохтори нақлиётӣ воқеан дар рушди иқтисодии минтақаҳо ва кишвар дар умум нақши калидӣ мебозад. Низоми хуби роҳҳо ва марзҳои нақлиётӣ шароити муҳимми барои ҳаракати самараноки молу одамон

фароҳам меорад, ки ин ба рушди савдо, беҳтар шудани робитаҳои байни минтақаҳо ва рушди иқтисоди маҳаллӣ мусоидат мекунад. Ғайр аз ин, амалӣ кардани лоиҳаҳои инфрасохторӣ, ба монанди сохтмон ё таҷдиди роҳҳо, ҷойҳои кории нав эҷод мекунад – на танҳо дар марҳалаи сохтмон, балки пас аз он низ барои нигоҳдорӣ ва истифодаи онҳо. Ин дар навбати худ боиси афзоиши шуғл, беҳтар шудани сифати зиндагӣ ва баланд шудани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ дар минтақа мегардад. Ҳамчунин, чунин лоиҳаҳо метавонанд сармоягузоронро ҷалб намоянд, рушди соҳибкории хурду миёнаи ҳавасманд кунанд ва инчунин, ҷозибаи минтақаҳоро барои ширкатҳои бузург афзоиш диҳанд. Вақте ки ин раванд рух медиҳад, фаъолияти иқтисодӣ бештар мешавад, рақобатпазирӣ боло меравад ва шароити барои рушди минбаъда ва рушди минтақа ва кишвар дар умум эҷод мешаванд.

– Нақши калидӣ: Инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ, ки роҳҳо, кӯчаҳо ва шоҳроҳҳоро дарбар мегирад, барои фаъолияти муътадили ҷомеа хеле муҳим аст. Бидуни чунин инфрасохтор, таъмин намудани ҳаракати одамон ва молҳо ғайриимкон мешавад.

– Аҳаммияти лоиҳаҳо: Лоиҳаҳое, ки ба рушд ва беҳтарсозии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ равона шудаанд, аҳаммияти калон доранд, зеро онҳо ба рушди минтақаҳо, беҳтар шудани сифати зиндагӣ ва таъсиси шароити рушди иқтисодӣ мусоидат мекунанд.

– Таъсиси ҷойҳои нави корӣ: Татбиқи чунин лоиҳаҳо одатан боиси таъсиси ҷойҳои нави корӣ мегардад, ки ин барои коҳиш додани сатҳи бекорӣ ва беҳтар кардани вазъи иқтисодӣ дар минтақа кумак мерасонад.

– Шароитҳои истиқомат: Рушди инфрасохтор одатан боиси зиёд шудани шумораи ҷойҳои истиқоматӣ мегардад, зеро минтақаҳои нави зист бунёд гардида, ҳамзамон сифати зиндагиро беҳтар мекунад.

– Рақобатпазирии минтақа: Беҳтар шудани инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ рақобатпазирии минтақаҳоро баланд мекунад, ки ин имкон медиҳад, то сармоягузорӣ бештар ҷалб шавад ва соҳибкорӣ рушд ёбад.

– Рушди соҳибкорӣ: Инфрасохтори хуб ба рушди соҳибкории хурд ва миёна кумак мекунад, зеро соҳибкорон ба имкониятҳои нав ва бозорҳои гуногун дастрасӣ пайдо мекунанд.

– Ҷалби сармоягузорӣ: Мавҷудияти инфрасохтори пешрафта минтақаҳоро барои сармоягузорон ҷолибтар мекунад, ки ин ба рушди иқтисодӣ мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, таъкид карда мешавад, ки сармоягузорӣ дар инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ нақши муҳимро на танҳо дар системаи нақлиётӣ, балки дар рушди умумии иқтисоди кишвар низ дорад:

А) Сармояғунҷоиш ва муҳлатии бозгашт: Тахмин мешавад, ки ин лоиҳаҳо сармоягузориҳои назаррасро талаб мекунанд ва муҳлатҳои тӯлонии бозгашти сармояро доранд. Аз ин сабаб, сармоягузорон бояд омода бошанд, то дар муддати тӯлонӣ интизори фоида бошанд.

Б) Амалиёти марҳилавӣ: Лоиҳаҳо ба таври марҳилавӣ татбиқ мешаванд ва ҳар як марҳила таҳия ва назорати дақиқро талаб мекунад. Марҳилаи аввал махсусан муҳим аст, зеро муваффақияти тамоми лоиҳа аз он вобаста аст. Корҳои омодагӣ аксар вақт барои анҷоми муваффақияти лоиҳа арзишмандтарин ва муҳимтарин ба ҳисоб мераванд.

В) Хатарҳои баланд: Хатарҳои зиёде ба сохтмон ва тиҷорат алоқаманданд, ки метавонанд боиси ноил нагардидан ба даромадҳои пешбинишуда шаванд. Номуайянии даромадҳои нақлиётии ин лоиҳаҳо сармоягузорони хусусиро камтар ҷалб мекунад.

Г) Мутобиқшавӣ ба шароит: Муваффақияти рушди лоиҳа аз қобилияти он ба мутобиқшавӣ бо шароити институтсионалӣ ва иқтисодӣ вобаста аст. Ҳолати мазкур водор месозад, ки лоиҳаҳо флексибл ва ба тағйирот дар стратегия омода бошанд.

Ғ) Фоидаҳои иқтисодӣ: Татбиқи лоиҳаҳо метавонад фоидаҳои иқтисодиро бевосита бо манбаъҳои гуногуни даромад таъмин кунад. Ба сифати манбаъҳои имконпазир, ба монанди нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ, қитъаҳои муоинаи техникӣ, ошхонаю тарабхонаҳо, марказҳои савдо ва минтақаҳои зист, метавонанд ишора гарданд. Яъне манбаъҳои гуногуни даромади ба буҷаи сатҳҳои гуногун воридшаванда зиёданд.

Ҳамин тариқ, вақте ки манбаъҳои маблағгузорӣ барои рушди инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ интихоб мешаванд, бояд хусусиятҳои хоси ин соҳа ба назар гирифта шаванд. Яке аз чунин усулҳо истифодаи механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ (ШДХ) мебошад, ки барои маблағгузории чунин лоиҳаҳо хеле мувофиқ аст. Масалан, таҷрибаи амали лоиҳаҳои инноватсионӣ дар дигар кишварҳо ва дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки истифодаи ШДХ барои сохтмон ва рушди долонҳои байналмилалии нақлиёти автомобилӣ (роҳҳо, шоҳроҳҳо ва ғайра) самаранок ва дуруст аст.

БОБИ II. ТАҲЛИЛИ ТАНОСУБИ НАРХУ СИФАТ ДАР ФАЪОЛИЯТИ ДОЛОНҲОИ НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛИИ ТОҶИКИСТОН

2.1. Хусусиятҳои фарқкунундаи истифодаи усули таносуби нарху сифат дар фаъолияти долонҳои нақлиёти автомобилӣ

Дар таҷрибаи байналмилалӣ барои таҳлил ва интихоби усулҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ матритсаи «нарх – сифат» ((ТНС) фаъолона истифода мешавад. Ин нишондиҳанда таносуби байни хароҷоти лоиҳа ва сифати иҷрои онро нишон медиҳад, ҳамчунин дараҷаи расидан ба ҳадафҳои муқарраргардида дар ҳамаи марҳилаҳои амали лоиҳа.

Дар рафти таҳқиқот методологияи баҳодиҳии лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ (ШДХ) бо истифода аз матритсаи «нарх – сифат» мавриди назар қарор гирифтааст.

1. Матритсаи «нарх – сифат» – ин воситаи дар лоиҳа самаранок истифода гардидани манбаъҳоро муайян намуда, хароҷотҳоро (нарх) бо сифати иҷрои кор муқоиса мекунад.

2. Нишондиҳандаи «нарх – сифат» – мувофиқати хароҷоти лоиҳаро бо сифати он нишон медиҳад, яъне то кадом андоза натиҷаҳои лоиҳа ба ҳадафҳои муайяншуда мувофиқат мекунанд.

3. Марҳилаҳои ташаккул – ба баҳодиҳии ҳамаи марҳилаҳои лоиҳа, аз қабули қарор то татбиқи он вобастагӣ дорад. Ин нишондиҳанда дар самти расидан ба мақсадҳои ниҳоӣ кумак менамояд.

Ба ин васила, истифодаи ин усулҳо имкон медиҳад, ки идоракунии лоиҳаҳоро беҳтар гардонида, натиҷаҳоро беҳтар ва хароҷотҳоро муносиб намоянд.

Дар раванди таҳқиқот равиши арзёбӣ ва интихоби усулҳои амалӣ намудани лоиҳаҳои инвеститсионӣ тавассути муқоисаи шарикӣ байни давлат ва бахши хусусӣ (ШДХ) бо усулҳои анъанавӣ, ба монанди харидҳои

давлатӣ, баррасӣ шудааст. Мақсади асосӣ дар он аст, ки пеш аз интихоби усули амалӣ кардан, бояд таносуби нарх ва сифат (ТНС) арзёбӣ шавад:

1. Ҳадафи ТНС: ҳадафи асосӣ – муайян кардани усули муносибе, ки (ШДХ ё усулҳои анъанавӣ) барои лоиҳаи муайян самараноктар хоҳад буд. Ба ибораи дигар, лоиҳа бояд дар он шакле амалӣ шавад, ки арзиши корҳо бо сифаташон мувофиқат кунад.

2. Қобили қабулияти ШДХ: лоиҳа танҳо дар ҳолати ба даст овардани таносуби муносиби нарх ва сифат тавассути ШДХ, яъне дар мавриди исбот гардидани фоидаоварӣ амалӣ мешавад.

3. Натоиҷи арзёбӣ: натиҷаҳои таҳлили ТНС барои хулосабарориҳои зерин самаранок мебошад:

- шакли мувофиқтарин барои шарикӣ (масалан, чӣ гуна давлат ва бахши хусусӣ ҳамкорӣ мекунанд).
- миқдори корҳое, ки метавон ба шарики хусусӣ супорид (кадом корҳоро бояд иҷро кунад).
- андозаҳое, ки барои расидан ба натиҷаҳои интизорӣ заруранд (чӣ гуна муваффақиятро арзёбӣ кардан).
- дархостҳои ҷалбкунанда барои шарики хусусӣ (чӣ метавонад барои мақомоти давлатӣ ҷолиб бошад).

Инчунин, аҳаммияти арзёбии дақиқ ва таҳлили муносибатҳо дар интихоби равиши татбиқи лоиҳаҳо таъкид мешавад, то самаранокӣ ва мувофиқати онҳо таъмин гардад [150].

Муҳимияти арзёбии сифати хизматрасонӣ ва таносуби нарху сифат дар доираи лоиҳаҳои шарикӣ байни давлат ва бахши хусусӣ (ШДХ) ро чунин тавсиф кардан мумкин аст:

1. Ҷузъи калидӣ дар таҳлил: Арзёбии сифати хизматрасонӣ дар заминаи хароҷоти кам – ин қадами муҳимми муайян кардани лоиҳаҳои имконпазир дар ШДХ мебошад.

2. Таносуби нарх ва сифат: Барои ба даст овардани таносуби

муносиби нарх ва сифат, ҷалби бахши хусусӣ зарур аст, зеро ширкатҳои хусусӣ метавонанд пешниҳодоти самараноки иқтисодиро барои татбиқи лоиҳаҳоро фароҳам оранд.

3. Тақсимоти хавфҳо: Мусаллам аст, ки хавфҳо байни давлат ва бахши хусусӣ бояд дуруст тақсим карда шаванд, то ин ки иқтидори талафот кам ва имконияти амалиёти муваффақонаи лоиҳа баланд гардад.

4. Хусусиятҳои таҳлил: Заминаи муваффақи лоиҳа аз мавҷудияти имкониятҳои молиявии давлат вобаста мебошад, ки метавонад барои татбиқи лоиҳа истифода шавад.

5. Методологияи арзёбӣ: Арзёбии таносуби нарх ва сифат ду намуди таҳлилро дар бар мегирад:

а) миқдорӣ: ба омилҳое таваҷҷуҳ мешавад, ки метавонанд дар ифодаи пулӣ чен карда шаванд (масалан, арзиши хизматрасонӣ, хароҷотҳо барои мавод ва ғайра);

б) сифатӣ: омилҳои ғайримиқдориро, ба монанди қаноатмандии мизоҷон ё сатҳи хизматрасонӣ арзёбӣ мекунад.

Ҷузъҳои асосии таҳлили миқдорӣ муқоиса намудани лоиҳаҳои шарикӣ бо сенарияи фарзӣ мебошад, ки мувофиқи он лоиҳа тавассути харидҳои давлатӣ татбиқ мегардад. Бо дарназардошти ин нуқтаҳои асосии аҳаммияти таҳлили миқдориро барои арзёбии лоиҳаҳои шарикӣ муайян мекунем:

- муқоиса бо сенарияи фарзӣ: таҳлили миқдорӣ пешниҳод мекунад, ки лоиҳаҳои воқеиро бо вариантҳои бофташудаи тавассути харидҳои давлатӣ маблағгузорӣ гардидани лоиҳаҳо муқоиса намоянд.
- арзёбии хароҷот: мақомоти давлатӣ бояд муайян кунанд, ки лоиҳаҳои тавассути харидҳо иҷрошаванда дорои кадом андозаи хароҷот мебошанд.
- таҳлили сифатӣ: дар арзёбии сифати таносуби нарх ва сифат омилҳое, ки наметавонанд ба таври миқдорӣ чен шаванд ба инобат

гирифта мешаванд ва аз ин сабаб онҳо ба таҳлили миқдорӣ шомил намегарданд.

Ҳамин тариқ, таъкид карда мешавад, ки таҳлили миқдорӣ ба нишондиҳандаҳои рақамӣ тамаркуз мекунад, вале сифати лоиҳа бештар ба равишҳои амиқ ва аксар вақт ғайрирасмӣ ниёз дорад.

Дар раванди таҳлил ду вариант барои амалиёти лоиҳа муқоиса мешавад: яке амалӣ кардани лоиҳа тавассути харидҳои давлатӣ ва дигаре тавассути шарикии давлат ва бахши хусусӣ. Дар сенарияи гипотетикӣ, чунин ҳисобот пешниҳод мешавад, ки лоиҳа пурра бо истифода аз харидҳои давлатӣ амалӣ мешавад ва барои ин давлат тахминии хароҷоти лозимиро барои иҷрои лоиҳа бо чунин роҳҳоро ҳисоб мекунад. Ин ҳисобот барои дарк намудани истифодаи маблағҳои давлатӣ дар ҳолати амали лоиҳа тавассути харидҳои давлатӣ чӣ қадар самаранок хоҳад буд, кӯмак мекунад. Таҳлили сифати таносуби нарх ва сифати лоиҳа омилҳоеро ба назар мегирад, ки ба таври миқдорӣ арзёбӣ карданашон ғайриимкон аст ва аз ин сабаб онҳо ба таҳлили миқдорӣ ворид карда нашудаанд.

Ифодаи пулии таҳлили таносуби нарх ва сифат фарқияти хароҷотҳои интизории давлатро дар амалӣ сохтани лоиҳа тавассути харидҳои давлатӣ ва тавассути шарикӣ нишон медиҳад. Агар хароҷотҳои интизорӣ дар шарикӣ нисбат ба харидҳои давлатӣ камтар бошанд, нишондиҳандаи таносуби нарх ва сифат мусбат мешавад. Агар хароҷот дар сенарияи харидҳои давлатӣ камтар бошад, ин аз муносиб будани сохтори шарикӣ ва тақсими дурусти хавфҳо миёни тарафҳои шартнома шаҳодат медиҳад. Андозагирии таносуби нарх ва сифатро метавон ба ду шакл арзёбӣ кард:

1. Шакли мутлақ – вақте ки мо танҳо фарқи байни хароҷотҳое, ки барои амалӣ кардани лоиҳа тавассути харидҳои давлатӣ заруранд ва хароҷотҳои эҳтимолии лоиҳа тавассути шарикии давлат ва бахши хусусӣ муқоиса мекунем.

2. Шакли нисбӣ – вақте ки ин таносуб ба шакли фоиз дароварда

мешавад, яъне чӣ гуна нархи муайяншуда тавассути харидҳои давлатӣ ба ҳаҷми умумии хароҷоти лоиҳа пайваст мешавад.

Ба ин тариқ, ҳар ду усул кумак мекунанд, ки ба мо фаҳмем, ки чӣ гуна усулҳои мухталифи амали лоиҳа ба арзиш ва сифати он таъсир мерасонанд.

Ҳангоми муайян кардани хароҷоти интизорӣ барои иҷрои лоиҳа тавассути харидҳои давлатӣ, хароҷотҳое, ки бо хавфҳо алоқаманданд, бо ин назар, ки давлат масъулияти маблағгузорӣ, сохтмон ва идоракунии лоиҳаро ба уҳда мегирад, такмил карда мешаванд. Хароҷоти интизорӣ дар контексти харидҳои давлатӣ ҳамчун замина баррасӣ мешавад ва бо лоиҳаҳои имконпазири шарикӣ муқоиса мегардад.

Унсурҳои хароҷот барои татбиқи лоиҳа тавассути харидҳои давлатӣ ба категорияҳои зерин ҷудо мешавад::

А) Хароҷоти заминавӣ. Ба ин гурӯҳ хароҷотҳои сармоявӣ, ки барои сохтани объекти муайян карда мешаванд, инчунин хароҷоти амалиётӣ дар давраи фаъолияти он, хароҷоти идоракунӣ ва мукофотпулиҳо шомил мешаванд. Хароҷотҳои зерин бояд дар харидҳои давлатӣ ва шарикӣ мувофиқат кунанд. Мукофотпулӣ барои хавфҳо дар доираи созишнома ба шарики хусусӣ дода мешавад.

Б) Маблағгузорӣ. Давлат наметавонад барои ҳар лоиҳа маблағ ҷудо кунад. Аз ин рӯ, агар хароҷот дар марҳилаи пешинаи лоиҳа нисбат ба механизми шарикӣ заруртар бошад, арзиши алтернативии захираҳои молиявӣ муайян карда мешавад.

В) Хароҷоти иловагӣ. Дар лоиҳаҳои калон, барои идоракунӣ ва амалисозии лоиҳа хароҷоти зиёд зарур мебошанд, ки миқдори онҳо метавонанд вобаста ба усул ва роҳҳои татбиқи лоиҳаҳо фарқ кунанд.

Г) Бетарафии рақобатӣ - маънои онро дорад, ки хароҷоти заминавӣ дар шарикии давлат ва бахши хусусӣ метавонанд аз пардохтҳои андоз ва суғурта иборат бошанд, ки дар моделҳои харидҳои давлатӣ ин пардохтҳо вуҷуд надоранд. Ин аз он сабаб аст, ки давлат на ҳамеша пардохткунандаи

андозҳо аст ва барои шарикон шароити яксон ва бетарафии рақобатӣ эҷод мекунад. Дар ҳолатҳои алоҳида зарарҳоро аз ҳисоби захираҳои давлатии кишвар пардохт мекунанд.

Ғ) Хавфҳое, ки ба зиммаи механизми шарикӣ гузошта мешавад. Барои арзёбии дақиқи хароҷотҳо бояд хавфҳои имконпазир муайян карда шуда, ба зиммаи шарики давлатӣ гузарад. Бо истифода аз механизми шарикӣ давлат қисми зиёди хавфҳоро ба шарики хусусӣ бо ивази мукофот мегузаронад.

Омилҳое, ки барои ба даст овардани қимати баланди нишондиҳандаи таносуби нарху сифат мусоидат мекунанд инҳоянд:

А) Тақсимоти муносиби хавф байни иштирокчиёни лоиҳа. Дар ин маврид ҳар як хавф ба он шарике гузаронида мешавад, ки метавонад онро нисбатан хубтар идора карда тавонад.

Б) Таҳлили хароҷот дар тамоми давраи истифодабарии объект.

В) Банақшагирӣ ва таҳияи хадамоти ҳамсафар, агар арзёбии пешакӣ имконияти ба даст овардани арзишҳои баландтари нишондиҳандаи таносуби нарх ва сифатро тасдиқ кунад, маънои онро дорад, ки пеш аз оғоз кардани лоиҳа бояд арзёбии дақиқи имконоти молиявӣ ва сифатӣ анҷом дода шавад.

Г) Тартиб додани шарикии давлатӣ бо таснифоти ҳаматарафаи натиҷаҳои кор.

Ғ) Идоракунии сифатии хавфҳо, ки шароити зарурирo барои пӯшонидани хароҷот аз ҷониби нафари хавфро дар доираи созишномаи шарикии давлат бо бахши хусусӣ қабулкарда фароҳам меорад.

Д) Имконияти мутобиқшавӣ ба тағйирот дар натиҷаҳои ибтидоии лоиҳа дар тӯли давраи татбиқ, бо нигоҳ доштани таносуби нарх ва сифат дар сатҳи қобили қабул.

Е) Таъмини системи ҳавасмандгардонӣ ва ҷаримабандӣ дар созишнома барои татбиқи саривақтӣ ва босифати лоиҳа бо дарназардошти

талаботҳои таснифоти натиҷаҳои кор.

Ё) Бастани созишномаи шарикӣ бо дарназардошти марҳилаи вақт, ки имкон медиҳад, то ҷониби давлат талаботҳоро барои натиҷаҳои кор муайян кунад.

Ж) Мавҷудияти таҷрибаи зарурӣ дар татбиқи чунин лоиҳаҳо ҳам дар бахши давлатӣ ва ҳам хусусӣ.

З) Назорати хароҷот барои омодагӣ ва иҷрои лоиҳа [157].

Маблағгузории лоиҳаҳо бо шарикии давлат ва бахши хусусӣ як усули муассир барои рушди инфрасохтори нақлиётӣ мебошад. Ин усул имтиёзҳои зеринро фароҳам меорад:

- Генератсияи захираҳои молиявӣ: ин усул имкон медиҳад, ки захираҳои молиявии бахши хусусӣ барои ҳалли масъалаҳои давлатӣ ҷалб карда шаванд, ки ин ба васеъ кардани пойгоҳи молиявии давлат кумак мекунад.
- Созишномаҳои дарозмуддат: барқарор кардани шартномаҳои дарозмуддат бо шарикони хусусӣ имкон медиҳад, ки лоиҳаҳо дар давраи тӯлонӣ амалӣ ва нигоҳдорӣ шаванд, ки ин устувории лоиҳаро таъмин мекунад.
- Ташаккули шакли омехтаи таъминоти захиравӣ: ин усул имкон медиҳад, ки манбаъҳои гуногуни молиявӣ барои маблағгузории лоиҳаҳо истифода шаванд, ки ин ба коҳиш додани бор дар буҷети давлатӣ кумак мекунад.
- Марҳилабандии механизми маблағгузорӣ: таъриф кардани марҳилаҳои гуногуни лоиҳа, аз қабили таҳияи лоиҳа, ҷалби сармоя, истифода ва идоракунӣ ва ҷамъбаст, имкон медиҳад, ки маблағгузорӣ ва иҷрои лоиҳаҳо самараноктар бошанд.
- Тақсимоти масъулият ва хавфҳо: тақсим кардани масъулиятҳо ва хавфҳо байни давлат ва шарикони хусусӣ дар тамоми марҳилаҳои лоиҳа

кумак мекунад, ки ҳар як тараф вазифаҳои худро дуруст иҷро кунад ва хавфҳоро самаранок идора кунад.

Ҳамзамон, татбиқи чунин лоиҳаҳо боиси таъсиси ҷойҳои нави корӣ, беҳтар шудани инфрасохтори нақлиётӣ ва рушди иқтисодиёт дар минтақаҳо мегардад.

Дар доираи барномаҳои дарозмуддати сармоягузорӣ, ки барои рушди инфрасохтор дар давраи 2015–2025 солҳо равона шудаанд, истифодаи механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ пешбинӣ шудааст. Ин маънои онро дорад, ки бахши хусусӣ барои ҳал кардани масъалаҳои калидӣ, монанди беҳтар кардани инфрасохтори нақлиётӣ, идоракунии хароҷоти буҷет, таъмини сифати баландтарини объектҳои сохташаванда ва истифодаи самараноки онҳо дар оянда, фаъолона ҷалб хоҳад шуд. Ин равиш кумак мекунад, ки захираҳо ба таври самаранк истифода шаванд ва масъалаҳои муҳим дар рушди нақлиёт дуруст ҳал карда шаванд.

Арзёбии имконияти ба даст овардани сифати баланди хизматрасонӣ бо хароҷоти камтари лоиҳа ба он маъно аст, ки ҳангоми таҳлили лоиҳаҳои шарикӣ бо бахши хусусӣ бояд кӯшиш карда шавад, ки хизмати пешниҳодшаванда бо сифати баланд, аммо бо сарфаи ҳарчи бештар маблағ таъмин шавад. Мақомоти давлатӣ бояд таъмини сифати беҳтарини нарх ва сифатро дар чунин лоиҳаҳо дуруст арзёбӣ карда тавонад. Ғояҳои асосии матн дар муқаррарнамоии сифат ва хароҷот аз арзёбии дарёфти хизматрасониҳои сифати баланд дар заминаи хароҷоти камтар ба ҳисоб меравад. Тақсимоти дурусти хавфҳо байни давлат ва шарикони хусусӣ кумак мекунад, ки лоиҳа муваффақтар иҷро гардад. Таҳлили таносуби нарху сифат як қатор махсусиятҳо дорад, ки асоситаринаш истиснои истифодаи имконияти татбиқи лоиҳа аз ҳисоби сарчашмаҳои давлатии маблағгузорӣ мебошад.

Бояд гуфт, ки тартиби умуми баргузории таҳлили нарху сифат дар инфрасохтори нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз панҷ марҳила иборат аст (ҷадвали 2.1).

Ҷадвали 2.1. – Марҳилаҳои умуми баргузории таҳлили таносуби нарху сифат дар инфрасохтори долонҳои нақлиёти автомобилӣ

Марҳила	Тавсифи марҳила
1.	-Ҳисоби шартии дархости нарх -Ҳисоби хароҷоти интизорӣ дар мавриди харидҳои давлатӣ
2.	Муқоисаи харидҳои давлатӣ бо дархости нархии шартӣ ва интихоби шартҳо бо таносуби нарху сифати баланд
3.	Интихоби тарзи татбиқи лоиҳа ва дархости пешниҳодҳои нархӣ бо усули ҷалби бахши хусусӣ
4.	Ба даст овардани пешниҳодҳои нархӣ ва муқоиса намудани онҳо бо харидҳои давлатӣ ё дархости нархӣ барои тасдиқи таҳлили нарху сифати корҳо
5.	Муқоисаи хароҷоти давлатӣ бо нишондиҳандаи амалии татбиқи лоиҳаи шарикӣ

Сарчашма: Таҳияи муаллиф.

Қайд кардан бамаврид аст, ки натиҷаҳои таҳлили миқдорӣ наметавонанд танҳо барои асоснок кардани интихоби лоиҳа ё хориҷ кардани он аз амалиёти лоиҳа тавассути шарикӣ истифода шаванд. Ин таҳлилҳо бояд ҳамчун як ҷузъи муҳимми раванди қароргирӣ дар тамоми марҳилаҳои рушди лоиҳа бошад:

– Фарқияти ночиз дар натиҷаҳо: агар сатҳи баланди номуайянӣ байни усулҳои татбиқи лоиҳа вуҷуд дошта бошад, натиҷаҳои таҳлили сифатӣ бояд бештар қадр шаванд.

– Ҳассосияти натиҷаҳо: агар сатҳи баланди номуайянӣ дар маълумотҳо ё ҳассосият дар натиҷаҳои арзёбии таносуби нарху сифат ба дигаргуншавии тағирёбандаҳо баланд бошад, тавсия дода мешавад, ки диққати бештар ба натиҷаҳои таҳлили сифатӣ дода шавад.

Дар марҳилаи омодасозии лоиҳа, арзёбии таносуби нарху сифат ба муқоисаи усулҳои анъанавии харидҳои давлатӣ ва усули ҷалби бахши хусусӣ такя мекунад. Натиҷаи ин арзёбӣ барои қабули қарор дар самти

интихоби усули иҷрои лоиҳа муҳим мебошад. Арзёбии таносуби нарху сифат дар марҳилаи тайёрӣ аз маълумотҳои ҳисоботӣ ва пешниҳодҳои назариявӣ асос мегирад, зеро дар ин марҳила дархости нархии аниқ аз ҷониби шарики хусусӣ ҳанӯз вуҷуд надорад.

Аҳаммияти арзёбии таносуби нарху сифат дар марҳилаҳои татбиқи лоиҳа, махсусан дар чорчубаи шарикӣ байни давлат ва бахши хусусӣ бештар мебошад. Дар ин марҳила ба нуқтаҳои асосии зерин бояд диққат дод:

1. Марҳилаи татбиқи лоиҳа: Арзёбии таносуби нарху сифат барои таҳлил ва муқоисаи пешниҳодҳои бахши хусусӣ ва харидҳои давлатӣ муҳим аст. Ин арзёбӣ ба давлат имкон медиҳад, ки то пешниҳодҳои мувофиқтар ва босифаттарро интихоб намоянд.

2. Воситаи музокирот: Арзёбӣ метавонад ҳамчун воситаи муфид дар музокироти байни давлат ва шарикони хусусӣ истифода шавад. Агар давлат маълумотҳои аниқ оид ба таносуби нарху сифат дошта бошад, он гоҳ метавонад ба даст овардани шароитҳои беҳтарро муайян созад.

3. Рақобат байни шарикони хусусӣ: Дар баъзе кишварҳо равандҳои арзёбӣ барои муайян намудани муҳити рақобатӣ истифода мешаванд. Яъне ширкатҳои хусусӣ кӯшиш мекунанд, ки пешниҳодҳои беҳтар ва босифаттарро пешниҳод намуда, ба бастани шартнома ноил гарданд.

4. Сифат ва рақобат: Сатҳи сифати кор ва рақобат нишондиҳандаҳои муҳимми расидан ба таносуби муносиби нарху сифат мебошанд. Ҳар қадар ки рақобат зиёдтар бошад, ҳамон қадар имконияти беҳтар шудани шартҳо бештар мешавад.

5. Шартҳои фоидаовар барои давлат: Дар шароити рақобати шадид миёни шарикони хусусӣ давлат метавонад шартномаҳои фоидаовартарро ба имзо расонад. Ҳолати мазкур имкон медиҳад қимати максималии арзиш дар нишондиҳандаи таносуби нарху сифат муайян гардида, дар навбати худ татбиқи лоиҳаро таъмин созад.

Дар маҷмуъ, бояд таъкид кард, ки арзёбии дақиқи таносуби нарху сифат дар шароити рақобат метавонад натиҷаҳои беҳтаре барои давлат ва ҷомеа ба даст орад.

Дар асоси натиҷаҳои арзёбии қимати амалии таносуби нарху сифат қарор дар бораи истифода гардидани ҷалби бахши хусусӣ ба сифати усули татбиқи лоиҳаҳои оянда қабул карда мешавад.

Дар ҷадвали 2.2 тартиби умумии баргузории таҳлили таносуби нарху сифат оварда шудаанд.

Ҷадвали 2.2. – Тартиби умумии баргузории таҳлили таносуби нарху сифат

Марҳила	Тавсифи марҳила
1.	Арзёбии меъёрҳои сифатӣ: -муайян кардани таъсири истифодашавандагии шарикии давлат бо бахши хусуӣ ба сифати усули татбиқи лоиҳа дар мавриди тайёрӣ ё интихоби лоиҳа (таҳлил ва муқоисаи меъёрҳои сифатии дархостҳои нархӣ - дар марҳилаи озмун).
2.	Арзёбии миқдорӣ: -дурнамои хароҷот ҳангоми шарикии двалат бо бахши хусусӣ; -дурнамои хароҷот ҳангоми харидҳои давлатӣ
3.	Хулосабарорӣ дар бораи интихоби усули татбиқи лоиҳа

Сарчашма: Таҳияи муаллиф.

Дар доираи арзёбӣ бо меъёрҳои сифатӣ ду самтро аз ҳам фарқ мекунанд:

– муайян кардани истифодашавандагии ҷалби бахши хусусӣ ба сифати усули татбиқи лоиҳа;

– таҳлил ва муқоисаи меъёрҳои сифатии дар асоси дархостҳои нархӣ ба даст омада.

Меъёрҳои овардашуда барои таҳлили сифатӣ дар қаринаи лоиҳаҳои шарикӣ байни давлат ва бахши хусусӣ (ШДХ) воқеан муҳим мебошанд. Ҳар як нуқта дар таъмини амалиёти муваффақи лоиҳаҳо ва беҳтар кардани хизматрасониҳо барои истеъмолкунандагони ниҳоӣ нақши худро мебозад, ки онҳоро чунин метавон тасниф кард:

- ✓ Пазируфтани хавфҳо: хеле муҳим аст, зеро тақсимоти дурусти

хавфҳо миёни шарикон метавонад ба устувории молиявии лоиҳа таъсир расонад.

✓ Таҷрибаи шарики хусусӣ ва устувории молиявӣ: ба қобилияти татбиқи муваффақонаи лоиҳа таъсир мерасонад.

✓ Лоиҳакашии инноватсионӣ: ба қабули қарорҳои самаранок ва муосир мусоидат мекунад, ки метавонанд сифатро баланд бардошта, хароҷотҳоро коҳиш диҳанд.

✓ Фоида барои истеъмолкунандагон: истеъмолкунандагони ниҳоӣ бояд аз лоиҳа манфиати бештар ба даст оранд.

✓ Хизматрасониҳо бидуни кумаки давлат: нишон медиҳад, ки шарики хусусӣ метавонад масъулияти татбиқи лоиҳаро бар дӯш бигирад.

✓ Мувофиқат ба манфиатҳои ҷомеа: маҳсулот бояд ба манфиатҳои ҷамъият ва ҷомеа мувофиқат кунад.

✓ Меъёрҳои муосири ҳифзи муҳити зист: барои рушди устувор ва коҳиш додани таъсири манфӣ ба табиат муҳим аст.

✓ Дастрасии истеъмолкунандагон: беҳтар кардани дастрасӣ ба хизматрасониҳо барои баланд бардоштани сифати зиндагии мардум муҳим аст.

✓ Таҷриба ва технология: шарикони хусусӣ метавонанд технологияи нав ва усулҳоеро пешниҳод кунанд, ки барои ҳама иштироккунандагон фоида орад.

✓ Баланд бардоштани сифати хизматрасониҳо: мақсади ниҳоии ҳамаи кӯшишҳо мебошад. Ин меъёрҳо ба таҳияи лоиҳаҳои муваффақ ва устувор кумак мерасонанд, ки ҳам барои ҷомеа ва ҳам давлат фоиданок мегардад.

Бояд гуфт, ки арзёбии миқдории таносуби нарху сифат лаҳзаи ниҳоят муҳимми интихоби усули татбиқи лоиҳа мебошад. Дар доираи чунин арзёбӣ ҳисоби нишондиҳандаҳо барои гузаронидани таҳлили миқдорӣ зарур ҳисобида мешавад.

Марҳилаи ҳисоби ҷузъҳои хароҷот дар мавриди татбиқи лоиҳа ба воситаи харидҳои давлатӣ (ҷузъҳои PSC) дар ҷадвали 2.3 нишон дарҷ гардидааст.

Ҷадвали 2.3. – Ҳисоби ҷузъҳои хароҷот дар мавриди татбиқи лоиҳа

Марҳила	Тафсири марҳила	Натиҷаҳо
Ҷараёни ҳисоби пешакии PSC (харҷҳои интизорӣ дар мавриди харидҳои давлатӣ)	ҷудо кардани қисматҳои хароҷот арзёбии хароҷоти бевосита арзёбии хароҷотҳои бавосита	Ҳисоби пешакии харидҳои давлатӣ (PSC)
Арзёбии бетарафӣ нисбат ба рақобат	арзёбии афзалияти моликияти давлатӣ арзёбии норасоии моликияти давлатӣ	Ҳисоби фоидаи бетарафии рақобатӣ
Арзёбии миқдории хавфҳо	муайян кардани хавфи татбиқи лоиҳа тағйир ёфтани осори татбиқи хавф ҳисоби эҳтимолияти ба вуҷуд омадани ҳар як хавф	Ҳисоби қиматҳои хавф дар ифодаи пулӣ
Ҳисоби ниҳоии PSC (харҷҳои интизорӣ дар мавриди харидҳои давлатӣ)	муайян кардани тақсимоти муносиби ҳавфҳо арзёбии хатаре, ки бахши хусусӣ ба худ мегирад арзёбии хатаре, ки давлат ба худ мегирад	Андозаи хароҷоти интизории ислоҳшуда дар мавриди харидҳои давлатӣ

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Бо такя ба маълумотҳои дар ҷадвали 2.3 овардашуда мо таносуби нарху сифат ва хароҷоти интизориро барои харидҳои давлатӣ дар мисоли истифодаи пулакии роҳи автомобилгарди Душанбе – Чаноқ дар долони байналмилалии нақлиёти автомобилӣ ҳисоб кардем. Дар таҳлил ду усули татбиқи лоиҳаи истифодаи пулакии роҳи автомобилгарди Душанбе – Чаноқ: усули анъанавии харидҳои давлатӣ ва усули алтернативии шарикӣ муқоиса карда шуданд.

Ҳисоби хароҷоти харидҳои давлатӣ ба хароҷотҳои интизории татбиқи лоиҳа аз ҷониби мақоми ваколатдор тавассути харидҳои далатӣ ҷиҳати ба даст овардани ҳамин гуна талаботҳои камтарин мутобиқ ба пешниҳоди дархостҳои нархӣ асос меёбад.

Арзёбии таносуби нарху сифати хизматрасонии лоиҳа тавассути ҳисоб кардани хароҷоти интизорӣ гузаронида мешавад, ки дар он: хароҷотҳои ба лоиҳа алоқаманд ва арзёбии хавфҳое, ки дар давраи маблағгузории лоиҳа ба миён меоянд муайян мегарданд. Муҳим аст, ки хавфҳои ба маблағгузории давлатӣ алоқаманд ба назар гирифта шаванд, зеро онҳо метавонанд ба арзиш ва сифати ниҳоии лоиҳа таъсир расонанд. Ислоҳ кардани хароҷот барои харидҳои давлатӣ ишора мешавад, ки ин маънои тағйир ёфтани хароҷоти воқеиро вобаста ба шароити рақобат ва хусусиятҳои лоиҳа дорад. Вақте ки усулҳои гуногуни амали лоиҳа муқоиса мешаванд, ду сенария бо тақсимоти гуногуни хавфҳо байни шарики давлатӣ (давлат) ва бахши хусусӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Ин маънои онро дорад, ки дар як сенария давлат ва дар сенарияи дигар - бахши хусусӣ хавфҳои бештарро ба дӯш мегиранд. Ин амал боиси муайян гардидани самаранок будани яке аз усули амалисозӣ барои нарху сифати беҳтарин барои хавфҳо мегардад.

1.Ҳисоби арзиши софи овардашудаи (АСО) лоиҳа дар мавриди истифодаи усули анъанавӣ- харидҳои давлатӣ.

Дар мавриди татбиқи лоиҳа бо усули анъанавӣ тавассути харидҳои давлатӣ арзиши софи овардашудаи давлат нисбати татбиқи лоиҳаи дидашаванда 486,4 млн. долл. амрикоиро[1] (якхела барои сенарияи №1 ва сенарияи №2) ташкил мекунанд.

Рақами овардашуда аз таркиботи зерин иборат аст:

✓ Хароҷоти бевосита: Ин хароҷотҳо, ки аз ҳисоби як қатор хизматрасониҳо, ба монанди лоиҳакашӣ, хизматрасонии техникӣ ва таъмири объектҳо ба миён меоянд. Ба ин хароҷот маоши мутахассисон, хариди мавод ва дигар захираҳои лозим низ шомил мегарданд.

✓ Хароҷоти иловагӣ: Ин хароҷотҳо бо идоракунии хавфҳое, ки дар равандии татбиқи лоиҳа ба миён меоянд, вобаста ҳастанд. Масалан, ин

[1] Бо ин маблағ шоҳроҳи Душанбе – Чаноқ тақдид карда шудаанд.

метавонад ҳолатҳои пешбининашударо, ба монанди таъхирҳо дар сохтмон ё зарурати ислоҳи хатоҳо дар лоиҳа дар бар гирад.

✓ Арзёбии хавфҳо: Ин қисмат хавфҳоеро, ки давлат дар раванди амалӣ кардани лоиҳа ба дӯш мегирад, дар назар дорад. Дар ин холат "арзёбии хавфҳо" дар қабули хароҷоти пешбининашуда ва риояи стандартҳои сохтмон шомили масъулиятҳои давлат мебошад. Ба ибораи дигар агар мушкилот дар татбиқи лоиҳа ба вуҷуд ояд, ҳамаи хавфҳои молиявӣ бар дӯши давлат хоҳад буд.

✓ Бетарафии рақобат: Дар ин ҳолат зарурати тағйирот ҳангоми шароити баробар барои ҳамаи иштирокчиёни лоиҳа дахл дорад.

Ҷузъҳои арзиши софи овардашуда (АСО) ҳангоми татбиқи лоиҳа тавассути харидҳои давлатӣ дар ҷадвали 2.4 оварда шудаанд.

Ҷадвали 2.4. – Ҷузъҳои таркибии арзиши софи овардашуда ҳангоми татбиқи лоиҳаҳо дар системаи нақлиёти кишвар тавассути харидҳои давлатӣ

Таркиби арзиши софи овардашуда, млн. долл. ИМА	**Варианти №1**	**Варианти №2**
Хароҷоти бунёди иншоот	263802,3	263802,3
Хизматрасонии техникӣ ва таъмир	90294,7	90294,7
Ҳамагӣ, сохтмон ва истифодабарӣ	**354097,0**	**354097,0**
Хавфҳои нигоҳдошташаванда	102629,8	102629,8
Хароҷотҳои иловагӣ	19455,9	19455,9
Ислоҳот ба бетарафии рақобатӣ	10214,3	10214,3
Ҳамагӣ арзиши софи овардашуда	**486397,0**	**486397,0**

Сарчашма: Дар асоси ҳисобҳои муаллиф тартиб дода шудааст.

2.Арзиши софи овардашудаи(АСО) лоиҳа дар мавриди татбиқи он тавассути ШДХ.

Дар мавриди татбиқи лоиҳа бо усули алтернативӣ, яъне, тавассути ШДХ арзиши овардашудаи софи интизории хароҷоти давлат барои татбиқи лоиҳаи роҳи автомобилгарди Душанбе – Чаноқ - 404682,3 ҳазор долларро ҳангоми варианти якуми ҳисобкунӣ ва 523745,9 ҳазор долларро ҳангоми варианти дуюми ҳисоб (ҷадвали 2.5) ташкил мекунанд.

Бояд гуфт, ки маълумотҳои ҷадвали 2.5 фарогири нишондодҳои зеринанд:

Ҷадвали 2.5 – Ҷузъҳои таносуби нарху сифат ҳангоми татбиқи лоиҳа тавассути шарикии давлат бо бахши хусусӣ

Тарикиби арзиши софи овардашуда, ҳаз.долл.	ШДХ (варианти №1)	ШДХ (варианти №2)
Пардохтҳо ба бахши хусусӣ	384321,4	509922,7
Хавфҳои нигоҳдошташуда	10625,1	4129,7
Хароҷоти иловагӣ	9700,4	9700,4
Ҳамагӣ, арзиши софи овардашуда	**404682,3**	**523745,9**

Сарчашма: Дар асоси ҳисобҳои муаллиф тартиб дода шудааст.

Пардохтҳо ба шарики хусусӣ дар асоси шартномаи шарикӣ дар марҳилаи таҳдиди объект сурат мегиранд. Ин пардохтҳо барои ҷуброни хароҷотҳое ба назар гирифта мешаванд, ки бо марҳилаи таҳдид алоқаманданд. Инчунин, пардохтҳои мавсимӣ барои дастрасӣ ба истифодаи роҳи автомобилгард пас аз анҷоми лоиҳа пешбинӣ шудаанд. Дар маҷмуъ, ин пардохтҳо ба шарик хусусӣ барои таъмини иҷрои дуруст ва саривақтии лоиҳа, инчунин нигоҳдорӣ ва идоракунии объект дар тӯли давраи истифода равона мешаванд. (сатр 1, ҷадвали 2.5)

Дар мавриди арзёбии хавфҳои нигоҳдоштаи шарики давлатӣ дар лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ давлат як қисми хавфҳоро ба дӯши шарикони хусусӣ мегузорад. Шарики хусусӣ масъул аст, ки лоиҳаро бо риояи шартҳои тасдиқшудаи шартномаи молиявӣ ва бо эътибори буҷет амалӣ кунад. Хавфҳое, ки ба давлат боқӣ мемонанд, асосан ба шомили расидан ба созишномаҳои зарурӣ, ки дар онҳо амал ё ё беамалии мақомот дар шенасоии вазъияти вазоратҳо ва идораҳо эҳсос мешавад, таъсир мерасонанд. Инчунин, ба тартиби гузаронидани тендерҳо ва вазъи молии ояндаи объекте, ки бояд истифода шавад, вобаста аст. (сатр 2, ҷадвали 2.5).

Хароҷотҳои иловагӣ, ки вобаста ба татбиқ ва идоракунии лоиҳа ба амал меоянд (сатри 3, ҷадвали 2.5).

3.Натиҷаи арзёбии таносуби нарх ва сифат:

Варианти №1. Дар натиҷаи таҳлили қимати интизории таносуби нарху сифат ҳангоми татбиқи лоиҳа тавассути шарикӣ нисбат ба татбиқи он тавассути усули хариди давлатӣ фарқият (486397,0 - 404682,3)=81714,7 млн.доллари амрикоиро ташкил медиҳад. Натиҷаи ҳисобҳо дар ҷадвали 2.6 оварда шудаанд.

Ҷадвали 2.6. – Натиҷаи таҳлили қимати интизоррии таносуби нарху сифат ҳангоми вариантҳои гуногуни татбиқи лоиҳаи истифодаи пулакии роҳи автомобилгарди Душанбе-Чаноқ, ҳазор.долл. ИМА

Нисбати варианти №1	Усули ХД	Усули ШДХ
Пардохтҳо ба бахши хусусӣ	354097,0	384321,4
Хавфҳои нигоҳдошташуда	102629,8	10625,1
Хароҷоти иловагӣ	19455,9	9700,4
Ислоҳот ба бетарафии рақобатӣ	10214,3	-
Ҳамагӣ арзиши софи овардашуда	486397,0	404682,3

Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Нишондодҳои ҷадвали 2.6 нисбати варианти №1 нишон медиҳад, ки таносуби нарху сифат дар усули харидҳои давлатӣ 81714 ҳазор доллари амрикоиро ташкил дода, наздик ба 17% аз ҳисоби таносуби нарху сифати усули харидҳои давлатӣ мебошад [(81714:486397)х100 =17,0%].

Барои ба даст овардани фосилаи қимати нишондиҳандаи интизории таносуби нарху сифат аз таҳлили ҳассосияти қимати базавӣ (барои варианти №1) бар таносуби пешзаминаҳои пойгоҳӣ истифода мебаранд. Дар натиҷаи таҳлил муайян карда шуд, ки фосилаи қимати таносуби нарху сифат аз 13% то 21% – ро ташкил медиҳад (ҷадвали 2.7).

Ҷадвали 2.7. – Фосилаи таъсири омилҳо ба нишондиҳандаи таносуби нарх ва сифат

Омилҳо	Нишондиҳандаи таносуби нарху сифат,%
Қимати заминавии нишондиҳандаи ТНС	17
+1% ба меъёри дисконткунонӣ	19
-1% аз меъёри дисконткунонӣ	15
+1% ба таварруми интизории дарозмуддат	18
-1% аз таварруми интизории дарозмуддат	16
+10% ба хароҷоти таҷдид ҳангоми хариди давлатӣ (пардохтҳо дар мавриди ШДХ –бетағйир)	21

Идомаи ҷадвали 2.7

-10% аз ҳароҷоти таҳдид ҳангоми хариди давлатӣ (пардохтҳо дар мавриди ҲДХ – бетағйир)	13
+10% ба харочотҳои истифодабарӣ ҳангоми харидҳои давлатӣ (пардохтҳо дар мавриди ШДХ-бетағйир)	19
-10% аз хароҷоти истифодабарӣ ҳангоми харидҳои давлатӣ (пардохтҳо дар мавриди ШДХ – бетағйир)	14

Сарчашма: Дар асоси ҳисобҳои муаллиф тартиб дода шудааст.

Варианти №2. Бояд қайд кард, ки дар асоси натиҷаҳои таҳлил ҳангоми татбиқи варианти №2 тавассути истифодаи усули шарикӣ қимати таносуби муносиби нарху сифат ба даст намеояд. Ҳамин тариқ, усули афзалиятноки татбиқи лоиҳа дар доираи варианти №2 харидҳои давлатӣ мебошад (ҷадвали 2.8).

Ҷадвали 2.8. – Натиҷаи таҳлили таносуби нарху сифат аз рӯи варианти №2

Вариант №2	Усули харидҳои давлатӣ	Усули шарикии двалатӣ-хусусӣ
Пардохтҳо ба бахши хусусӣ	**354097,0**	509922,7
Хавфҳои нигоҳдошташуда	102629,8	4129,7
Хароҷотҳои иловагӣ	19455,9	9700,4
Ислоҳот ба бетарафии рақобатӣ	10214,3	-
Ҳамагӣ АОС	**486397,0**	**523745,9**

Сарчашма: Дар асоси ҳисобҳои муаллиф тартиб дода шудааст.

Бо истифода аз нишондодҳои ҷадвали 2.8 таносуби нарху сифати лоиҳаро ҳисоб мекунем: 523745,9 – 486397,0 = 37348,9 млн. доллари амрикоӣ ё 7,6% аз АОС.

Гуфтаҳои боло аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҳангоми татбиқи варианти №2 усули фоидаовари татбиқи лоиҳа харидҳои давлатӣ мебошад. Тафовут дар натиҷаҳои таҳлил байни варианти №1 ва варианти №2 нишон медиҳад, ки дар варианти №2 хавфҳо байни шарики давлатӣ ва хусусӣ нодуруст тақсим шудаанд.

Дар натиҷа эҳтимол аст, ки тамоми хавфҳо ба шарики хусусӣ гузошта шуда, раванди идоракунии он нодуруст ба роҳ монда шавад. Ҳолати мазкур ба норасоии пардохтҳо ба шарики хусусӣ аз ҳисоби мукофоти

иловагӣ барои хавф оварда мерасонад. Ин ҳам дар ҳолест, ки хавф барои шарики давлатӣ нисбат ба варианти №1 ба таври назаррас коҳиш ёфтааст.

Дар чунин шароит зарур аст, ки таҷрибаи байналмилалии истифодаи нишондиҳандаҳои таносуби нарху сифат дар лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар инфрасохтори роҳҳои автомобилгард мавриди истифода қарор дода шавад.

2.2. Таҷрибаи ҷаҳонӣ ва истифодаи он дар фаъолияти долонҳои нақлиёти автомобилии Тоҷикистон

Дар кишварҳои хориҷӣ шарикии давлат ва бахши хусусӣ нақши калидӣ дар татбиқи лоиҳаҳои калонҳаҷм ва инфрасохтори дарозмуддат дорад. Ин шарикии фаъол дар соҳаҳое, чун сохтмони роҳҳо (масалан, роҳҳои пулакӣ), сохтмони нақбҳо, пулҳо, фурудгоҳҳо ва роҳҳои оҳан (шомил дар ҷойҳои истихроҷи маъдан) истифода мешавад. Ба ибораи дигар, шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар лоиҳаҳои инфрасохтори муҳим ва сармоягузории дарозмуддат, ки барои рушди иқтисод ва бунёди инфрасохтори зарурӣ аҳаммияти калон доранд, хеле васеъ истифода мешавад. Дар бораи таҷрибаи ҷаҳонӣ нисбати татбиқи лоиҳаҳо, аз ҷумла, маблағгузорӣ дар асоси механизми шарикии давлат бо бахши хусусӣ хулосабарорӣ карда, наметавонем масъалаи интихоби шариконро барои лоиҳаҳои оянда сарфи назар намоем. Шакл ва хусусиятҳои функсионалии сохторҳои ташкилӣ нисбати рушди шарикии давлат бо бахши хусусӣ дар мамлакатҳои пешрафтаи ҷаҳон дар ҷадвали 2.9 оварда шудаанд.

Ҳамин тарик, таҷрибаи хориҷӣ асосан афзалиятҳои татбиқи механизми шарикии давлат бо бахши хусусиро дар лоиҳаҳои инфрасохтори долонҳои нақлиётӣ нишон медиҳад. Истифодаи методикаи таҳлили таносуби нарху сифат барои интихоби шакли беҳтари ҳамкорӣ дар татбиқи муваффақонаи лоиҳаҳои инвеститсионии ин соҳа кумак мекунад.

Ҷадвали 2.9. – Тавсифоти институтсионалии инфрасохтории нақлиёти автомобилии баъзе аз кишварҳои пешрафта дар соҳаи шарикии давлат бо бахши хусусӣ

Мамлакат	Институтҳои рушди шарикии давлат бо бахши хусусӣ	Вазифаҳо
Британияи	Ширкати махсуси давлатию хусусӣ: - шӯрои машваратӣ - раёсат (9 директор) - кумитаи аудит - раёсат (9директоҳо); - кумитаи аудит; - идораи назорати миллӣ	Кор бо ҳукумат дар масъалаҳои рушди сиёсати шарикии давлат бо бахши хусусӣ ва стандарткунонии лоиҳаҳо
Ирландия	Шуъбаи марказӣ барои шарикии давлат бо бахши хусусӣ дар назди департаменти молия	Таҳияи сиёсати умумии ҳамоҳангсозии лоиҳаҳои ШДХ
	Шуъбаи махсуси шарикии давлат бо бахши хусусӣ дар ҳайати Департаменти муҳити атроф, ёдгориҳои меъморӣ ва мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, Департаменти корхонаҳои давлатӣ, агентии милли роҳ, Департаменти маориф ва илм	Департаментҳои соҳавӣ, ки дар назди давлат нисбати татбиқи ШДХ-лоиҳаҳои дар нақшаҳои стратегӣ пешбинишуда масъулият доранд
Олмон	Сатҳи федералӣ: - вазорати молияи федеролӣ; - гурӯҳи махсуси шарикии давлат бо бахши хусусӣ. Сатҳи минтақавӣ: - вазорати молияи минтақавӣ; - гурӯҳҳои махсуси шарикии давлат бо бахши хусусӣ. Сатҳи мунисипалӣ: - мақомоти идораи мунисипалитет	- таъмини сиёсати давлатӣ дар соҳаи шарикии давлат бо бахши хусусӣ; - такмили заминаи қонунгузорӣ; - PR, маърифати оммафаҳмии шарикии давлат бо бахши хусусӣ; - ҳамкорӣ ва мубодилаи таҷриба дар сатҳи миллӣ ва байналмиллӣ; - машваратдиҳӣ ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ташкили марҳилаи ибтидоии дастгирии лоиҳаҳои пилотӣ (барои мақомоти ҳокимияти федеролӣ ва маҳаллӣ)
ИМА	Шӯрои миллӣ нисбати шарикии давлат бо бахши хусусӣ	Таҳияи стратегияи умумии ҳамоҳангсозӣ дар соҳаи шарикии давлат бо бахши хусусӣ
	Мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ	Масъалаҳо омодасозӣ ва татбиқи лоиҳаҳои дақиқи шарикии давлат бо бахши хусусӣ

Сарчашма: Варнавский, В.Г. Концессии в транспортной инфраструктуре: теория,практика,перспективы/В.Г.Варнавский. – М.:ИМЭМОРАН, 2002. – 147 с.; Делмон, Дж. Государственно- частноепартнерствов инфраструктуре: практическое руководство для органов государственной власти / Дж. Делмон. – Астана: ИЦ «Апельсин», 2010. – 261 с; Дерябина, М.А. Государственно-частноепартнерство: теорияи практика (научный доклад) / М.А. Дерябина, Л.И. Цедилин. – М.: Институт экономики РАН, 2007. – 76 с.; Межпарламетская Ассамблея государств-участников СНГ. Информационный Бюллетень №70, 2019 г, с.52.

Таҷрибаи хориҷии баргузории таҳлили таносуби нарху сифат (ТНС) нишон медиҳад, ки то кунун стандарт ва методологияи ягонаи таҳлили таносуби нарху сифат вуҷуд надорад. Тартиби арзёбии таносуби нарху сифат дар инфрасохтори долонҳои нақлиёти автомобилӣ марҳилаҳои зеринро дар бар мегирад:

– қабули қарор дар бораи истифодабарии таҳлили таносуби нарху сифат;

– арзёбии пардохтҳои давлат ҳангоми татбиқи механизми шарикӣ;

– арзёбии андозаи пешакии хароҷоти интизорӣ ҳангоми истифодаи харидҳои давлатӣ;

– баргузории ислоҳот барои таъмини муқоисашавандагӣ;

– муайянкунии арзиши ҷорӣ;

– арзёбии таносуби нарху сифати корҳо дар долонҳои нақлиёти автомобилӣ.

Бояд зикр намуд, ки ба параметрҳои асосии фарқкунандаи истифодаи амалии таҳлили таносуби нарху сифат инҳо шомил мешаванд:

– вазифа ва тартиби иҷрои таҳлили таносуби нарху сифат ҳангоми интихоби роҳи татбиқи лоиҳа;

– зудии баргузории арзёбии таносуби нарху сифат;

– муносибат ба баҳодиҳии хавфҳо;

– муносибат ба арзёбии манфиатҳои сифатӣ;

– тартиби ҳисоб кардани меъёри дисконткунонӣ.

Дар умум ҷамъбасти таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ нисбат ба масъалаи истифодаи таҳлили таносуби нарху сифат дар ҳолати интихоби усули шарикии давлат бо бахши хусусӣ ҳангоми татбиқи лоиҳаҳои инфрасохторӣ дар ҷадвали 2.10 оварда шудааст.

Ҷадвали 2.10. – Ҷамъбасти таҳлили таҷрибаи байналмилалӣ нисбати истифодаи нишондиҳандаи таносуби нарху сифат барои интихоби механизми муносиби шарикии давлат бо бахши хусусӣ

Мамлакат	Тартиби баргузорӣ	Даврияти таҳлил	Арзёбии хавфҳо	Арзёбии сифат	Меъёри дисконткунӣ
1	2	3	4	5	6
Британияи Кабир	Баргузории ТНС пешбинӣ мекунад	Дар се марҳила баргузор мегардад	Барои ба ҳисоб гирифтани номуайянӣ	Натиҷаи таҳлили сифатӣ	Бо ҳисоби таваррум
Олмон	Тартибот истифода бурда мешавад	Дар се марҳила баргузор мегардад	Эҳтимолия-ти ба вуҷуд омадан баланд, миёна, паст	Фоидаҳои ғайримоли-явӣ барои таҳлили миқдорӣ	Барои ҳамаи усулҳои татбиқи лоиҳа ягона будан
Канада	Таҳлил биду-ни методоло-гияи ягона баргузор мегардад	Дар ду марҳила баргузор мегардад	Ба анбуҳи пулҳо	Пеш аз таҳлили миқдорӣ	Ба арзиши маблағгузорӣ асос меёбад
Австралия	Дар асоси методология исатҳи миллӣ баргузор мегардад	То дархости пешниҳоди нархӣ	Таъсири интизорӣ ба анбуҳи пулҳо	Омилҳои миқдории интихоб	Меъёри гуногун барои варианти татбиқ истифода бурда мешавад
ИМА	Тартибот аз тариқи қонунгузорӣ муайян карда мешавад	Дар се марҳила баргузор мегардад	Тавассути сохтани матритсаи хавфҳо	Меъёрҳои сифатӣ таҳлил карда мешаванд	Методология бо австралиявӣ монанд мебошад
Ҷумҳурии Африкаи Ҷанубӣ	Дар сатҳи қонун муайян карда шудааст	Дар мавриди тағйирёбии пешзаминаҳ ои калидӣ	Арзёбӣ бо ҳисоби хавфҳо	Методоло гия вуҷуд надорад	Нисбати даромаднокии вомбаргҳои давлатӣ
Россия	Бо қонуни сатҳи федеролӣ	То пешниҳоди таклиф дар бораи татбиқи лоиҳа	Бо ҳолати шарики давлатӣ	Ин гуна талабот вуҷуд надорад	Ҳамчун қимати миёнаи барка-шидашудаи арзиши захираҳои қарзӣ

Сарчашма: Варнавский, В.Г. Концессии в транспортной инфраструктуре: теория,практика,перспективы / В.Г.Варнавский. – М.:ИМЭМОРАН, 2002. – 147 с.;Делмон,Дж. Государственно- частноепартнерствов инфраструктуре: практическое руководство для органов государственной власти/ Дж. Делмон. – Астана: ИЦ «Апельсин», 2010. – 261 с;

Ба мақомоти давлатие, ки татбиқи лоиҳаро ба дӯш доранд, тавсия дода мешавад, то таҳлили усулҳои эҳтимолии татбиқи лоиҳаро дар марҳилаҳои аввалин оғоз намоянд. Таҳлил дар се марҳила гузаронида мешавад:

1. Марҳилаи аввал: вариантҳои гуногуни татбиқи лоиҳаро арзёбӣ мекунанд, то таносуби ибтидоии нарху сифатро муайян намоянд. Ин барои дарёфти варианти боэътибортарин аз лиҳози хароҷот ва натиҷаҳо кумак мекунад.

2. Марҳилаи дувум: арзёбии ибтидоии сармояи лоиҳа баргузор мегардад. Дар ин марҳила, хароҷоти пешбинишудаи сармояро арзёбӣ мекунанд, то андозаи хароҷотро барои татбиқи лоиҳа муайян намоянд.

3. Марҳилаи сеюм: ин арзёбӣ дар доираи буҷети мақоми давлатӣ, ки лоиҳаро маблағгузорӣ мекунад, гузаронида мешавад. Яъне, таҳлил бояд дар доираи имкониятҳои молиявӣ ва банақшагирии ин мақомот сурат гирад. Ба ин васила, масъалаи муайян намудани варианти боэътимодтарини лоиҳа аз лиҳози нарху сифат ҳалли худро меёбад ва дар банақшагирии буҷа истифода мегардад.

Дар барномаи лоиҳа муҳим аст, ки хавфҳои ба равандҳои молиявии он (даромад ва хароҷот) таъсиррасонанда, ба ҳисоб гирифта шаванд. Арзёбии хавфҳо воситаи муайян кардани эҳтимолияти ба вуқуъ омадани ҳар як хавф ва таъсири он ба буҷа мебошад. Баъзан вақт, ҳангоми ҳисоби хароҷот ва даромадҳо ҳолати воқеъбинӣ ба миён меояд. Яъне, хароҷотҳои воқеӣ метавонанд аз он чӣ, ки мо пешбинӣ мекунем бештар бошанд ва аз ин сабаб муҳим аст, то интизориҳо ислоҳ карда шаванд. Пеш аз он ки дар бораи татбиқи лоиҳа тавассути ҳамкорӣ байни давлат ва бахши хусусӣ қарор қабул кунем, зарур аст, то таҳлили миқдорӣ (рақамӣ) ва сифатӣ гузаронида шавад. Ин ҳолат барои муайян намудани андозаи қобили истифода ва мувофиқ будани лоиҳа зарур аст. Ҳангоми таҳлили фоидаҳои ғайримолиявии лоиҳа (масалан, паҳлӯҳои иҷтимоӣ ё экологӣ) муҳим аст,

ки се нуқта ба инобат гирифта шавад: «татбиқшавандагӣ»: оё лоиҳа дар амал татбиқ мегардад? – «мувофиқи мақсад будан»: оё лоиҳа ба ниёзҳои ҷомеа ҷавобгӯ аст? «имконпазирии лоиҳа»: оё татбиқи лоиҳа бо дарназардошти захираҳо ва шароитҳо имконпазир аст? Дар натиҷа, хавфҳо ва фоидаҳои лоиҳа ба таври воқеӣ арзёбӣ гардида, қарорҳои асоснок қабул карда мешаванд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки меъёри дисконткунӣ дар арзиши ҳозира ҳисоб карда шуда, пас аз он бо дарназардошти сатҳи интизоршудаи таваррум ислоҳ карда мешавад. Дар ин маврид меъёри дисконткунӣ дар шакли воқеӣ аз афзалиятҳои иҷтимоии манфиатҳои муваққатӣ вобаста буда, нишон медиҳад, то чӣ андоза ҷомеа истеъмоли ҳозираро нисбат ба истеъмоли оянда арзишманд мешуморад. Ҳамзамон, ҷубронпулӣ барои хавфҳои мушаххас ба назар гирифта намешавад. Меъёри ягона барои ҳама усулҳои татбиқи лоиҳа истифода мешавад.

Дар Канада мақомоти давлатӣ вазифадоранд, ки лоиҳаҳои татбиқшавандаи ба нақша гирифташударо арзёбӣ кунанд. Барои ин онҳо бояд аз таҳлиле истифода баранд, ки ба таҷриба ва стандартҳои дар сатҳи федеролӣ муқарраршуда асос ёфтааст. Амали мазкур барои он анҷом дода мешавад, ки ба асоснок ва ба таҷрибаҳои кишварҳои пешрафта мувофиқ будани усули интихобшудаи татбиқи лоиҳа боварӣ ҳосил шавад. Барои таҳлили таносуби нарху сифат нисбати соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт ва воҳидҳои маъмурии ҳудудӣ тавсияҳои дақиқ истифода карда мешаванд.

Таҳлили таносуби нарху сифат дар ду марҳилаи татбиқи лоиҳа гузаронида мешавад. Сараввал дар марҳилаи муқоиса ва банақшагирӣ, ки то анҷоми таҳияи натиҷаҳои лоиҳа ва имзои созишнома сурат мегирад. Баъдан, таҳлил бори дигар дар марҳилаи интихоби шарики хусусӣ миёни ҳамаи иштирокчиёни эҳтимолӣ баргузор мешавад. Сипас, таҳлил аз нав бо истифода аз маълумотҳои дархости конкретӣ гузаронида мешавад ва қарори ниҳоӣ дар бораи варианти татбиқи лоиҳа ва дархости нархии

лоиҳаи озмунро бурд карда (дар мавриди татбиқи лоиҳа тавассути шарикии давлат бо бахши хусусӣ) таҳлили тансуби нарху сифат такрор карда мешавад.

Дар ин ҷо ба ҳар як хавф баҳои миқдории эҳтимолияти ба вуҷуд омадани таъсири интизорӣ ба анбуҳи пулӣ дода мешаванд. Барои баргузории таҳқиқ дар асоси амсилаҳои оморӣ таҳияи функсияи тақсимостии таъсири имконпазири хавф ба анбӯҳи пулҳо муайян мешавад, ки ба воситаи он арзиши умумии хавфро ҳисоб мекунанд. Функсияи тақсимотӣ ба воситаи гузориши қимати фавқулоддаи таъсири хавфҳои алоҳида дар ҳудуди додашуда, бо истифода аз таъминоти барномавии муайян ҳисоб карда мешавад.

Дар ин кишвар ҳисоби меъёри дисконт ба арзиши маблағгузорӣ барои созмони маъмурӣ – ҳудудии кишвари мувофиқ дар асоси вомбаргҳои дарозмуддат баргузор мегардад. Ҷуброни хавфҳои махсуси лоиҳа дар меъёри дисконткунӣ ба ҳисоб гирифта намешавад, балки таъсири имконпазири хавфҳо ба анбуҳи пулҳо арзёбӣ мешавад. Ҳамчунин, барои ҳамаи усулҳои татбиқи лоиҳа, меъёри ягона истифода мегардад. Ба ибораи дигар, дар таҳлили лоиҳа, хавфҳо ва эҳтимолияти таъсири онҳо ба маблағҳо (масалан, хароҷотҳо ва даромадҳо) ба назар гирифта мешаванд, вале ин таъсир ба тартиби ҳисоб кардани арзиши лоиҳа тавассути меъёри дисконткунӣ дохил намешавад. Ба ҷои ин, барои ҳамаи усулҳо як меъёри умумӣ истифода мешавад, ки барои ҳамаи намудҳои лоиҳаҳо баробар аст.

Дар Австралия дар самти арзёбӣ ва асосноккунии усулҳои татбиқи лоиҳаҳои давлатӣ таҷрибаи қатъӣ вуҷуд дорад. Мақомоти давлатие, ки бо таҳлили татбиқи лоиҳаҳо машғуланд, вазифадоранд, то таҳлили таносуби нарху сифатро гузаронанд. Ин таҳлил асоси интихоби усули мувофиқи татбиқи лоиҳаро ташкил медиҳад. Яъне, онҳо бояд ба таври дақиқ муайян намоянд, ки кадом моддаҳои хароҷот бо натиҷаҳои интизорӣ алоқаманд мебошанд.

Таҳлили таносуби нарху сифат қабл аз пешниҳоди дархост баргузор гардида, баъд аз қабули пешниҳодҳо аз иштирокчиёни бозор метавонад тағйир ёбад. Дар масъалаи харидҳои давлатӣ ҳисоби хароҷот дар мавриди қабули дархост ислоҳ карда мешаванд. Ислоҳоти мазкур бо дарназардошти тағйирёбии ҳаҷми кори лоиҳа ё ҳангоми ошкор гардидани арзёбии нодурусти яке аз ҷузъҳо анҷом дода мешавад. Агар усулҳои татбиқи лоиҳа, ки аз ҷониби иштирокчиён пешниҳод шудаанд, нисбатан судманд бошанд, он гоҳ хароҷотҳои татбиқи лоиҳа ислоҳ намешаванд.

Пас аз он ки ҳамаи хавфҳо таҳлил карда мешаванд, муҳимтарини онҳо – яъне хавфҳое, ки эҳтимолияти рух додан ва зарари ҷиддӣ расониданашон зиёдтар аст, интихоб мегарданд. Барои ин хавфҳо эҳтимолияти рух доданашон арзёбӣ мешавад. Арзёбӣ метавонад бо ду роҳ баргузор гардад: сода – коршиносон бар асоси таҷрибаи қаблӣ фикри худро баён менамоянд; мураккаб – тавассути барномаҳои махсус, ки эҳтимолияти хавфҳоро ҳисоб мекунанд. Интихоби усул аз муҳимияти лоиҳа ва мураккабии хавфҳо вобаста аст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки арзёбии таносуби нарху сифат бояд фарогири ҳам таҳлили меъёрҳои миқдорӣ ва ҳам сифатӣ бошад. Ҷараёни ба тартиб даровардашудаи интихоби пешниҳодоти нархии иштирокчиён арзёбии омилҳои миқдориро тавассути муқоисаи дархост дар раванди харидҳои давлатӣ ва шабеҳгардонию таҳлили таъсири омилҳои миқдорӣ, ки дар ҳисоби хароҷоти харидҳои давлатӣ дохил нестанд, пешбинӣ менамояд. Омилҳои миқдории интихоби дархост дар мавриди фарқияти ками миёни харидҳои давлатӣ ва худи дархостии рақобатии нарх нақши муҳим доранд.

Дар Австралия усулҳои гуногуни арзёбии лоиҳаҳо бо дарназардошти тарзи татбиқи онҳо истифода мешавад. Агар лоиҳа тавассути харидҳои татбиқ гардад, меъёре истифода мешавад, ки ба арзиши қарзгирии давлат асос ёфтааст. Агар лоиҳа тавассути шарикии давлат бо бахши хусусӣ

татбиқ шавад, меъёр ба арзиши маблағгузории шарики хусусӣ асос пайдо мекунад. Дар ин ҳолат тақсимоти хавфҳо байни давлат ва шарики хусусӣ низ ба назар гирифта мешавад. Барои ҳар як усули татбиқи лоиҳа ҳисобҳои гуногун ба таври сода истифода мешаванд, то хароҷот ва хавфҳо дуруст арзёбӣ шаванд.

Дар ИМА таҳлили хавфҳо чунин усулҳоро дар бар мегирад:

1. Таҳияи матритсаи хавфҳо бо истифода аз фосилаҳои онҳо, таъсири хавф ба хароҷот ва ба реҷаи иҷрои лоиҳа.

2. Муайян кардани миқдори интизории хавф дар мавриди нокифоя будани маълумоти иловагӣ барои сохтани матритсаи хавфҳо ва норасогии маълумоти кофӣ барои муқаррар кардани қимати дақиқи эҳтимолият ва таъсири хавфҳо.

3. Моделсозӣ бо истифода аз усулҳои оморӣ (усули Монте-Карло). Таҳлили таносуби нарху сифат ҳам меъёрҳои миқдорӣ ва ҳам сифатиро дар бар мегирад. Ҷараёни таҳлил аввалан ба арзёбии омилҳои миқдорӣ равона шудааст, то ки фарқият дар усулҳои татбиқи лоиҳа бо дарназардошти ҳадафҳои асосӣ муайян карда шавад. Дар ҳамин ҳол меъёрҳои сифатии таҳлил бо дарназардошти ҳадафҳои лоиҳа муайян карда мешаванд. Методикаи ҳисоб кардани меъёри дисконт дар ИМА ба он, ки дар Австралия истифода мешавад, хеле монанд аст. Вақте ки арзиши пул бо усули дисконткунӣ ҳисоб мешавад, омилҳое чун фосилаи вақт, таваррум, меъёри фоизӣ ва хавфҳои системавӣ, ки ба бахши хусусӣ вобаста ҳастанд, дар назар гирифта мешаванд. Муҳим аст, ки барои харидҳои давлатӣ ва лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ меъёри дисконткунӣ яксон ва якҷоя истифода шавад.

Усулҳои ҳисобро метавон дар асоси яке аз шартҳои зерин қабул кард:

а) хароҷоти интизорӣ барои харидҳои давлатӣ (таҷрибаи Британияи Кабир).

б) модели арзёбии дороиҳои сармоявӣ (бо дарназардошти меъёрҳо барои усулҳои гуногуни татбиқи лоиҳа (таҷрибаи Австралия)).

в) меъёри бехавф (ба шарте ки ҳамаи хавфҳои лоиҳа дар ҷараёни кор инъикос ёфта бошанд).

Дар Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ (ҶАҶ) қонун талаб мекунад, ки пеш аз оғоз гардидани лоиҳаҳо бо шарикии давлат ва бахши хусусӣ тадқиқоти амиқ гузаронида шаванд. Ин тадқиқотҳо дар самти боварӣ ҳосил кардан нисбати мувофиқ будани лоиҳа ба ҳадафҳои кишвар ва манфиатовар будан барои давлат кумак расонида, ҳамзамон дар онҳо ва ҳамаи хатарҳои молиявӣ, технологӣ ва амалиётӣ байни давлат ва ширкатҳои хусусӣ возеҳ тақсим шудаанд. Ҳамчунин, манфиатовар будани лоиҳа бо дарназардошти таносуби нарх ва сифат арзёбӣ гардида, идораи самараноки он аз ҷониби давлат муайян мегардад.

Дар ҳамин ҳол аз ҷониби мақоми ваколатдори кишвар тасдиқ намудани натиҷаҳои таҳлили татбиқшавии лоиҳа тавассути механизми шарикии давлат бо бахши хусусӣ то ибтидои он ҳатмӣ мебошад. Вазифаҳои навкунии натиҷаҳои таҳлил вақте ки маълумоти нав пайдо мешаванд ё тағйирот дар омилҳои асосӣ ба вуҷуд меоянд, дар назар гирифта мешаванд. Ин ҳолат талаб мекунад, ки маълумотҳои таҳлилшуда мунтазам ба таври ҷорӣ ва дар ҳолати эҳтиёҷ дубора санҷида шаванд.

Пешниҳод мешавад, ки хавфҳо ба таври ҷудогона арзёбӣ шаванд ва онҳо набояд дар ҳисоби дисконткунонӣ дохил карда шаванд. Ҳамин тавр, хавфҳо бояд ҳамчун омилҳои мустақил ва алоҳида, ки таъсироти худро ба лоиҳа доранд, баррасӣ шаванд, то ки натиҷаҳо ва таҳлилҳо дақиқ ва объективӣ боқӣ монанд. Сараввал сатҳи таъсири ҳар як хавф ба хароҷот бо роҳи зарби хароҷоти интизорӣ ба эҳтимолияти ба амал омадани хавф таҳлил карда мешавад. Сипас, муайян карда мешавад, ки ин хавф аз ҷониби кӣ ва кай метавонад ба амал ояд. Ҳамзамон, муқаррар карда мешавад, ки дар сурати ба амал омадани хавф дар ҳар як марҳилаи лоиҳа

чи қадар маблағ зарур мешавад. Ниҳоят анбуҳи пулӣ бо дарназардошти ҳамаи ин хароҷотҳо таҳия карда мешавад. Ба ин тартиб хавфҳо ҳамчун ҷузъи алоҳида дар нақшаи лоиҳа мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Тавсия дода мешавад, ки дар сурати мувофиқ будани муҳлати пардохт ба давраи татбиқи лоиҳа барои лоиҳа даромаднокии камтарини вомбаргҳои давлатӣ ҳамчун меъёри дисконт истифода шаванд. Мақомоти Хазинадории миллии Ҷумҳурии Африкаи Ҷанубӣ барои муайян кардани вомбарги воқеӣ, ки даромаднокиаш ба сифати меъёри дисконт истифода бурда мешавад кумак мерасонад. Ислоҳоти меъёр ба хавфҳо бояд дар ҳолатҳои истисноӣ, ё ин ки ҳангоми баҳисобгирии фоидаҳои хавфҳои муайян дар анбуҳи пул сурат гирад.

То равона кардани пешниҳод дар бораи татбиқи лоиҳаи шарикии давлат бо бахши хусусӣ ба мақоми масъул (бо ташаббуси ҳам шарики давлатӣ ва ҳам шарики хусусӣ), бояд асоснокии афзалияти қиёсии татбиқи лоиҳа тавассути механизми шарикии давлат бо бахши хусусӣ тайёр карда шавад. Дар муҳлати 90 рӯз пас аз гирифтани пешниҳоди мувофиқ, мақоми масъул дар бораи мавҷудияти (набудани) афзалияти қиёсии лоиҳа хулоса пешниҳод менамояд.

Дар Россия [1,2], арзиши хавфҳо бо роҳи ҳисоб кардани уҳдадории умумии лоиҳа, ки давлат ба дӯши худ мегирад, муайян карда мешавад. Хавфҳо ба гурӯҳҳои зерин тақсим мешаванд:

1. Хавфи марҳилаҳои омодагӣ ва лоиҳакашӣ.
2. Хавфи сохтмони объект.
3. Хавфи истифодаи объект.
4. Хавфи ба даст овардани даромад аз истифодаи объект.
5. Хавфҳои дигар.

Уҳдадориҳои давлат барои ҳар як гурӯҳ ба таври алоҳида ҳисоб карда мешаванд, ки аз ҳаҷми умумии хароҷот ва эҳтимолияти зиёдшавии он вобаста аст.

Дар Россия барои арзёбии таносуби нарху сифати лоиҳаҳо талаботи ҳатмии баргузории таҳлили сифатӣ вуҷуд надорад, яъне, эҳтимолан таваҷҷуҳ бештар ба нишондиҳандаҳои миқдорӣ, ба монанди хароҷотҳо ва фоидаҳои молиявӣ зоҳир карда мешавад. Аммо, ҳатто дар набудани чунин талаботҳо ҳам меъёрҳои сифатӣ метавонанд истифода шаванд, бахусус агар масъалаҳои фоидаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии лоиҳа муҳокима гарданд. Меъёрҳои сифатӣ барои муайян кардани мувофиқати лоиҳа ба ҳадафҳо ва вазифаҳои барномаҳои давлатӣ истифода мешаванд. Ҳолати мазкур метавонад таҳлили мувофиқати афзалиятҳои стратегии давлат, аҳаммияти иҷтимоии лоиҳа, таъсири экологӣ ва дигар омилҳои ғайримолиявиро дар бар гирад. Ин ҷанбаҳо дар баҳодиҳии арзиши умумии лоиҳа барои ҷомеа нақши муҳим мебозанд, ҳатто агар онҳо дар талаботҳои расмии арзёбии таносуби нарху сифат ба таври возеҳ инъикос наёбанд.

Дар ин ҷо меъёри дисконт ҳамчун қимати миёнаи захираҳои қарзии аз сарчашмаҳои маблағгузории гуногун (воситаҳои буҷети давлатӣ, воситаҳои буҷети субъектҳо ва воситаҳое, ки давлат барои иҷрои вазифаҳояш аз дигар сарчашмаҳо қарз кардааст) ба инфрасохтори долонҳои нақлиёти автомобилии ҷалбкардашуда муайян карда мешавад. Ба сифати арзиши ҷалби захираҳои молиявӣ, даромаднокӣ нисбат ба пардохт шудан аз сарчашмаи мувофиқи маблағгузории вомбарг вобаста аз муҳлати муомилот, ки ба муҳлати иҷрои лоиҳа ва меъёри миёнаи қарзҳо аз ташкилотҳои молиявӣ(барои сарчашмаҳои мувофиқи маблағгузорӣ) баробар мебошад, гирифта мешавад.

2.3. Методологияи идораи тағйиротҳо дар нигоҳдории инфрасохтори долонҳои нақлиёти автомобилӣ

Бояд қайд кард, ки таҷрибаи истифодаи усулҳои таҳлили хавфи дар адабиёт овардашуда нишон медиҳад, ки онҳо ба воситаи риёзии усули

назарияи эҳтимолият асос ёфта, аз тавсифи эҳтимолӣ доштани номуайяниҳо ва хавфҳо ба вуҷуд меоянд.

Таҳлили миқдории хавфҳои лоиҳавӣ дар асоси истифодаи амсилаҳои риёзии қабули қарор ва пешбурди лоиҳа баргузор мешаванд, ки дар ҷадвали 2.11 дарҷ гардидаанд.

Вақте ки хавфҳоро дар лоиҳа таҳлил мекунем, махсусан аз ҷиҳати миқдорӣ, ин таҳлил метавонад ба се навъ тақсим шавад [14]:

– таҳлили бевосита – ин ҳолатест, ки сатҳи хавфро бо истифода аз маълумотҳои эҳтимолии аллакай мавҷуда (ҳатто агар дақиқ набошанд) баҳогузорӣ мекунем. Масалан, медонем, ки эҳтимоли дер анҷом ёфтани сохтмон аст ва дар асоси ҳамин ҳисоб мекунем;

– равиши баръакс – дар ин ҳолат мо аввал мефаҳмем, ки кадом параметрҳо бояд тағйир дода шаванд, то хавф аз сатҳи қобили қабул зиёд нашавад. Яъне, қиёс мекунем, ки кадом шартҳо бояд риоя шаванд, то хавф идорашаванда боқӣ монад;

– таҳлили ҳассосият ва устуворӣ – тафтиш мекунем, ки натиҷаҳои лоиҳа ба кадом параметрҳо бештар вобастаанд. Масалан, агар нархи масолеҳ ба як бузургии муайян зиёд шавад, оё лоиҳа ҳанӯз фоидаовар мемонад? Ин барои дарк намудани параметрҳои хатарнок е хассос мусоидат менамояд.

Дар таҷрибаи идораи хавфи лоиҳаҳои инфрасохтори комплекси нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз се усули паст кардани хавфҳо истифода мебаранд.

1. Диверсификатсия ё тақсимоти хавфҳо маънои онро дорад, ки хавфҳои лоиҳа байни ҳамаи иштирокчиёни он тақсим карда мешаванд, на танҳо ба дӯши як ҷониб. Масалан, агар як шарик сохтмонро ба уҳда гирад, дигаре идоракуниро ва сеюмӣ маблағгузориро, пас ҳар кадом масъулияти худро дорад ва хавфро дар доираи фаъолияти худ ба ӯҳда мегирад. (ҷадвали 2.11).

Ҷадвали 2.11. – Усулҳое, ки дар мавриди таҳлили хавфҳои татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионии инфрасохтори нақлиётӣ истифода бурда мешаванд

Метод	Тавсифи метод
Таҳлили эҳтимолият	Пешбинӣ мешавад, ки бунёд ва ҳисобҳо дар мавриди усулҳои интихобӣ дар асоси амсила мувофиқи принсипи назарияи эҳтимолият ва бо роҳи ҳисобҳо нисбати маҷмуи интихобӣ муайян карда мешаванд. Эҳтимолияти ба вуҷуд омадани талафот дар асоси маълумотҳои омории давраҳои гузашта, бо муайян кардани доираи мувофиқи хавфҳо, кифоя будани инвеститсияҳо, коэффисиенти хавф (нисбати фоидаи интизорӣ ба ҳаҷми ҳамаи инвестистияҳои лоиҳа) ҳисоб карда мешавад.
Таҳлили экспертии хавфҳо	Усул дар ҳолате истифода бурда мешавад,ки агар ҳаҷми маълумотҳои ибтидоӣ вуҷуд надошта бошанд ё кифоя буда, аз ҷониби экспертҳо барои арзёбии хавфҳо ҷалб карда шавад. Гурӯҳи интихобшудаи экспертҳо лоиҳа ва равандҳои алоҳидаро нисбат ба хавфҳо арзёбӣ мекунанд.
Усули монандкунӣ	Барои лоиҳаи нав маълумотҳои лоиҳаҳои алакай татбиқшудаи монанд истифода бурда мешаванд.
Таҳлили нишондиҳандаҳои сатҳи ҳудудӣ	Муайян кардани дараҷаи устувории лоиҳа нисбат ба имконияти тағйирёбии шароити татбиқи он.
Таҳлили ҳассоснокии лоиҳа	Имконият медиҳад, ки тағйирёбии нишондиҳандаи натиҷавии татбиқи лоиҳа дар мавриди қиматҳои гуногуни тағйирёбандаҳои барои ҳисобҳо зарурӣ арзёбӣ карда шаванд.
Таҳлили сенарияи рушди лоиҳа	Таҳияи якчанд варианти рушди лоиҳа ва арзёбии қиёсии он пешбинӣ карда мешаванд. Варианти пессимистии тағйироти имконпазири омилҳои тағйирёбанда, воқеъбинона ва эътимонокии бештардошта ҳисоб карда мешаванд
Усули сохтани дарахти ҳаллҳои лоиҳа	Пешбинӣ мешавад, ки тақсимкунии қадам ба қадами ҷараёни татбиқи лоиҳа бо арзёбии хавфҳо, хароҷот, талафот ва фоида гузаронида мешаванд.
Усулҳои тақлидӣ	Дарёфти қадам ба қадами қимати нишондиҳандаи ҷамъбасткунанда аз ҳисоби баргузории таҷрибаи чандиндафъаина бо амсила асос меёбад. Афзалияти асосии онҳо дар шафофияти ҳамаи ҳисобҳо, содагии даркнамоӣ ва баҳои натиҷаи таҳлили лоиҳа аз ҷониби ҳамаи иштрокчиёни банақшагирӣ ифода меёбад. Ба сифати яке аз камбудиҳои ҷиддии ин усул хароҷоти калони таҳияи ҳисобот вобаста аз ҳаҷми калони маълумотҳои воридшаванда мебошад.

Сарчашма: Муаллиф дар асоси адабиёти зерин таҳия намудааст: 1.Боровкова В.А. Управление рисками в торговле. – СПб.: Питер, 2004. – с.123.Бобоев К.О. Региональная транспортная система современного Таджикистана /Под общ.ред.д.э.н., профессора А.Рауфи. – Душанбе, Дониш, 2017. С.

Ин усул кумак мекунад, ки хароҷоти умумии лоиҳа коҳиш ёбад ва лоиҳа устувортар гардад. Ғайр аз ин, тибқи назарияи эҳтимолият, вақте ки дар система унсурҳои зиёди якхела мавҷуданд, эҳтимолияти он ки ҳамаи онҳо якбора вайрон шаванд, хеле кам мешавад. Аз ин рӯ, метавон шумораи чунин унсурҳоро камтар кард, бе он ки хавфи умумӣ зиёд шавад. Ин ба сарфаи маблағ ва нигоҳ доштани боэътимодӣ кумак мекунад. Аз ин сабаб, тақсимоти хавфҳо миёни иштрокчиён эътимодияти ба даст овардани натиҷаро боло мебарад. Моҳияти ин ҳолат дар он аст, ки ба ҳар як хавф аз ҳисоби иштирокчиён масъул таъин карда шуда, метавонанд хавфро дақиқ ва босифат ҳисобу назорат кунад. Тақсимоти хавфҳо ҳангоми таҳияи нақшаи молиявии лоиҳа ва ҳуҷҷатҳои шартномавӣ ба расмият дароварда мешаванд.

Тақсимоти воқеии хавфҳо дар ҷараёни омодасозии нақшаи лоиҳа ва ҳуҷҷатҳои шартномавӣ амалӣ карда мешаванд. Аз ин сабаб, баланд шудани хавф дар амали яке аз иштирокчиён бояд тавассути тағйирёбии фаъол дар тақсимоти даромадҳои ҳамсафар аз ҳисоби лоиҳа ҷуброн оварда шавад.

Ҳангоми гузаронидани музокирот оид ба лоиҳа зарур аст, ки чунин масъалаҳо баррасӣ шаванд:

- имкониятҳои ҳар як иштирокчии лоиҳа барои пешгирии ба вуҷуд омадани хавфҳо муайян карда шаванд;
- миқёси хавфе, ки ҳар як иштирокчӣ омода аст ба зиммаи худ гирад, бояд аниқ шавад;
- зарурати пардохти ҷуброн барои хавфҳо муҳокима гардад;
- таъмини адолат дар тақсимоти хавф ва даромад миёни ҳамаи иштирокчиёни лоиҳа ба роҳ монда шавад, то ки фоида ва масъулият байни онҳо баробар тақсим шавад.

2. Захиракунии воситаҳо барои пӯшонидани хароҷоти пешбининашуда – ин усули идоракунии хавфҳо мебошад, ки дар он барои

ҳолатҳое, ки дар раванди иҷрои лоиҳа нишонаҳои пешбининашударо ба вуҷуд меоранд, захираҳои молиявӣ ҷудо карда мешаванд. Ин ба таъмини баробарии таносуби хавфҳо байни иштирокчиёни лоиҳа кумак мекунад, зеро чунин хавфҳо метавонанд ба арзиши умумии лоиҳа ва хароҷоти иловаӣ, ки барои рафъи мушкилот ва ба кори лоиҳа барқарор кардани он зарур аст, таъсир расонанд.

Ташаккули захира барои пӯшонидани хароҷоти пешбининашуда як амали стандартӣ дар идоракунии лоиҳаҳо мебошад, махсусан дар лоиҳаҳои калон ва дарозмуддат. Ин ба коҳиш додани хатарҳо кумак мекунад, ки дар рафти иҷрои лоиҳа пайдо мешаванд, ба монанди тағйироти арзишҳо бо сабаби омилҳои пешбининашуда, таваррум, тағйироти қонунгузорӣ ё мушкилоти техникӣ. Муҳиммияти ин аз чанд омил иборат аст: ҳифз аз омилҳои пешбининашуда; фишори камтар дар вақти тағйирот; чандирӣ дар идоракунии хатарҳо; идоракунии тағйирот. Таҷриба ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки 7-12% як миқдори мувофиқ барои лоиҳаҳои калони инфрасохторӣ мебошад, хусусан агар андозаи лоиҳа ва муддати иҷрои он дар назар гирифта шавад.

Коршиносони Россия меъёрҳои имконпазири хароҷотҳои пешбининашавандаи зеринро тавсия медиҳанд (ҷадвали 2.12).

Ҷадвали 2.12 - Меъёри захиракунии воситаҳо барои пӯшонидани хароҷоти пешбининашуда

Намуди хароҷот	Тағйирёбии хароҷоти пешбининашуда, %
Хароҷот/давомнокии кори иҷрокунандагони маҳаллӣ	+20
Хароҷот/ давомнокии кори иҷрокунандагони хориҷӣ	+10
Зиёд кардани хароҷоти бевоситаи истеҳсолӣ	+20
Пастравии истеҳсолот	+20
Зиёдшавии фоизи қарз	+20

Сарчашма: Шевёлкина К.Л. Финансирование транспортной инфраструктуры на основе государственно-частного партнерства.Дисс.к.э.н. 08.00.10. М. – 2014, - С .109.

Коҳиш додани хавфҳо ҳамеша хароҷоти лоиҳаро афзун намуда, ҳамзамон метавонад фоидаи лоиҳавиро зиёд кунад.

Як қисми пули захирашуда барои хароҷоти пешбининашударо бояд ба менеҷери лоиҳа дода шавад. Вай ин пулро барои ҳал кардани мушкилот, ки ҳангоми лоиҳа пеш меоянд, истифода мебарад. Қисми дигар пул байни дигар иштирокчиёни лоиҳа мувофиқи созишнома тақсим карда мешавад.

Барои амалӣ шудани муваффақонаи лоиҳа зарур аст, ки даромадҳо аз иҷрои он дар ҳар як марҳила аз хароҷоти маблағгузорӣ зиёд бошанд. Барои кам кардани хавфҳо, ки ба сармоягузорӣ вобастаанд, зарур аст, ки захираи кофӣ ташкил карда шавад, ки хавфҳои имконпазирро пӯшонад, масалан:

- Хавфи сохтмони нотамом, ки метавонад боиси хароҷоти иловагӣ ва норасоии даромадҳои интизории дар ин давра шавад.
- Хавфи мувақатан коҳиш ёфтани фурӯши маҳсулот.
- Хавфҳои марбут ба андоз, ки метавонад бо сабаби тағйироти қонунгузории андоз ва дастнорасии истифодаи имтиёзҳо рух диҳад.
- Хавфи таъхир дар пардохт аз ҷониби фармоишгарон.

Манзур аз он аст, ки дар ҳар марҳилаи ҳисоб, баъд аз таъмини хароҷотҳои ба нақша гирифташуда, бояд як миқдори муайяни пули воқеӣ дар дасти лоиҳа боқӣ монад. Мақсад ин аст, ки на камтар аз 8% аз хароҷоти ҳар як марҳила ба таври зарурӣ барои бартараф кардани хавфҳо ва ихтилофҳои молиявӣ захира карда шавад. Илова бар ин, лоиҳа бояд ба ҷустуҷӯи манбаъҳои иловагии маблағгузорӣ кӯшиш кунад. Ин метавонад шомили гузоштани фонди захиравӣ бошад, ки як қисми фоиз аз даромади фурӯши маҳсулот ба он равона мешавад. Ҳадаф ин аст, ки барои рӯёрӯйи бо хавфҳо ва ниёзҳои молиявии ғайримаъмулӣ дар оянда, фонди захира кумак кунад.

3. Суғуртакунонии хавфҳо. агар дар лоиҳа хавфҳои назаррас вуҷуд дошта бошанд ва иштирокчиён намехоҳанд ё наметавонанд ин хавфҳоро ба таври мустақил пешгирӣ кунанд, пас онҳоро бояд бо суғурта муҳофизат кунанд. Суғурта як воситаи молиявӣ мебошад, ки барои муҳофизат

кардани иштирокчиён аз хатари молиявӣ, ки метавонад дар натиҷаи воқеаҳои хавфнок (масалан, зилзила, нокомии техникӣ, ё дигар ҳодисаҳои ғайриоддӣ) ба амал ояд, истифода мешавад. Бо суғурта, ширкат ё ширкатҳо метавонанд ба иваз кардани талафот ё хароҷоти ғайричашмдошт, ки бар асари чунин хавфҳо ба амал меоянд, кумак гиранд. Суғуртаи хавф ин вогузор намудани як қатор хавф ба зиммаи ширкати суғуртакунанда мебошад. Ҳангоми суғуртакунии хавфҳо аз суғуртаи пурраи лоиҳаҳои инвеститсионӣ истифода мебаранд. Шароите, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вуҷуд дорад айни замон фақат имкони сууртакунии як қисми хавфҳоро аз қабили: бино, дастгоҳ, ҳайати корӣ, баъзе ҳолатҳои хавфнок ва ғайра даст фароҳам меорад.

4. Фоиданокии усули паст кардани хавф тавассути тартиби зерин муайян карда мешаванд:

– хавфе барраси карда мешавад, ки барои лоиҳа афзалияти зиёд дорад;

– хароҷоти барзиёд бо дарназардошти эҳтимолияти ба вуҷуд омадани ҳодисаи номатлуб муайян карда мешаванд;

– номгӯйи тадбирҳои имконпазир, ки ба кам кардани эҳтимолият ва падиади хавфнок мусоидат мекунанд;

– хароҷотҳои иловагӣ татбиқи тадбирҳои пешниҳодшударо дар бар мегиранд;

– хароҷоти зарурӣ барои татбиқи тадбирҳои пешниҳодшуда бо хароҷоти иловагии ба амал омадани падидаи хавфнок муқоиса карда мешаванд;

– дар бораи амалисозӣ ё даст кашидан аз тадбирҳои зиддихавфӣ қарор қабул карда мешавад;

– ҷараёни муқоисаи эҳтимолияти осори падидаи хавфнок бо хароҷоти тадбирҳои коҳиш додани онҳо таҳти назорат қарор дода мешавад [158].

Ҳар гуна лоиҳа дорои хавф буда, истифодаи тартиби шарикии давлат бо бахши хусусӣ эҳтимолияти ин хавфҳо ва осори онҳоро ошкор месозад ва тадбирҳои бартараф намудани онҳоро пешбинӣ менамояд. Аз ҷумла:

- хавфи баргардонидани инвеститсияи лоиҳа;
- хавфи маблағгузории инвесторҳои хориҷӣ ё ватанӣ;
- хавфи тағйирёбии қурби асъор;
- хавфи ҳолатҳои фавқуллода (табиӣ).

Тақсимоти ботавозуни хавфҳо шарти калидии шарикии давлат бо бахши хусусӣ ва дар сохторбандии хавфҳо замина барои ба вуҷуд омадани шарикӣ мебошад. Маҳдуд кардани хавфҳо дар лоиҳа аз истифодаи усулҳои гуногун дарак медиҳад, ки ҳадафи онҳо кам кардани таъсироти манфӣ мебошад. Усулҳои асосии маҳдудкунии хавфҳо инҳоянд:

- омода кардани чорчӯбаи институтсионалӣ – яъне таҳияи қоидаҳо, тартибот ва равандҳо барои идоракунии лоиҳа, ки ба пешгирӣ ё коҳиш додани хавфҳо кумак мерасонанд;
- пӯшонидани хавфҳо – истифодаи ин механизм (масалан, суғуртакунӣ) имкон медиҳад, ки дар ҳолати рух додани хавф устувории молиявӣ ҳифз карда шавад;
- созишномаҳои чандирӣ – ин шартномаҳо имконият медиҳанд, ки шартҳо вобаста ба вазъ тағйир ёбанд ва ба тағйироти ногаҳонӣ муносибати самаранок карда шавад.

Дар ҷадвали 2.13 натиҷаҳои таҳлили баргузоршудаи тақсимоти хавфҳо ҳангоми истифодаи роҳи автомобилгарди Душанбе-Чаноқ дар долони байналмилалии нақлиёти автомобилӣ оварда шудааст.

Ҷадвали 2.13. – Таҳлили тақсимоти хавфҳо дар роҳи автомобилгарди Душанбе – Чаноқ (416 км) дар долони байналмилалии нақлиёти автомобилӣ

Номгӯи хавфҳо	Тавсифи хавф	I*	II*	III*
Хавфи саривақт пешниҳод нашудани қитъаи замини барои сохтмони объект ҷудокардашуда	Тағйир ёфтани муҳлати татбиқи лоиҳа дар натиҷаи ба таъхир афтодани корҳои омодасозии минтақаи сохтмон аз ҳисоби пешниҳод намудани қитъаи замин	-	+	-
Хавфи лоиҳакашӣ	**Хатогиҳо вобаста ба лоиҳаи қабули қарор:** ***Хавфҳои шарики хусусӣ:*** -дар натиҷаи муносибгардонии қарорҳои лоиҳавӣ аз тарфи шарики хусусӣ; -аз лаҳзаи таҳияи хуҷҷатҳои корӣ дар ҳаҷми пурра бо тартиб ва шароите, ки шартномаи ШДХ пешбинӣ намудааст; ***Хавфҳои давлат:*** -дар натиҷаи ошкор намудани хатогиҳои ҷиддӣ дар ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ дар марҳилаи таҳияи ҳуҷҷатҳои кории шарики хусусӣ	+	+	+
Хавфи тағйирёбии қонунгузорӣ	Тағйир ёфтани қонунгузорӣ пас аз бастани шартнома, аз ҷумла, тағйирёбии қонун дар бораи андоз, ки бештар ба вазъияти шарики хусусӣ таъсир мерасонад		+	
Хавфи саривақт иҷро нагардидани корҳо	Тул кашидани муҳлати корҳои сохтмонӣ	+		
Хавфи баланд шудани арзиши сохтмон	Барзиёд будани хароҷоти воқеӣ нисбат ба хароҷоти арзёбишуда, аз ҷумла, дар натиҷаи гарон шудани арзиши маводҳои сохтмонӣ, инчунин бемасъулиятии ташкилотҳои пудратӣ	+		
Хавфҳои экологӣ	Таъсири манфӣ ба муҳити зист дар рафти сохтмон ва истифодабарии объект ***Хавфҳои шарики хусусӣ:*** - хавфҳои экологии ба таъсири манфӣ ба муҳити атроф вобаста ҳангоми вайрон гардидани меъёр ва талаботҳои қонунгузории экологӣ дар маҷмуъ, низомномаи экспертизаи экологӣ, ки давлат нисбати қарорҳои лоиҳавии сохтмон ва баҳрабардории объект таҳия намудааст			+
Хавфи талаф ёфтан ё гум шудани унсурҳои роҳи автомобилгард	Пурра ё қисман талаф ёфтан ё гум шудани унсурҳое, ки дар рафти сохтмони роҳи автомобилгард истифода мегардад	+		
Хавфи нигоҳдории объект	Зиёдшавии хароҷоти воқеӣ барои нигоҳдорӣ ва таъмири роҳ дар натиҷаи тағйир ёфтани арзиши мавод ва корҳои алоҳида	+		

Идомаи ҷадвали 2.13

Хавфи тағйирёбии талабот ба истифода-барии объект	Коҳишёбӣ ё афзоиши талабот барои истифодабарии роҳи автомобилгард нисбат ба дурнамои он		+	
Хавфи қобилияи харидорӣ надоштани шарики хусусӣ	Қобилияти харидорӣ надоштани шарики хусусӣ	+		
Хавфи муфлисшаваии бонки кафили иҷрои уҳдадории шарики хусусӣ	Дар рафти сохтмон ё баҳрабардорӣ муфлисшавии (пурра ё қисман надоштани қобилияти пардохтпазирӣ) бонке, ки ба шарики хусусӣ кафолати бонкӣ додааст	+		
Хавфи вуҷуд омадани тағйирот дар нишон-диҳандаҳои техникии роҳ дар ҷараёни баҳрабардорӣ	Васеъсозии роҳ, сохтани тугунҳо, навкунии дастгоҳи роҳ		+	

Сарчашма: Дар асоси истифодаи маълумотҳои “Межпарламетская Ассамблея государств-участников СНГ. Информационный Бюллетень №70, 2019 г, с.52.“ тартиб дода шуданд. Эзоҳ: I* – шарики хусусӣ; II* – шарики давлатӣ; III* – якҷоя.

Қобили қайд аст, ки агар хавфҳои сохторкунонидашуда дар шарикияти давлатию хусусӣ мақоми ҳалкунанда дошта бошанд, он гоҳ рушди он дар воҳиди вақт тавсифи асосӣ пайдо мекунанд. Аз сабаби он ки шарикиии давлат бо бахши хусусӣ тӯли солҳои зиёд амал мекунад, он бояд ҳаётпазир ва барои омода намудани шартномаҳои мутобиқшавӣ ба шароит ва вазъияти тағйирёбанда мувофиқ бошад.

Рушди шартнома дар воҳиди вақт, бидуни шубҳа хусусияти хоси шарикияти давлатию хусусӣ мебошад. Шарикие, ки ба таври дарозмуддат ташкил карда мешавад, бояд дар давоми амал рушди хуб дошта бошад. Дар рушди шартнома се марҳиларо аз ҳам фарқ мекунанд:

– марҳилаи аввал омода кардани тартиботи муносибатҳои шарикии давлатӣ-хусусиро, бо дарназардошти муқаррароти ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ дар бар мегирад;

– марҳилаи дуюм таҳияи шартнома мебошад, ки даврaҳо ва ҷузъиёти шарикиятро муайян намуда, мутобиқшавии шартномаро ба тағйирёбии муҳит дар бар мегирад;

– марҳилаи сеюм баҳисобгирии рушди шароити беруна ва

мутобиқшавии шартномаро дар давоми раванди шарикият ифода менамояд.

Фоидаи молиявии давлат дар тамоми марҳилаи татбиқи лоиҳаи шарикии давлат бо бахши хусусӣ чунин арзёбӣ карда мешавад:

– марҳилаи интихоби шарики хусусӣ: дар ин марҳила, давлат маблағгузории бевоситаи буҷетиро бо маблағгузории лоиҳаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ муқоиса намуда, ҳамзамон якчанд варианти алтернативиро барои интихоби варианти беҳтарини он баррасӣ мекунад;

– марҳилаи озмун: дар ин марҳила, пешниҳодҳои якчанд сармоягузорони эҳтимолӣ муқоиса карда шуда, пешниҳоди муносиб интихоб карда мешавад;

– пас аз бастани шартнома: вақте шартнома баста мешавад, давлат ба баҳодиҳии ибтидоӣ диққат медиҳад, то ин ки андозаи фоидаи бадастомадаро муайян созад ва дар ҳолати зарурӣ дар марҳилаҳои баъдӣ ислоҳот ворид карда мешавад. Ин усулҳо ба давлат дар дуруст муайян намудани фоидаи молиявии лоиҳаи шарикии давлат ва бахши хусусиро кумак мекунанд.

Таъсири давлат ва бахши хусусӣ тавассути норасогиҳо ва афзалиятҳои муайян тавсиф карда мешаванд. Масалан, фарқи шарикии давлат бо бахши хусуӣ аз маблағгузории буҷетӣ дар он аст, ки давлат бо шарики хусусии худ алоқаи мутақобилаи судмандро тавассути ташкили ширкати махсуси лоиҳавӣ ба роҳ мемонад.

Қисматҳои асосии маълумотҳои ибтидоӣ ва фарзияҳое, ки бояд таҳлил карда шаванд аз инҳо иборат аст:

- пешзаминаҳои макроиқтисодӣ;
- омилҳое, ки маблағи фурӯшро муайян мекунанд;
- хароҷоти асосӣ;
- хароҷоти тағйирёбандаи амалиётӣ;
- хароҷоти доимии амалиётӣ;

- талабот ба сармояи гардон;
- пешзаминаҳои андозӣ;
- фарзия нисбати шароити маблағгузорӣ.

Дар натиҷаи таҳлил бояд оқилона ва асоснок будани маълумотҳои ибтидоӣ ва фарзияҳо тасдиқ карда шаванд. Дар мавриди ошкор шудани носаҳеҳиҳо дар маълумотҳои ибтидоӣ ё нодуруст будани фарзия лоиҳа барои коркарди иловагӣ бар гардонида мешавад.

Ҳисоби нишондиҳандаҳои асосии молиявии мувофиқати лоиҳа дар асоси дурнамои ҷараёни маблағҳо тибқи амсилаи молиявии пешниҳодшуда сурат мегирад ва фарогири нишондиҳандаҳои зерин аст:

Фоиданокии молиявӣ – бо истифода аз арзиши софи овардашуда (NPV) ва меъёри даромаднокии дохилӣ (IRR) баҳогузорӣ карда мешавад. Ин нишондиҳандаҳо дар муайян намудани фоидаоварии лоиҳа дар татбиқи дарозмуддат, баъди ба инобат гирифтани ҳамаи хароҷот ва даромадҳо кумак мекунанд.

Устувории қарзӣ – бо истифода аз нишондиҳандаҳое баҳогузорӣ карда мешавад, ки устувории лоиҳаро аз нуқтаи назари иҷрои уҳдадориҳои қарзӣ муайян мекунанд.

1. Фоиданокии молиявӣ

Арзиши овардашудаи соф (NPV) – ин нишондиҳанда муайян менамояд, ки лоиҳа бо дарназардошти ҳамаи хизматрасониҳои пулии оянда ва дар воҳиди вақти ба ҳаҷми имтиёз ва арзиши лоиҳа баробар чӣ қадар фоидавор хоҳад буд, Нишондиҳандаи NPV бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$NPV_p=\sum\frac{FCFFn}{\prod(1+WACCi)}+\frac{TVn}{\prod(1+WACCi)}, \qquad (2.1)$$

дар ин ҷо:

FCFF – анбуҳи маблағҳои озод;

n – рақами давраи ояндабинӣ (барои анбуҳи маблағҳои озод);

i – рақами давраи ояндабинӣ (барои меъёри дисконткунонӣ);

N – миқдори солҳо дар давраи дурнамо;

TV_{N-} арзиши терминалӣ (анбуҳи ниҳоии маблағ);

WACC- арзиши миёнавазни сармоя - қиматест, ки арзиши сармояи лоиҳаро бо дарназардошти ҳам сармояи қарзӣ ва ҳам сармояи худӣ нишон медиҳад. Ин нишондиҳанда бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$WACC = K_d (1-t)\frac{D}{V} + K_s\frac{E}{V}, \qquad (2.2)$$

дар ин ҷо:

K_s - даромаднокии талабшавандаи сармояи худӣ аз ҷониби маблағгузор;

K_d - даромаднокии талабшавандаи сармояи қарзӣ то андозҳо;

t - меъёри андоз аз даромади корпоративӣ;

E - андозаи сармояи худӣ;

D - андозаи сармояи қарзӣ;

V - андозаи сармояи (худӣ ва қарзӣ) инвеститсия кардашуда.

Меъёри даромаднокии дохилӣ (IRR) – ин меъёри дисконткунӣ аст, ки дар он NPV ба сифр баробар мебошад. Ин нишон медиҳад, ки лоиҳа дар ҳолати мувозинат қарор дорад ва даромадҳои он ҳамаи хароҷотҳоро рӯйпӯш мекунад. Формулаҳо ва нишондиҳандаҳои мазкур ба сармоягузорон ва ширкатҳо кумак мерасонанд, ки қобилияти молиявии лоиҳаро арзёбӣ намоянд:

- NPV - нишон медиҳад, ки пас аз ба ҳисоб гирифтани ҳамаи хароҷот лоиҳа дар оянда чӣ қадар фоида меорад.

WACC - самарабахш будани сармоягузориро нишон медихад.

IRR - даромади ҳадди аксареро, ки аз лоиҳа ба даст меояд нишон медиҳад.

Сатҳи муқоиса кардани ин нишондиҳандаҳо имкон медиҳад, ки қарорҳои дуруст нисбати самаранокии сармоягузорӣ ба лоиҳа қабул карда шаванд.

Даври талофӣ (PBP) бо истифода аз формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$PBP = \text{mint, ки дар он } \sum CF_1 > CF_0, \qquad (2.3)$$

дар инҷо:

t – миқдори давра;

CF_1–анбӯҳи маблағ дар давраи t;

CF_0- андозаи инвиститсияҳои аввал дар давраи ибтидоӣ.

Давраи дисконткунонии талофият (DPBP) бо истифода аз формулаи зерин ҳисоб карда мешавад

$$DPBP = \min t, \sum CF_t / (1+r)^t > CF_0, \qquad (2.4)$$

дар ин ҷо:

r- меъёри дисконткунонӣ.

Бояд гуфт, ки нишондиҳандаи фоиданокии молиявӣ барои лоиҳа дар умум тавсия гардида, ҳамчунин иштирокчиён ва саҳомони лоиҳа барои ҳисоб бевосита аз он метавонанд истифода кунанд.

Дар мавриди ҳисоб кардани нишондиҳандаҳои фоиданокии молиявӣ бояд хусусияти хоси лоиҳаи шарикӣ ва механизми пардохти он ба ҳисоб гирифта шавад. Ҳамин тариқ, фоидаи молиявии лоиҳа барои сармоягузор метавонад аз ҳисоби механизми пардохт барои дастрасӣ (дар ҳолате, ки пардохти муайян анҷомдодаи шарики давлатӣ талофияти сармояи шарики хусусиро таъмин намояд) ба вуҷуд ояд.

Хусусияти хоси шарикӣ дар он ифода меёбад, ки метавонад муҳлати созишномаро муайян намуда, дар ҳамин муҳлати амал дурнамои анбуҳи пулҳоро барои таҳлили фоиданокии лоиҳа барои шарики хусусӣ ва маблағгузор пешбинӣ кунад.

Меъёри фоиданокӣ:

NPV≥ 0, IRR≥ меъёри дисконткунонӣ, давраи талофӣ – барои ҳар як лоиҳа қимати алоҳида дорад.

2. Устувории қарз.

Коэффитсиенти хизматрасонии қарз (DSCR) бо истифода аз формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$DSCR = \frac{CFADS}{P+I}, \qquad (2.5)$$

дар ин ҷо:

CFADS – анбуҳи пули дастрас барои пардохти қарзи куҳна дар ҳамин давра;

P+I – ҳосили ҷамъи пардохти қарзи кӯҳна дар ҳамин давра (P – пардохти маблағи асосии қарз, I -пардохти баҳра).

Коэффитсиенти талофии қарз дар муддати давраи то талофии он (LLCR) бо истифода аз формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$LLCR = \frac{CFADS(NPVl)+DSRA}{D}, \qquad (2.6)$$

дар ин ҷо:

CFSDA (NPV*l*) –арзиши софи овардашудаи анбуҳи ояндаи пулҳои барои пардохти қарз дар давраи то пурра талофи кардани маблағе, ки бо арзиши қарз дисконт кунонида шудааст;

DSRA – тавозуни воситаҳои пулӣ дар ҳисоби захираҳои хизматрасонии қарзӣ дар охири давраи t;

D –бақияи қарздорӣ дар охири ҳамин давра.

Коэффитсиенти пӯшонидани қарз дар тамомои муддати амали лоиҳа (PLCR) бо истифода за формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$PLCR = \frac{CFADS\ (NPVp)+DSRA}{D}, \qquad (2.7)$$

CFADS (NPVp) –арзиши овардашудаи софи анбуҳи ояндаи пулҳо, ки барои хизматрасонии қарзӣ дар муддати амали лоиҳа ба арзиши қарз дисконтшуда дастрасӣ дорад;

DSRA – тавозуни воситаҳои пулӣ дар ҳисоби захираҳои

хизматрасонии қарзӣ дар охири ҳамин давра;

D – бақияи қарздорӣ нисбати қарзи гирифташуда дар охири ҳамин давра.

Ҳисоби нишондиҳандаҳои фоиданокии иҷтимоӣ-иқтисодӣ.

Нишондиҳандаҳои асосие, ки дар доираи онҳо таҳлили фоиданокии иҷтимоӣ-иқтисодии лоиҳа ҳисоб карда мешавад аз инҳо иборат мебошад:

ENPV – андозаи маблағи дисконткунонидашудаи фоида ва харҷи оянда, ки бо дарназардошти фоидаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии монетаришуда ва тавассути меъёри иҷтимоии дисконт (ССД) ба сифати меъёри дисконткунонӣ истифода мегардад. Қимати тахминии ССД барои кишварҳои рушдёбанда 8-15% ва барои кишварҳои пешрафта 3-7%-ро ташкил медиҳад.

$$ENPV = \sum_{t=0}^{n} at\ St = \frac{So}{(1+i)0} + \frac{S1}{(1+i)1} = \ldots = \frac{Sn}{(1+i)n}, \qquad (2.8)$$

дар ин ҷо:

S_t – суммаи анбуҳи иқтисодии лоиҳа дар давраи вақти t;

a_t – коэффитсиенти дисконткунонӣ дар давраи вақти t;

i – меъёри дисконткунонӣ (CCD).

EIRR–меъёри дисконткунониe, ки дар он ба сифр ENPV баробар аст.

$$0 = \sum_{t=0}^{n} \frac{St}{(1+EIRR)t}, \qquad (2.9)$$

Таносуби “харҷ-фоида” (EBCR) – нисбати арзиши овардашудаи судҳои иҷтимоии оянда бар арзиши овардашудаи хароҷот бо дарназардошти монитарикунонии фоидаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад.

$$\frac{B}{C} = \frac{PV(B)}{PV(C)}, \qquad (2.10)$$

дар ин ҷо:

PV(B) – арзиши овардашудаи фоида;

PV (C) – арзиши овардашудаи хароҷот.

Меъёри фоиданокӣ:

$$ENPV \geq 0,\ EIRR \geq CCD,\ B/C \geq 1.$$

Дар ҳолате, ки агар NPV-и лоиҳа ба сифр баробар ё аз он бештар бошад, лоиҳа ба дастгирии давлат ниёз надорад. Баръакс, дар мавриди манфӣ будани NPV лоиҳа метавонад танҳо аз ҳисоби дастгирии кофии давлат фоиданок бошад. Дар ин маврид, агар фоиданокии иҷтимоӣ-иқтисодӣ (ENPV≥ 0) тасдиқ карда шавад, лоиҳа барои таҳлили оянда қабул карда мешавад. Аагр ENPV< 0 бошад, лоиҳа рад карда мешавад, зеро давом додани татбиқи он бефоида мебошад.

Бояд гуфт, таҳлили фоиданокии буҷетии лоиҳа аз ду нишондиҳандаи асосӣ замина мегирад:

1. Арзиши овардашудаи софи анбуҳи пулҳои буҷетӣ (BNPV) – ин нишондиҳанда ба монанди тартиби ҳисоби арзиши овардашудаи соф барои баҳодиҳии фоиданокии молиявӣ ҳисоб карда мешавад, вале дар ин маврид анбуҳи пулҳои буҷетӣ ва меъёри мувофиқи дисконткунонӣ низ истифода мешаванд.

2. Меъёри даромаднокии дохилӣ барои буҷет (BIRR) – ин нишондиҳанда ҳам мисли меъёри даромаднокии дохилӣ ҳангоми баҳодиҳии фоиданокии молиявӣ ҳисоб карда шуда, танҳо дар он маълумотҳои буҷетӣ низ истифода мегарданд. Агар лоиҳа бо кафолати давлатӣ пешниҳод шуда бошад, метавонад нишондиҳандаи даромаднокии кафолат ҳамчун таносуби BNPV бар ҳаҷми кафолат истифода шавад. Ба ибораи дигар, ин усулҳо барои муайян кардани сатҳи фоидаоварии лоиҳа барои буҷет ва фоидаи он ба давлат истифода мешаванд.

3.Коэффитсиенти «фоида -хароҷот» (нисбати даромади гирифташуда ба хароҷоти сарфшуда) BBCR:

$$BBCR = \frac{\sum_{n=0}^{N} DCFp,n + DTVp,N}{\sum_{n=0}^{N} DCFn,n + DTVn,N}, \qquad (2.11)$$

дар ин ҷо:

n – рақами дарави ояндабинӣ (барои анбуҳи маблағҳои озод);

N – миқдори давра;

$DCF_{p,N}$ – анбуҳи пулии мусбати дисконтшудаии буҷет дар давраи n;

$DCF_{n,n}$– анбуҳи пулии манфии дисконтшудаи буҷет дар давраи n;

$DTV_{p,N}$ – арзиши мусбати пас аз ояндабинӣ дисконтшудаи анбуҳи пулҳои буҷет дар давраи N;

$DTV_{n,N}$ – арзиши манфии баъд аз ояндабинии анбуҳи маблағҳои буҷет дар давраи N.

4. Ҳисоби фоиданокии қиёсии лоиҳа (BPI) нишон медиҳад, ки лоиҳа барои буҷет то кадом андоза манфиатовар аст. Барои ин таносуби арзиши софи овардашуда (BNPV) ва ҳаҷми сармоягузориҳои ибтидоии буҷетӣ ҳисоб карда мешавад. Ҳар қадаре ки ин таносуб калонтар бошад, лоиҳа ҳамон қадар фоиданок аст.

5. Давраи дисконтшудаи талофӣ муайян мекунад, ки маблағҳои буҷетӣ бо дарназардошти вақт ва дисконткунии анбуҳи пулҳо дар кадом муҳлат баргардонида мешаванд (ба ҳисоб гирифта мешавад, ки пули имрӯз аз пули фардо арзиши баландтар дорад). Дар лоиҳаҳои шарикии давлатӣ ва хусусӣ ҳисобҳо метавонанд ё бо дарназардошти анбуҳи пулҳо пас аз муҳлати шартнома, ё бе назардошти онҳо баргузор шаванд. Ҳангоми ҳисоби арзиши терминалӣ бояд хусусияти хоси лоиҳа ба инобат гирифта шаванд. Масалан, агар объект ба шарики давлатӣ дода шавад, он гоҳ дурнамои анбуҳ бояд ислоҳ карда шаванд.

Дар ҳисоботҳои оянда ба сифати меъёри дисконткунонӣ меъёри даромаднокии вомбаргҳои давлатӣ истифода бурда мешаванд. Агар вомбаргҳо дар бозор мавҷуд набошанд ё бозори фаъоли вомбарг вуҷуд надошта бошад, барои муайян кардани меъёр метавонад сарчашмаҳои дигар истифода шаванд, то арзиши қарзгирии давлатро муайян кунад. Яке аз лоиҳаҳои муҳим ва амалишавандаи рушди инфрасохтори рӯизаминии нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи пулакии роҳи автомобилгарди Душанбе – Чаноқ мебошад, ки услуби мазкур ба ҳамин лоиҳа бо истифода аз механизми шарикӣ мувофиқат мекунад.

Ҷорӣ намудани гузариши пулакӣ дар роҳҳои автомобилгарди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун шакли маблағгузории пурра ё нопурраи истифодабарии роҳҳои автомобилгард дар долонҳои нақлиёти автомобилӣ иқдоми саривақтӣ мебошанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷудияти роҳи алтернативӣ шарти асосии ташкили роҳҳои пулакӣ мебошад. Бо вуҷуди ин дар ҷумҳурӣ мафҳум ва мазмуни нигоҳдории алтернативии истифодабарии роҳҳои автомобилгард ва объектҳои роҳ айни замон вуҷуд надоранд.

Яке аз хусусиятҳои хоси релефи Ҷумҳурии Тоҷикистон он аст, ки роҳҳои автомобилгард дар доираи долонҳои байналмилалии нақлиётӣ мақоми инҳисори табииро доранд. Айни замон дар таҷрибаи байналмилалӣ аз се механизми асосии пардохти маблағ барои истифодабарии роҳҳои автомобилгард дар доираи долонҳои байналмилалии автомобилӣ истифода мебаранд: парохти бевосита, тарифи шартномавӣ, талофии пурра.

Истифодабарандагони роҳҳои автомобилгарди пулакии долонҳои нақлиёти автомобилӣ афзалиятҳои зерин ба даст меоранд:

– сарфаи хароҷотҳои истифодабарӣ (ҳароҷотҳои нақлиётӣ) ҳангоми истифодаи пулакии роҳҳои автомобилгард ё объектҳои роҳ аз ҳисоби кам шудани хароҷоти сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ, хӯрдашавии шинаҳо, хароҷотҳои таъмир ва дигар моддаҳои хароҷоти истифодабарӣ;

– сарфаи вакти расонидани борҳо ва мусофирон, баланд шудани роҳатнокӣ ва бехатарии ҳаракат.

Андозаи калонтарини пардохти ҳаққи истифодабарии роҳ ва объектҳои он набояд аз сатҳи баландтарини сарфаи мувофиқи аз истифодаи роҳ ё объекти он бадастомада зиёд бошад.

Пардохти истифодабарии ҳаққи роҳ вобаста аз намуд ва иқтидори борбардории воситаҳои нақлиёт гурӯҳбандӣ карда мешаванд. Гурӯҳбандии воситаҳои нақлиёт дар ҷадвали 2.14 оварда шудааст.

Ҷадвали 2.14. – Гурӯҳбандии воситаҳои нақлиёт

Гурӯҳҳо ва намудҳои воситаҳои нақлиёт	Ишораи шартӣ	Вазн, т	Миқдори тирҳо
Гурӯҳи 1 Мототсиклҳо бо фойтун (коляска) ва бидуни он Автомобилҳои сабукрав бо қӯшаҳо ва бидуни онҳо Фургонҳо, микроавтобусҳои дорои то 11 ҷойи нишаст, автомобилҳои боркаш	Г1	то 3,5	ду
Гурӯҳи 2 Автомобилҳои боркаш Трейлерҳо Автобусҳои дорои аз 11 то 29 ҷойи нишаст	Г2	аз 3,5 то 8,0	на зиёда аз се
Гурӯҳи 3 Автомобилҳои боркаш Трейлерҳо	Г3	зиёда аз 8,0	зиёда аз се
Гурӯҳи 4 Автобусҳои дорои зиёда аз 30 ҷойи нишаст Нақлиёти автомобилии махсус ва калонандоза	Г4	зиёда аз 8,0	Истифода бурда намешаванд

Сарчашма: Автомобильные перевозки и организации дорожного движения. Справочник.М.: Транспорт, 1981. – 592 с.

Марҳилаҳои асосии ҳисоб кардани пардохт барои истифодаи роҳ ва таҳияи тарифи он инҳо мебошанд:

1. Ҷамъоварӣ ва таҳияи маълумоти ибтидоӣ;
2. Ҳисоб кардани маблағи сарфаи истифодабарандагон дар муқоиса бо истифода аз роҳҳои алтернативӣ ва хатсайрҳои ройгон;
3. Тафсилоти талаботи истеъмолӣ барои хизматрасонии роҳҳои пулакӣ;
4. Муайян кардани андозаи мантиқии пардохт;
5. Таҳияи системаи тарифӣ (прейскурант).

Ҳар як марҳиларо дар алоҳидагӣ дида мебароем :

1.Ҷамъоварӣ ва омода намудани маълумоти ибтидоӣ. Барои таҳияи ҳисоботҳо маълумотҳои зерини ибтидоӣ истифода мешаванд:

1) шиддатнокӣ ва сохтори анбуҳи нақлиётии ба гурӯҳҳо тақсимшуда;

2) дарозии хатсайрҳои пулакӣ ва алтернативӣ;

3) суръатии миёнаи ҳаракат дар ҳар як гурӯҳи воситаҳои нақлиёт дар роҳҳои пулакӣ ва алтернативӣ;

4) тарифи миёна барои истифодаи 1 км роҳ дар 1 соат аз ҷониби воситаҳои нақлиёт дар минтақаи шиддатноки роҳ;

5) маълумотҳои омории солҳои қаблӣ дар бораи садаманокии ҳаракат дар роҳҳои пулакӣ ва алтернативӣ (роҳҳои амалкунанда);

6) зарари миёна аз ҳисоби садамаҳои нақлиётӣ.

Сарчашмаи маълумотҳои ибтидоӣ инҳо мебошанд: нисбати сатрҳои 1), 2) ва 3)- ҳисоботи муассисаҳои нигоҳдарии роҳҳои автомобилгард ё ҳуҷҷатҳои сметавию лоиҳавӣ (барои объектҳои сохташаванда); нисбати сатри 4) – ҳисоботи корхонаҳои нақлиётӣ; нисбати сатри 5)- корти баҳисобгирии садамаҳои нақлиётӣ аз мақомоти давлатии нозиротӣ дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ; нисбати сатри 6) - аз ҳисоби миёнаи зарари аз ҳодисаҳои роҳу нақлиётӣ бамиёномада гирифта мешаванд.

Маълумотҳои ибтидоии таҳлил ба ҷадвали 2.15 ворид карда мешаванд. Дар асоси маълумотҳои ҷадвали 2.15 муҳлати ҳаракат дар роҳи пулакӣ ва алтернативӣ, инчунин сарфаи вақт барои ҳар як гурӯҳии воситаҳои нақлиёт муайян карда мешаванд.

Ҷадвали 2.15. – Маълумотҳои ибтидоӣ барои муайян кардани арзиши истифодабарии роҳ ё объекти пулакӣ

Номгӯи нишондиҳандаҳо	Ишораи шартии роҳи пулакӣ	Ишораи шартии роҳи алтернативӣ	Қимат дар роҳи пулакӣ	Қимат дар роҳи алтернативӣ
1	2	3	4	5
Шиддатнокии умумии анбуҳи нақлиёт,автомобил /шабонарӯз	$ИП_0$	$ИА_0$		
Шиддатнокӣ дар гурӯҳи 1, автомобил /шабонарӯз	$ИП_1$	$ИА_1$		
Шиддатнокӣ дар гурӯҳи 2, автомобил /шабонарӯз	$ИП_2$	$ИА_2$		
Шиддатнокӣ дар гурӯҳи 3, автомобил /шабонарӯз	$ИП_3$	$ИА_3$		
1	2	3	4	5
Шиддатнокӣ дар гурӯҳи 4, автомобил /шабонарӯз	$ИП_4$	$ИА_4$		
Дарозии хатсайр, км	$L_{пл}$	L_a		
Суръати миёнаи ҳаракат дар гурӯҳи 1	$VП_1$	VA_1		

Идомаи ҷадвали 2.15

Суръати миёнаи ҳаракат дар гурӯҳи 2	$VП_2$	VA_2		
Суръати миёнаи ҳаракат дар гурӯҳи 3	$VП_3$	VA_3		
Суръати миёнаи ҳаракат дар гурӯҳи 4	$VП_4$	VA_4		
Миқдори миёнаи автомобил-иштирокчии садамаҳои нақлиётӣ дар як моҳ: барои гурӯҳи 1, воҳ.	$Кпл_1$	$Ка_1$		
барои гурӯҳи 2, воҳ.	$Кпл_2$	$Ка_2$		
барои гурӯҳи 3, воҳ.	$Кпл_3$	$Ка_3$		
барои гурӯҳи 4, воҳ.	$Кпл_4$	$Ка_4$		
Андозаи миёнаи зарар аз садамаҳои нақлиётӣ, сомонӣ	Упл	Уа		

Сарчашма: Муаллиф дар асоси ҷамъоварии маълумотҳо таҳия намудааст.

Ба сутунҳои 2,3,4 ва 5-и ҷадвали 2.16 маълумотҳои мувофиқи ибтидоии таҳлилро аз ҳисоби нишондодҳои ҷадвали 2.15 дохил намуда, қиматҳои сутунҳои 6,7 ва 8-ро бо тартиби зерин муайян менамоем:

- сутуни 6 = сутуни2/ сутуни.4;
- сутуни 7 =сутуни3/сутуни5;
- сутуни 8 = сутуни7 – сутуни 6.

Ҷадвали 2.16. – Ҳисоби сарфаи вақт

Гурӯҳи воситаи нақлиёт	**$S_{пл}$**	**$S_а$**	**VП**	**VA**	**$Т_{пл}$**	**Та**	**Δt, соат**
1	2	3	4	5	6	7	8
$Г_1$							
$Г_2$							
$Г_3$							
$Г_4$							

Сарчашма: Муаллиф барои гузаронидани ҳисобҳо таҳия намудааст.

Ҳисоби андозаи сарфаи умумӣ ($Э_{\sum}$) аз истифодаи хатсайри роҳи пулакӣ бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$Э_{\sum} = Э_{эр} + Э_{удг} + Э_{вр} + Э_{б}, \quad (2.12).$$

дар ин ҷо:

$Э_{эр}$ – сарфаи хароҷоти истифодабарии воситаҳои нақлиёт ҳангоми гузариш аз объекти истифодаи пулакӣ нисбат ба роҳи алтернативӣ;

$Э_{удг}$ – сарфа аз ҳисоби баланд шудани суръати расонидани борҳо;

$Э_{вр}$ - сарфа аз ҳисоби коҳиш ёфтани вақти дар сафар будан (сарфаи вақт);

$Э_{б}$ – сарфа аз ҳисоби коҳиш ёфтани хавфи садамаҳои роҳу нақлиётӣ.

2.Сарфаи хароҷот барои истифодабарии воситаҳои нақлиёт ҳангоми гузаштан аз роҳи истифодаи пулакӣ $Э_{эр}$ унсурҳои зеринро дар бар мегирад:

- харҷи сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ;
- хароҷоти таъмир ва иваз намудани чарххо;
- дигар хароҷоти истифодабарии воситаи нақлиёт (хизматрасонии техникӣ ва таъмир, истеҳлок, музди меҳнати ронандагон, хароҷотҳои иловагӣ (накладные расходы)).

Ин хароҷотҳо дар асоси меъёрҳои тасдиқнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва стандартҳои давлатӣ ҳисоб карда мешаванд.

Ҳангоми ҳисоби хароҷотҳои истифодабарӣ имконияти доимӣ ва тағйирёбанда будани хароҷот (вобаста азгардиш) ба назар гирифта мешавад.

Хароҷотҳои номбурда дар асоси усули калкулятсионии дар иқтисодиёти нақлиёт қабулшуда ҳисоб карда мешаванд. Одатан, роҳбарияти корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ, тарифро барои 1 соати кор ва 1 км масофаи тайшуда тасдиқ мекунад. Аз нигоҳи ҳамин услуб ин гуна тарифҳоро дар доираи гурӯҳи воситаҳои нақлиёт ҳамчун қимати миёнаи арифметикии тарифҳои дар корхонаҳои нақлиётии истифодакунандаи роҳи пулакӣ ҳисоб мекунанд. Агар ин тарифҳоро бо $Т_{ч}$ ва $Т_{км}$ ишора намоем, он гоҳ:

$$\Delta З_{э} = Т_{ч} x\ \Delta t + Т_{км}\ (S_{а} – S_{пл}), \qquad (2.13)$$

дар ин ҷо: Δt – ихтисори вақти ҳаракат дар роҳ.

3.Сарфа дар натиҷаи баландшавии суръати ҳаракат ($Э_{удг}$). Чунин сарфа дар он ифода меёбад, ки агар ҳар қадар суръати ҳаракат зиёдтар шавад, ҳамон қадар дар воҳиди вақт ҳаҷми бештари бор кашонида

мешавад. Ҳамин тариқ, боздеҳии фондҳои корхонаи нақлиётӣ баланд гардида, фоидаи боркашонӣ аз ҳисоби истифодаи роҳи пулакӣ баланд мегардад. Илова бар ин, ҳамин гуна фоидаро боргуселкунандагон аз ҳисоби баланд шудани суръати ҳаракат ба даст меоранд, ки дар натиҷаи он гардиши молҳо ва сармоя тезонида мешавад. Барои ҳисобҳои тахминии он аз формулаи зерин истифода мебаранд:

$$\Delta Э_{удг} = \frac{Сгр \times \Delta t}{365 \times 24} \times \frac{Бк}{100}, \qquad (2.14)$$

дар ин ҷо: $С_{гр}$ – арзиши миёнаи борҳои бурдашуда, сомонӣ;

Δt- сарфаи вақт, соат;

$Б_к$ - меъёри фоизи қарзи бонкӣ, % (дар ҳисобҳо аз меъёри Бонки миллии Тоҷикистон ё меъёри бозтавмил + 6%,истифода карда мешаванд);

365 ва 24 –мувофиқан миқдори рӯзҳои сол ва соатҳои шабонарӯз;

Барои ҳисобҳои тахминӣ $Э_{удг}$ –ро 3 сомонӣ барои сарфи 1 соати вақт дар роҳ ва арзиши миёнаи борро 10 ҳазор сомонӣ қабул намуда, сарфаи баланд шудани суръати интиқолро бо истифода аз формулаи зерин муайян мекунем:

$$Э_{удг} = \Delta t \times 3, \qquad (2.15)$$

4. Сарфаи вақт $Э_{вр}$. Арзиши варқт ($V_0Т$) тавассути усули арзёбии “фаъолнокии иқтисодӣ” муайян карда мешавад.

$$V_0Т = ММД / ЧЗх12х168.$$

дар ин ҷо: $V_0Т$- арзиши як соати вақт;

ММД - маҷмуи маҳсулоти дохилӣ;

ЧЗ – шумораи аҳолии бо шуғл таъминбуда;

Барои ба ҳисоб гирифтани мусофирон аз коэффисиентҳои зерин истифода мебаранд: $Кп_1$= 1,0 – 1,5 барои автомобилҳои сабукрав; $Кп_2$ - 1,0 – 10,0 барои автобусҳо.

Арзиши вақти сарфашуда танҳо барои гурӯҳҳои якум ва чоруми воситаҳои нақлиёт бо истифода аз формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$Э_{вр}=К_{п} \times \Delta t \times V_0 Т, \qquad (2.16).$$

5. Сарфа аз ҳисоби баланд шудани бехатарии ҳаракат дар роҳҳои автомобилгарди пулакӣ. Категорияи техникии нисбатан баланди роҳҳои пулакӣ ба коҳиш ёфтани хавфи ба вуҷуд омадани садамаҳои роҳу нақлиёти боис мегарданд. Сарфа аз ҳисоби ихтисоршавии миқдори садамаҳои роҳу нақлиётӣ тавассути формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$Э_{б}=У_{а} \times Р_{а} – У_{пл} \times Р_{пл}, \qquad (2.17).$$

Дар ин ҷо: $У_{а}$ ва $У_{пл}$ – зарари миёна аз садамаи нақлиётӣ, мувофиқан дар роҳҳои алтернативӣ ва пулакӣ; $Р_{а}$ ва $Р_{пл}$ - эҳтимолияти садама дар роҳҳои алтернативӣ ва пулакӣ барои гурӯҳи воситаҳои нақлиёт:

$$Р_{а} = К_{а}/ИА \times 30; Р_{пл}= К_{пл}/ИП \times 30,$$

дар ин ҷо: ИА ва ИП – шиддатнокии шабонарӯзии анбуҳи нақлиётӣ мувофиқан дар роҳҳои алтернативӣ ва пулакӣ.

Бояд гуфт, ки ҳисобҳо барои 1 км ё 100 км дар асоси маълумотҳои ҷадвали 2.17 гузаронида мешаванд.

Барои ҳисоби сарфаи умумӣ $Э_{∑}$ аз ҷадвали 2.19 истифода мебарем.

Ҷадвали 2.17. – Маълумотҳои ибтидоӣ барои ҳисоби сарфа аз истифодаи роҳи автомобилгард дар долони автомобилгарди Душанбе –Чаноқ

Номгӯи маълумотҳо	Ишораи шартии роҳи пулакӣ	Ишораи шартии роҳи алтернатив	Андоза дар роҳи пулакӣ	Андоза дар роҳи алтернативӣ[1]
Шиддатноки анбуҳи нақлиёт, ҳамагӣ, авто/ш.р.	$ИП_0$	$ИА_0$	10 000	5 000
Шидатнокии ҳаракат дар гурӯҳи 1	$ИП_1$	$ИА_1$	5 000	2 500
Шидатнокии ҳаракат дар гурӯҳи 2	$ИП_2$	$ИА_2$	2 500	1 250
Шидатнокии ҳаракат дар гурӯҳи 3	$ИП_3$	$ИА_3$	1 500	750
Шидатнокии ҳаракат дар гурӯҳи 4	$ИП_4$	$ИА_4$	1 000	500
Дарозии хатсайр, км	$S_{пл}$	$S_а$	100	120
Саръати миёнаи ҳаракат дар гурӯҳи 1	$VП_1$	VA_1	100	65
Саръати миёнаи ҳаракат дар гурӯҳи 2	$VП_2$	VA_2	70	45

Идомаи ҷадвали 2.17

Саръати миёнаи ҳаракат дар гурӯҳи 3	$VП_3$	VA_3	60	35
Саръати миёнаи ҳаракат дар гурӯҳи 4	$VП_4$	VA_4	70	35
Миқдори миёнаи иштирокчии садамаи нақлиётӣ барои гурӯҳи 1	$Кпл_1$	$Ка_1$	10	20
барои гурӯҳи 2	$Кпл_2$	$Ка_2$	5	10
барои гурӯҳи 3	$Кпл_3$	$Ка_3$	2	4
барои гурӯҳи 4	$Кпл_4$	$Ка_4$	1	2
Зарари миёна аз садамаҳои нақлиётӣ, сомонӣ	Упл	Уа	100 000	70 000

Сарчашма: Маълумотҳои аз роҳи пулакӣ ба даст омада ва яклухткардашуда.

Эзоҳ:1. Роҳи алтернативӣ роҳи пештараи ҳаракат тавассути ағбаи Анзоб мебошад.

Тавассути формулаи

$$\Delta Зэ = Т_ч x\ \Delta t + Т_{км}\ (S_а - S_{пл})$$

сарфаи хароҷотҳои истифодабарии воситаҳои нақлиётро муайян карда, ба сутуни дуюми ҷадвали 2.19 мегузорем. Ба воситаи формулаи

$$Э_{удг} = \Delta t \text{ x } 3,$$

сарфаи зиёдшавии суръати ҳаракатро, фақат барои воситаҳои нақлиёти Г2 ва Г3 муайян мекунем ва онҳоро ба сутуни сеюми ҷадвали 2.19 мегузорем. Арзиши вақти сарфашуда барои воситаҳои нақлиёти Г1 ва Г4 бо формулаи

$$Э_{вр} = К_п \text{ x } \Delta t \text{ x } V_0Т$$

бо истифода аз коэффитсиентҳои $Кп_1$ = 1,0, $Кп_4$=2,0,(ММД =90 млрд.сомонӣ) ҳисоб намуда, ба сутуни чоруми ҷадвали 2.19 мегузорем.

Натиҷаи ҳисоби сарфаи вақт дар ҷадвали 2.18 оварда шудаанд.

Ҷадвали 2.18. – Ҳисоби сарфаи вақт дар масири Душанбе – Чаноқ

Кат.ВН	$S_{пл}$	$S_а$	$V_{пл}$	$V_а$	$Т_п$	$Т_а$	Δt
1	2	3	4	5	6	7	8
Г1	100	120	100	65	1,00	1,85	0,85
Г2	100	120	70	45	1,43	2,67	1,24
Г3	100	120	60	35	1,67	3,43	1,76
Г4	100	120	70	35	1,43	3,43	2,00

Сарчашма: Ҳисобҳои баргузорнамудаи муаллиф

Барои ҳисоби сарфа аз садамаҳои роҳу нақлиётӣ аз ҷадвали 2.20

истифода бурда, натиҷаи онҳоро басутуни 5 ҷадвали 2.19 мегузаронем. Маълумотҳои сутунҳои 2,3,4 ва 5-ро ҷамъ намуда, сарфаи умумии истифодабарии роҳҳои автомобилгарди пулакиро муайян менамоем.

Ҷадвали 2.19. – Сарфаи умумии вақт аз истифодаи роҳҳои пулакии Душанбе-Чаноқ дар долони байналмилалии нақлиёти автомобилӣ

№	Гурӯҳи ВН	ΔЗэ, сомонӣ	$Э_{удг}$, сомонӣ	$Э_{вр}$, сомонӣ	$Э_{б}$, сомонӣ	$Э_{∑}$, сомонӣ
	1	2	3	4	5	6
1	Г1	12,5	-	5,91	1,20	19,61
2	Г2	19,47	0,37	-	1,57	21,41
3	Г3	28,16	0,53	-	0,58	29,27
4	Г4	34,66	-	27,81	1,20	63,67

Сарчашма: Ҳисобҳои баргузорнамудаи муаллиф

Дар митақаи гузариши долони байналмилалии нақлиёти автомобилӣ тарифи миёнаи истифодабарии роҳи пулакӣ нисбати гурӯҳи воситаҳои нақлёт чунин муайян карда мешавад (ҷадвали 2.20).

Ҷадвали 2.20. – Тарифи миёнаи истифодабарии воситаҳои нақлиёт, сомонӣ

Гурӯҳи воситаи нақлиёт	Тариф барои як соат, Тч	Тариф барои як км, Ткм
Г1	6,19	0,37
Г2	6,67	0,56
Г3	7,02	0,79
Г4	8,10	0,92

Сарчашма: Ҳисобҳои баргузорнамудаи муаллиф

Ҳамин тариқ, истифодабарии роҳҳои автомобилгарди пулакӣ дар доираи долонҳои байналмилалии автомобилӣ барои ҷалби гузариши транзитии воситаҳои нақлиёт тавассути қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи маблағгузории пурра ва ё қисман аз ҳисоби бахши хусусӣ хеле муҳим арзёбӣ карда мешаванд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷудияти роҳи ройгони алтернативӣ низ муҳим ҳисобида мешавад. Вале ин масъала то ҳол дақиқ муайян карда нашудааст.

Ба ақидаи мо, муайян кардани алтернативаи роҳи пулакӣ имкони ҳалли масъалаҳои зеринро фароҳам меорад:

- масъалаҳои техникӣ;
- таъмини имконият барои ҳаракати воситаҳои нақлиёт тавассути

роҳҳои алтернативӣ;

– арзёбии беҳтар шудани шароити ҳаракат ва коҳиш ёфтани садамаҳои роҳу нақлиёт;

– тақсими анбуҳи воситаҳои нақлиёт миёни роҳҳои пулакӣ ва алтернативӣ;

– ояндабинии шиддатноки ҳаракат;

– иқтисодӣ; муайян намудан ва танзим кардани андозаи пардохти роҳ;

– муайян кардани дараҷаи мувофиқат намудани ҳаҷми хизматрасониҳо ба пардохткунандаи истифодаи роҳи пулакӣ;

– таъсири алтернативанокии ҳаракат ба фоиданокии тамоми лоиҳа;

– иҷтимоӣ;

– муайян кардани таассури иҷтимоӣ ба навовариҳо;

– ҳассосияти истифодакунандагон ба андозаи пардохти истифодабарии роҳ;

– омӯзиши омилҳое, ки ба муносибатҳои субъектҳои иҷтимоӣ пулакӣ будани роҳро ифода мекунанд.

Тадқиқиотҳои баргузоршуда нишон медиҳанд, ки таркибдиҳандагони зерин алтернативанокии гузаришро муҳим арзёбӣ мекунанд:

– нархи муқарраршудаи истифодаи роҳи пулакӣ;

– тақсимоти анбуҳи воситаҳои нақлиёт ба хатсайрҳои гузариш тавассути роҳи пулакӣ ва роҳҳои алтернативӣ;

– шиддатнокии ҳаракат дар ҳарду хатсайрҳо пас аз ҷорӣ намудани роҳҳои истифодаи пулакӣ;

– арзёбии иқтисодии фоидаи аз истифодаи пулакии роҳ бадастомада [39].

Алтернатива ин зарурати интихоб аз ду ва зиёда имкониятҳои якдигарро инкоркунанда мебошад. Мафҳуми алтернативанокии гузариш аз роҳҳои пулакӣ ҳамчун имконияти интихоби хатсайри ҳаракат бо

меъёрҳои муайян ба ҳамон самте мебошад, ки тавассути роҳи пулакӣ хизмат расонида мешаванд.

Мавҷудияти гузаргоҳи алтернативӣ истифода накардани воситаҳои нақлиётро аз роҳи пулакӣ ба вуҷуд меорад, ки аз ҳисоби дақиқ баҳо надодан боиси кам шудани шиддатнокии ҳаракат дар роҳҳои пулакӣ гардида, хавфи молиявии консессионерро зиёд мекунад. Дигар омилҳои хатар низ вуҷуд доранд, ки муафассал дар боло оварда шудаанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки омилҳои зерин ба алтернативанокии гузариш ва шиддатнокии ояндаи ҳаракат дар роҳҳои пулакӣ таъсир менамоянд:

- сатҳи бо автомобил таъмин будани сокинони кишвар;
- маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба сари аҳолӣ;
- сатҳи сафарбаркунии сармояи хусусӣ ба сохтмони роҳ;
- ҳиссаи хоси роҳҳои пулакӣ дар дарозии умумии роҳҳои автомобилгард.

Бояд гуфт, ки бо мурури баланд шудани сатҳи маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар афзоиши нишондиҳандаи бо автомобил таъмин будани сокинони он ба вуҷуд меоянд, ки ин аз дараҷаи баланди ширкати соҳаи нақлиёт дар иқтисодиёти бозорӣ шаҳодат медиҳад. Сатҳи ММД ба сари аҳолӣ омили муайянкунандаи таъини нархномаи маблағи пардохт барои истифодаи роҳ ва иншооти пулакӣ мебошад.

Ҳамин тавр, аз нуқтаи назари илмӣ, самаранокии татбиқ ва истифодаи роҳҳо ва иншооти пулакӣ ба маҷмуи омилҳои ба ҳам вобаста асос меёбад, ки онҳоро метавон ба се гурӯҳ ҷудо кард:

- омилҳои молиявӣ-иқтисодӣ – фоидаоварии интизоришавандаи лоиҳа, шароити дастрасӣ ва арзиши сармояи қарзӣ, инчунин вазъи умумии молиявии сармоягузорон ва қарздиҳандагонро дар бар мегиранд. Ин омилҳо асоси устувории иқтисодии лоиҳаро ташкил медиҳанд;
- хусусиятҳои техникӣ ва технологӣ – арзиши сохтмон, давомнокии давраи истифодаи роҳ ва сифати иҷрои корҳои сохтмониро дар бар

мегиранд. Ин нишондиҳандаҳо ба давраи ҳаётии лоиҳа, хароҷоти истифода ва зарурати таъмири асосӣ таъсир мерасонанд;

– шароити нақлиётӣ ва истифодабарӣ – зичии шабакаи роҳҳо, шиддати ҳаракат, ҳолати физикии роҳ ва ҳаҷми интиқоли бор ва мусофирро фаро мегиранд. Ин омилҳо талаботи воқеӣ ба истифодаи иншооти пулакиро муайян мекунанд.

Таҷрибаи амалӣ намудани роҳҳои пулакӣ нишон медиҳанд, ки яке аз омилҳои муҳим ва муайянкунандаи фоиданокии бештари тиҷоратии такрористеҳсолкунии иншооти пулакии роҳро тариф ва ҳаҷми анбуҳи нақлиёт мебошад. Барои бозхариди сохтмони роҳи пулакӣ шиддатнокии ҳаракат дар он бояд на камтар аз 20 ҳазор автомобил бошад. Ин хулосаро таҷрибаи роҳи пулакии Душанбе – Чаноқ исбот менамояд. Дар натиҷаи пурсиш муайян карда шуд, ки бештар аз 50% ронандагони воситаҳои нақлиёти Г1 (асосан ронандагони автомобилҳои сабукрав, микроавтобусҳо ва автомобилҳои сабуки боркаш) розӣ ҳастанд, ки роҳи пулакиро бо нархномаи барои 1 км на зиёда аз 0,20-0,25 сомонӣ истифода намоянд. Наздики 30% ронандаҳои Г2 – на зиёда аз 0,30 сомонӣ, ронандагони Г3 – то 0,4 сомонӣ ва ронандагони Г4 - 0,5 сомониро барои истифодаи роҳи пулакӣ метавонанд пардохт кунанд. Баҳои сарфаи вақт – 0,5 -1.,5 соат, фоидаи умумӣ бошад, аз 0,6 то 2,7 сомонӣ/км-ро ташкил медиҳад.

БОБИ III. САМТҲОИ АСОСИИ ТАКМИЛИ ФАЪОЛИЯТИ ДОЛОНҲОИ НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛИИ ТОҶИКИСТОН

3.1.Такмили фаъолияти долонҳои нақлиёти автомобилӣ - ҳамчун механизми такмили идора

Иштироки Ҷумҳурии Тоҷикиситон дар созмонёбӣ ва банақшагирии фаъолияти инфрасохтори долонҳои нақлиёти автомобилии миёни Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ аз як қатор омилҳои дохилӣ ва берунӣ вобастагӣ дорад. Ба омилҳои беруна, пеш аз ҳама, иқтисодиёти кушодаи ҷумҳурӣ дохил мешавад, ки бевосита ба суръати тағйиротҳои сохторӣ, рушди иқтисодӣ ва густариши содирот таъсир мерасонад.

Кӯшиши Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти дохил шудан ба долонҳои байналмилалии автомобилӣ, пеш аз ҳама, ба аъзогии ҷумҳурӣ дар Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС) алоқаманд мебошад. Дастрасӣ ба бозори хизматрасониҳои байналмилалии нақлиёти атомобилӣ метавонад дар ҳамон маврид пурра бошад, ки агар инфрасохтори долонҳои нақлиётии кишварҳои ҳамсоя ба ҳамдигар ҳамгиро кунонида бошанд.

Ҳамоҳангии фаъолияти долонҳои нақлиёти автомобилии кишварҳои ҳамсоя дар доираи нақшаи мувофиқашудаи миёна- ва дарозмуддати тағйиротҳои сифатии муносибатҳо ва инфрасохтори шабакаи долонҳои байналмилалии нақлиёти автомобилӣ сурат мегирад.

Ҳадафҳои асосии банақшагирии васеъ ва самараноки инфрасохтори долонҳои нақлиётӣ дар ояндаи наздик ва дур инҳоянд [11]:

– таҳлили ҷараёни амалишавии барномаҳои миллии мақсаднок оид ба рушди соҳаи нақлиёт ва таҳияи пешниҳодҳо ҷиҳати ҳамоҳангсозии имкониятҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ бо мақсади тақвияти самаранокии иқтисодии онҳо;

– таъмини шароити мувофиқ барои рушди алоқаҳои нақлиётӣ ҷиҳати дастгирии савдои дохилӣ ва хориҷии Тоҷикистон, инчунин кишварҳои

Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ.;

– ташаккул ва рушди долонҳои байналмилалии нақлиёти автомобилии рақобатпазир;

– такмили низоми танзими фаъолияти нақлиётӣ ва мувофиқасозии марҳилаҳои тағйирёбии онҳо дар доираи ҳамкориҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ;

– мубодидаи таҷриба дар самти таъмини бехатарии нақлиётӣ, кам кардани сатҳи садаманокӣ ва баланд бардоштани бехатарии экологии кулли низоми нақлиётӣ.

Банақшагирии инфрасохтори долонҳои байналмилалии нақлиётӣ дар кишварҳое, ки ба ҳамгироии иҷтимоӣ равона шудаанд, бояд ба таъмини ҳамлу нақли бору мусофирон ҳам дар дохили кишвар ва ҳам берун аз он равона гардад.

Таъмини нақлиёт: инфрасохтор бояд ҳаракати босифати бор ва мусофиронро таъмин намояд.

Таҳким бахшидани савдои хориҷӣ: долонҳои нақлиётии самаранок ба рушди савдои байналмилалӣ кумак мерасонанд.

Коҳиши хароҷоти нақлиётӣ ҳамчун омиле барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти нақлиётӣ хизмат мекунад, ки ба оптимизатсияи раванди интиқол мусоидат менамояд.

Тақвияти ҳамкориҳои иқтисодӣ тавассути рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва кам кардани хароҷоти марбут ба логистика, заминаи мусоидро барои густариши ҳамгироии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ миёни кишварҳои манфиатдор фароҳам меорад.

Равандҳои зикршуда пайвандҳоро наздиктар намуда, боиси ҳамкории боз ҳам муфидтар мегарданд. Дар маҷмуъ, банақшагирии самараноки долонҳои нақлиётӣ метавонад вазъияти иқтисодии кишварҳои ҳамгироишударо ба таври назаррас беҳтар кунад ва рақобатпазирии онҳоро дар арсаи байналмилалӣ беҳтар созад.

Бо истифода аз мавқеи хуби ҷойгршавии Тоҷикистон бо кишварҳои ҳамгирои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ, кишвар метавонад даромади калонро аз ҳисоби гузариши транзитии бору мусофирон тавассути убури қаламрави худ ба даст оварда, дар ин замина пайваст шудани онҳоро ба долони байналмилалии нақлиётии Шимолу Ҷануб: Россия – Қазоқистон – Қирғизистон – Тоҷикистон - Афғонистон – Туркманистон – Эрон ва шохаи алоҳидаи он: Тоҷикистон – Афғонистон - Покистон ҳавасманд созад.

Бояд қайд кард, ки соли 2010 бо ташаббуси Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ (ЭКО) ва бо пуштибонии Иттиҳодияи Байналмилалии Нақлиёти Автомобилӣ (IRU) Корвони Роҳи Абрешим ташкил гардид. Ҳадафи асосии ин иқдом омӯзиши вазъи инфрасохтор ва системаҳои логистикии як қатор кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ буд. Дар ин Корвон даҳ намоянда (Афғонистон, Озорбойҷон, Эрон, Қазоқистон, Покистон, Тоҷикистон, Туркия (ду намоянда), Туркманистон ва Ӯзбекистон) шомил карда шуданд.

Ҳадафи Корвони Роҳи Абрешим аз омӯхтани як қатор падидаҳои инфрасохтори нақлиёти автомобилии кишварҳои дар боло овардашуда иборат буд [11]. Инҷо нуқтаҳои асосӣ оварда шудаанд:

1. Пардохтҳои ғайрирасмӣ: Ин ба пардохтҳои иловагӣ ва ришваҳое, ки ронандагон ва ширкатҳо метавонанд маҷбуран пардохт мекунанд ишора намуда, хизматрасонии нақлиётиро мушкил ва гаронарзиш мекунад.

2. Мушкилот бо иҷозатномаҳо: Ронандагон метавонанд бо мушкилот дар гирифтани раводид ва ҳуҷҷатҳои барои сафар тавассути марзҳо зарурӣ дучор шаванд, ки ин таваҷҷуҳро ба нақлиёт камтар муассир мекунад.

3. Норасоии автомобилҳои ба стандартҳо ҷавобгӯй: Дар баъзе кишварҳо автомобилҳои боркаши ба стандартҳои байналмилалӣ мувофиқ намерасанд, ки ҳамлу нақли байналмилалиро мушкил мекунад.

4. Маҳдудият барои экспедиторҳо: Экспедиторҳои миллӣ метавонанд бо монеаҳои гуногун рӯ ба рӯ шаванд, ки ин самаранокии фаъолияти

онҳоро коҳиш медиҳад.

5. Тафовут дар нархи сӯзишворӣ: Ин барои интиқолдиҳандагон хароҷоти иловагӣ эҷод мекунад, зеро арзиши сӯзишворӣ метавонад дар кишварҳои гуногун хеле фарқ кунад.

6. Вазъият дар гузаргоҳҳои наздисарҳадӣ: Барои тамос бо масъулони назорати гумрукӣ воситаҳои зарурӣ ва барои назорати молҳо дар марзҳо бояд шароити хуб фароҳам оварда шавад.

7. Шароити истироҳат барои ронандагон: Ронандагон бояд бо шароити хуб барои истироҳат, аз ҷумла, мавҷудияти тавақуфгоҳ ва нуқтаҳои хизматрасонии техникӣ таъмин бошанд, то бехатарӣ ва роҳатнокӣ дар сафар муҳайё гардад.

8. Тафовут дар қоидаҳо: Кишварҳои гуногун метавонанд қонунҳо ва меъёрҳои мухталифе дошта бошанд, ки ба ҳамлу нақли байналмилалӣ марбутанд ва ин метавонанд нофаҳмиҳоро ба миён орад.

9. Талабот ба воситаҳои нақлиёт: Гуногун будани талабот ва меъёрҳо ба воситаҳои нақлиёт ва инфрасохтор дар кишварҳои мухталиф.

10. Аломатҳои роҳ ва иттилоот дар бораи роҳ: Норасоии аломатҳои роҳ ва иттилооти зарурӣ дар бораи ҳаракат метавонад ҳаракатро душвор гардонад.

11. Воситаҳои муосири назоратӣ: Нақши воситаҳои муосир, ба монанди дастгоҳи рентгенӣ ва сагҳои дарёфткунандаи маводи мухаддир дар ошкорнамоии қочоқи маводҳои манъшуда ва беҳдошти таъмини бехатарӣ дар нақлиёт.

Дар ин Корвон хатсайри ҳаракати автомобилҳои боркаш ба ду қисм: шимолӣ ва ҷанубӣ ҷудо карда шуд, ки дар навбати худ ҳар яки он боз ба се қисмат тақсим гардиданд.

Таҳлили суръати ҳаракат ва сарфи вақт дар хатсайрбуда мутобиқ ба методологияи иҷрои он амалӣ карда мешавад. Тибқи ин методология китоби ҷамъоварии маълумотҳо таҳия карда шуда, ба ҳар як ронанда

дастрас мегардад тартиби пур кардани он низ нишон дода мешавад. Дар натиҷаи омӯзиш маълумотҳое ба даст омаданд, ки дар ҷадвали 3.1 дарҷ гардиданд.

Ҷадвали 3.1. – Маълумотҳои ҷамъбастии нишондиҳандаҳои кори нақлиёти автомобилии боркаш дар масирҳои ҳаракат миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ

Нишондиҳандаҳои хатсайр	**Қисми 1**	**Қисми 2**	**Қисми 3**
Миқдори сафар, воҳ.	139	112	27
Вақти дар роҳ будан, рӯз	1276	1007	269
Масофаи умумии ҳамлу нақл, км	449454	341	108219
Ҳаҷми боркашонӣ, тонна	2823	2315	508
Масофаи миёнаи рӯзонаи ҳамлу нақл, км	352	339	--
Суръати ҳаракат дар роҳ, км/соат	14,6	14,1	16,8
Муҳлати интизорӣ дар навбат, рӯз	219	182	32
Муҳлати миёнаи интизорӣ дар як сафар, рӯз/сафар	1,54	1,63	1,18
Хароҷоти умумии сафар, долл.ИМА	443519	370838	72681
Арзиши миёнаи як сафар, долл.ИМА	3191	3311	2692
Ҳаҷми андозҳои беасос пардохташуда, долл.ИМА	99808	83456	16352
Маблағи дар як сафар беасос пардохта, долл.ИМА % аз маблағи як сафар	718 (22,5%)	745 (22,5%)	606 (22,5%)
Маблағи миёнаи андозҳои беасос пардохташуда ба як километри сафар, долл.ИМА	0,22	0,24	0,15

Сарчашма: 1.Бобоев О., Мирзоева Дж.Шералиев А. Логистический центр Нижний Пяндж: транспортная интеграция Центральной и Южной Азии. – Душанбе, ГУЖ «Менеджмент и маркетинг», -2014. – 88 с.,-С.40

Таҳқиқи маълумотҳои дар боло овардашуда (ҷадвали 3.1) нишон медиҳанд, ки наздики 60% аз вақти умумии сафар сарфи амалиёте мегардад, ки ба ҳаракат дар роҳ, истироҳат ва хоби шабона алоқаманд мебошанд. Вақти сарфшаванда барои ҳамаи амалиётҳои назоратӣ, муоинаи автомобил ва бор то 30% вақти умумиро ташкил медиҳад. Аз ин миқдор, 31% - вақт ба амалиётҳои гумрукӣ ва 21% ба назорати сарҳадӣ сарф мешавад. Дар ин асос, дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомали Раҳмон, ба Маҷлиси Олӣ “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” аз 28 декабри соли 2023 Вазорати

нақлиёт ва Хадамоти гумрук уҳдадор гардиданд, то “ҷиҳати васеъ намудани гузаргоҳҳои наздисарҳадӣ ва ташкили «долонҳои сабз» бо истифода аз технологияҳои рақамӣ ва дар асоси стандартҳои муосири байналмилалӣ бунёди терминалҳои наздисарҳадиро таъмин намоянд”.

Айни замон бо сабаби вуҷуд надоштани системаи созмонёфтаи хизматарасонӣ дар инфрасохтори долонҳои байналмилалии нақлиёти автомобилӣ, арзиши аслии ҳамлу нақл ва суръати боркашонӣ паст шуда, ҳамчун як мушкилот, дар шакли бекористиҳои зиёд дар сарҳад ва дохили кишварҳо муаррифӣ мегардад. Сабаби дигар аз он иборат аст, ки дар роҳҳо маблағситониҳои ғайрирасмӣ мушоҳида гардида, вуҷуд надоштани системаи мукамали логистикӣ низ ҳамчун як монеа дар роҳи ҳаракати байналмилалии молу маҳсулот ба арзиши боркашонӣ ва зиёд шудани нархи молҳо дар бозорҳои дохилии кишварҳо боис мегардад.

Аз ин таҳлил хулоса мешавад, ки маблағситониҳои ғайрирасмӣ ва бекористии зиёд дар сарҳади кишварҳо маҳдудияти асосии рушди ҳамлу нақли байналмилалӣ, сабаби болоравии нархи боркашонӣ ва паст шудани рақобатпазирии долонҳои нақлиётӣ мегардад.

Муайян карда шуд, ки дар ҳар як километр нархи боркашонӣ дар долонҳои нақлиёти автомобилии Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ зиёда аз 22% маблағситониҳои беасос вуҷуд дорад. Дар мавриди кам кардани бекористии нақлиёт ва афзоиш додани суръати харакати воситаҳои нақлиёт метавонанд борҳо бо арзиши камтар ва то ду маротиба тезтар интиқол дода шаванд. Ҳамин тариқ, воситаи аз ҳама судманди ҳамлу нақли борҳо аз Ҷумҳурии Чин ба давлатҳои узви Иттиҳои Аврупо истифодаи долонҳои нақлиёти автомобилии кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ ва Марказӣ мебошад.

Дар таҳқиқотҳои Институти таҳқиқотии нақлиёти Қазоқистон, хароҷоти нақлиётӣ ба гурӯҳҳои зер тақсим шудаанд:

- 60% – хароҷоти мустақими марбут ба интиқоли бор (масрафҳои

асосии нақлиётӣ);

- 6% – пардохтҳо ва боҷҳои гумрукӣ;
- 9% – масрафҳо дар нуқтаҳои боркунӣ ва борфарорӣ;
- 5% – суғуртаи бор;
- 3% – андозҳои роҳу нақлиёт;
- 9% – пардохтҳо барои убури сарҳад;
- 8% – хароҷоте, ки бо ҳуҷҷатҳои расмӣ тасдиқ намешаванд (масалан, иҷора ва дигар пардохтҳои ғайрирасмӣ) [97].

Бояд гуфт, ки парки воситаҳои нақлиёт дар Осиёи Марказӣ ҳамасола бештар аз 10% афзоиш меёбад ва аз ин сабаб, масъалаи таъмини бехатарии харакати воситаҳои нақлиёти автомобилӣ дар долонҳои нақлиёти автомобилӣ хеле муҳим арзёбӣ карда мешаванд. Маълумотҳои ҷадвали 3.2 нишон медиҳанд, ки дар кишварҳои долони ТРАСЕКА таносуби ҳолатҳои талафоти ҷонӣ ба ҳар 10000 автомобил аз 2 то 31 нафарро ташкил намуда, сатҳи баланди ин нишондиҳанда дар ҷумҳуриҳои Кирғизистон ва Тоҷикистон ба қайд гирифта шудаанд.

Ҷадвали 3.2. – Бехатарии ҳаракат дар роҳ дар баъзе кишварҳои долони ТРАСЕКА

Нишондиҳандаҳо	Озорбойҷон	Қирғизистон	Тоҷикистон	Муғулистон
Миқдори садамаҳои нақлиётӣ	2388	3717	1400	4654
Шумораи фавтидагон	811	893	421	177
Шумораи ҷароҳат бардоштагон	2766	4568	1620	661
Ҳиссаи фавтидагон ба 10 000 автомобил	17	31	23	2

Сарчашма: Азербайджан, Ежегодный Справочник 2015; Кыргызстан, Ежегодник 2016; Таджикистан: Техническая Поддержка АБР 6924 Содействие Транспортному Сотрудничеству между странами ЦАРЭС, 2016; Монголия: АБР Стратегия Транспортного Сектора, 2017.

1. Дар ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказӣ нӯшидани шароб дар сари чамбараки воситаи нақлиёт манъ аст, вале дар нақлиёт риояи тартиботи камтарини қоидаи ҳаракат дар роҳ ва риояи стандартҳои техникии

истифодаи воситаи нақлиёти автомобилӣ ва боркашонӣ на ҳамавақт таъмин карда мешаванд.

Барои таъмини фаъолияти самараноки долонҳои нақлиётӣ, махсусан нақлиёти автомобилӣ, иштирокчиёни ин долон бояд сармоягузории қобили қабулро барои тақдиди роҳҳои фурӯрафта ё кам кардани шиддатнокии ҳаракат дар роҳ анҷом диҳанд. Инчунин, сохтани роҳҳои нав барои беҳтар кардани сифати робита зарур мебошад.

Дар Ҷумҳурии Қирғизистон тақдиди роҳи автомобилгарди Баличи – Торугарт (сарҳади давлати Чин) бо мақсади дастрасии беҳтар ба ҷониби Чин (Қошгар) ба роҳ монда шуда, долони нақлиётӣ бо хатсайри Алмато – Бишкек - Тошкент ба маблағи 100 млн. долл.ИМА таъмир карда гардидааст, ки як қисми долони АН 65 –ро ташкил медиҳад.

2. Дар Ҷумҳурии Қирғизстон, тақдиди роҳи автомобилгарди Сари Тош –Қарамиқ (сарҳади Тоҷикистон) барои баҳтар сохтани дастрасӣ ба Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст. Ин роҳ як қисми роҳи долони Алмато-Бишкек-Душанбе –Афғонистон - Покистон (Карочи/Гвадар) ё долони алтернативии дигар: Алмато – Бишкек – Душанбе – Термез – Туркменистан-Эрон (Бандар Аббос) мебошад, ки ин ҳам як қисми долони АН 65 –ро ташкил медиҳад.

3. Дар Тоҷикистон дар роҳи автомобилгарди Мурғоб-Қулма 5 пул дар дарёи Панҷ сохта шудааст, ки Тоҷикистонро бо Афғонистон пайваст менамояд. Роҳҳои автомобилгарди Шоҳон-Зигар, Шикев-Зигар, нақбҳои “Истиқлол”, “Шар-шар” ва “Майхура” бунёд гардида, ҳамзамон як қатор роҳҳои автомобилгард, ба монанди: роҳи автомобилгарди Душанбе-Чанак (сарҳади Ӯзбекистон), Душанбе-Бохтар-Дангара-Кӯлоб; роҳи автомобилгарди Душанбе-Карамик (сарҳади Кирғизстон), роҳи автомобилгарди Бохтар-Панҷи Поён (сарҳади Афғонистон), Ш.Шоҳин – Калаи Хумб, Душанбе-Турсунзода (сарҳади Ӯзбекистон) тақдид карда шудаанд, ки ба долони АН 65 дохил мешаванд.

4. Дар Афғонистон роҳҳои автомобилгарди ҳалқавии Андхой –Хаман (АН 76) бунёд карда шудааст. Ҳарчанд воситаҳои муосири убури сарҳад миёни Кирғизистон, Тоҷикистон ва Афғонистон гузошта шуда бошанд ҳам, вале иқтидори онҳо ба анбуҳи воситаҳои нақлиёти убуркунанда пурра мувофиқат намекунанд.

Кишварҳои ба ин долон вобаста то кунун имкониятҳои транзитии худро ба пуррагӣ истифода накардаанд. Маълумотҳои мавҷуда шаҳодат медиҳанд, ки ҳаҷми кори нақлиётӣ камтар аз 1% - ро ташкил медиҳад. Кишварҳои ба ин долон вобаста метавонанд нишондиҳандаҳои фаъолияти худро дар заминаи паст кардани хароҷотҳои истифодабарӣ ва коҳиш додани муҳлати бекористии воситаҳои нақлиёт дар ҳудуди долон беҳтар намоянд.

Аз ҳисоби якчанд омилҳо, ба монанди мушкилоти таъмин намудани робитаҳои нақлиётӣ, нигоҳдории аз ҳад зиёд воситаҳои нақлиёт дар сарҳад, сатҳи баланди пардохтҳои ғайрирасмӣ ва фаъолияти сусти соҳаи логистика, хароҷоти интиқоли борҳо аз Аврупо ба Чин хеле баланд ва рақобатнопазир мегардад. Дар ин маврид расонидани бор дар муҳлати пешбинишуда имконнопазир мешавад. Таҳлил нишон дод, ки дар ин самт сатҳи байниминтақавии анбуҳи борҳо ва мусофирон ба дараҷаи кофӣ рушд наёфтааст.

Имкон дорад бо сабаби хароҷоти баланд ва мушкилоти зиёди гузаштан аз амалиёти сарҳади давлатӣ суръати савдои байниминтақавӣ дар сатҳи паст қарор гирад. Дар мавриди паст шудани хароҷоти гузариши сарҳад ҳаҷми ҳамлу нақли сабзавоту меваҷот ба кишварҳои ҳамсоя бештар мешавад.

Бояд гуфт, ки ҳарчанд нақшаи таҳияшудаи инфрасохтори хаттии долонҳои байналмилалӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ вуҷуд дорад, вале аз ибтидо баъзе аз қисматҳои он ба талаботи афзояндаи суръатбахшии ҳамлу нақли борҳо ва мусофирон мувофиқат намекуннд. Сабаби ба чунин

вазъият дучор гардидани долонҳои байналмилалӣ аз он иборат аст, ки дар тӯли солҳои зиёд маблағ барои нигоҳдории ин роҳҳо нокифоя буданд. Нуқтаҳои асосии вазъияти кунунии инфрасохтори нақлиётӣ дар кишвар инҳоянд:

– афзоиши шиддатнокии ҳаракат – соҳаи иқтисодиёти кишвар пешгӯӣ кардааст, ки теъдоди нақлиёти автомобилӣ ва дигар воситаҳои нақлиёт дар роҳҳо то ба 10% афзоиш меёбад. Ин маънои онро дорад, ки ҳаракат пуршиддаттар мешавад;

– бадшавии инфрасохтор - дар натиҷаи афзоиши шиддатнокии ҳаракат ҳолати роҳҳо ва инфрасохтори нақлиётӣ бадтар мешавад. Ин ба мушкилоте, ки бо бехатарии ҳаракат алоқаманд аст, оварда мерасонад;

– ниёз ба таҷдид - барои ҳал кардани ин мушкилот бояд корҳои таҷдидии роҳҳоро зудтар анҷом дод, то ки ҳолати онҳо бадтар нашавад. Ба ибораи дигар, мақомоти маҳаллӣ ва дигар масъулин бояд таъмир ва навсозии инфрасохтори нақлиётиро ҷоннок намоянд:

– мушкилоти бехатарӣ - афзоиши теъдоди воситаҳои нақлиётии хусусӣ боиси бад шудани ҳолати роҳҳо гардида, танбашавии роҳҳо мушкилоти бехатарии ҳаракатро дар тамоми минтақаҳо ба вуҷуд меорад, ки ин масъала ҳамеша муҳим боқӣ мемонад.

Нишондиҳандаҳои хуби ҳаракат наметавонад бидуни баргузории чорабиниҳои мувофиқи нигоҳдорӣ ва навкунии инфрасохтор ба даст ояд. Талабот ба боркашонии автомобилӣ бо суръати баланд афзуда истодааст. Барои он ки ба ин сарбории афзоянда расидагӣ шавад бояд захираҳои техникӣ ва инсонӣ бештар бо реҷаи шиддатнок истифода бурда шаванд. Агар қувваи муайян ба ин самт сафарбар нашавад, сатҳи бехатарӣ дар ин бахш метавонад баланд боқӣ монад.

Бояд гуфт, ки дар кишварҳои минтақа аз меъёр, стандартҳо ва тартиботи гуногун истифода бурда мешавад. Дар зерсохторҳои авиатсия ва роҳи оҳан таҷрибаи инҳисорӣ бештар мушоҳида мегардад. Бо сабаби вуҷуд

надоштани рақобат хизматрасониҳои нақлиётӣ судовар набуда, идоракунии раванди интиқол суст ва маблағгузории инфрасохтор нокифоя мебошад.

Илова бар ин, масъалаҳои дигар ва мушкилоти инфрасохторӣ вуҷуд доранд, ки бояд ба онҳо таваҷҷуҳ зоҳир шавад. Ин масъалаҳо асосан дастгоҳҳои дар минтақаҳои сарҳадӣ, терминалҳои контейнерӣ воқеъбуда ва воситаҳои интиқолро дар бар мегиранд, ки барои таъмини талабот ва беҳтар намудани фаъолияти долонҳо зарур мебошанд.

Барои кори муътадили долон инфрасохтори мувофиқ зарур аст ва набудани он метавонад сабаби асосии пуррагӣ истифода нашудани иқтидори гардад. Ҳалли худро наёфтани масъалаҳои идоракунӣ ва набудани технологияҳои муосир метавонанд ба сатҳи пасти кор оварда расонанд ва ин ҳам дар ҳолест, ки рақобат байни долонҳо вуҷуд дорад ва он бо вақти тулонӣ рушд меёбад. Аз ин сабаб, танҳо интиқолдиҳандагони бор метавонанд долонҳоро муайян кунанд, зеро боэътимодии он ва хароҷотҳои истифодаи долон ба инобат гирифта мешавад.

Таъсиси системаи бастани созишномаҳои мураккаби нақлиётӣ ҳамзамон системаи иҷозатдиҳӣ ва пардохтҳоро низ мураккаб мегардонад. Системаи иҷозатдиҳӣ ҳуқуқи гузаштан ба кишварҳои дигарро таъмин мекунад, ки дар он ҷо ин система барои гирифтани иҷозати минбаъда истифода мешавад.

Созишномаи дуҷониба оид ба воридшавии бидуни иҷозат ҳаракати озоди воситаҳои нақлиётро миёни кишварҳо таъмин менамояд. Вале ин созишнома ронандаҳои воситаҳои нақлиётро аз пардохти ҳаққи истифодаи роҳ ва андози сӯзишворӣ озод намекунанд.

Пардохт барои иҷозатнома ва истифодаи инфрасохтори нақлиётӣ бояд ба таври аниқ муайян шавад. Воқеан, системаҳои пардохт бештар ба ҳуқуқи воридшавӣ ба қаламрави кишвар ё гузариши транзитӣ равона нестанд. Ин ҳуқуқҳо дар шартҳои созишнома муайян ва дар доираи онҳо

дода мешаванд. Маблағҳои ҷамъшудае, ки аз истифодабарандагони роҳ ситонида мешаванд, ба суратҳисоби нигоҳдории роҳҳо ворид гардида, шомили маблағситониҳои маъмурӣ мегардад. Системаи иҷозат дар байни кишварҳо зарур аст, то бозори хизматрасонии нақлиётӣ боадолатона тақсим шавад. Масъалаи маблағситониҳо аз нақлиёти автомобилӣ баҳснок аст, зеро ҳиссаи иштироки бахши нақлиёт дар музокирот бо ҳукумати кишварҳо гуногун аст.

Судмандии системаи иҷозат ва системаи пардохт, ки дар боркашонҳои байнисарҳадӣ истифода бурда мешаванд, аз ҷониби супоришдиҳандагон ва савдогарони минтақавӣ бо сабаби дуруст набудани сохтори хароҷотҳояшон, вайрон карда мешаванд. Системаи айни замон амалкунандаи вазъияти ногувор дар минтақа, ба ҷои майли кор кардан самти ҳамгироиро ба вуҷуд овардааст.

Яке аз масъалаҳои мубрами дигар ин дастрасӣ ба бозор мебошад. Дар тамоми ҷаҳон қоидаи даромади хизматрасонии нақлиётӣ ба бозор ҳарчи бештар мавриди баҳсҳои илмӣ қарор гирифтааст. Бештар аз ин, корхонаҳои нақлиётии шакли моликияти давлатӣ намехоҳанд ҳуқуқи истисноии худро дар ҳамлу нақли байналмилалӣ аз даст диҳанд.

Дар бештар кишварҳои аъзои долон бозори ҳамлу нақли автомобилӣ тавассути сарҳади кишварҳои он, ба истиснои сарҳади Чин ва Афғонистон кушода мебошад. Вале интиқолдиҳандаҳо иброз медоранд, ки дар роҳи интиқол мушкилот ва монеаҳои зиёди ба мураккабии механизмҳои танзимкунанда вобаста ва вуҷуд надоштани маълумот нисбати истифодабарии онҳо ҷой дорад. Раванди азнавборкунӣ амалиёти ҳатмии сарҳади Чин мебошад ва бо ин сабаб дар роҳҳои дохилии ин кишвар ҳаракати мошинҳои боркаши хориҷӣ ҳеле кам ба назар мерасанд. Албатта сабаби чунин вазъият на танҳо дар созишнома қайд нашудани он, балки нобоварӣ ба системаи танзими ҷониби дигар буда, ҳамзамон мушкилоти ҳимояи давлат аз амалҳои ғайриқонунӣ низ ба назар гирифта мешавад.

Маълум аст, ки дар минтақа манъи ҳамлу нақли каботажӣ вуҷуд дорад, яъне ҳамлу нақли воситаҳои нақлиёти хориҷӣ дар дохили дигар давлат. Аммо, бо вуҷуди ин манъ, то ба ҳол асоси кофие, ки нишон диҳад, ки ин манъсозӣ ба номуносибӣ ё нобаробарии дар раванди нақлиёт ё иқтисодиёт боис мегардад, мавҷуд нест. Ба ибораи дигар, гарчанде ки қоидае вуҷуд дорад, ки ба воситаҳои нақлиёти хориҷӣ иҷоза намедиҳад, ки дар дохили кишварҳо ҳамлу нақл анҷом диҳанд, то ҳол далелҳои қобили қабул вуҷуд надорад, ки нишон диҳад, ки ин тадбир ба мушкилот ё вайрон кардани низоми нақлиётӣ ё иқтисоди кишварҳои минтақа оварда мерасонад.

Бояд гуфт, ки дар соҳаи таъмини дастрасӣ ба бозор амсилаи инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ аз принсипҳои оддии танзим бо дарназардошти манфиатҳои давлат ва бидуни маҳдудият ба рушди рақобат ташкил карда мешавад. Пешниҳоди талаботи асосӣ барои бақайдгирӣ ва дарёфти иҷозатномаи иҷрои ҳамлу нақл аз ширкатҳо, интиқолдиҳандагони хусусӣ ё экспедиторҳо имкониятҳои касбӣ, шуҳрати хуб ва ҳолати молиявиро талаб менамояд. Принсипҳои асосии тахассуси интиқолдиҳандагон бояд сифати хизматрасониро таъмин созад. Квотаҳое, ки воридшавиро ба бозори нақлиёт маҳдуд мекунанд, вуҷуд надоранд. Ин ҳолат ба иштирокчиён имкон медиҳад, ки масъалаҳои техникӣ ва тиҷоратиро бидуни монеа дар рушди муҳити рақобатнокӣ танзим намуда, ҳамзамон тахассуси мувофиқро нигоҳ доранд.

Инфрасохтори минтақаҳои сарҳадӣ, созишнома ва логистика. Ба ҳамагон маълум аст, ки бесарусомонии санҷиши гумрукии борҳо монеаи асосӣ дар роҳи рушди савдо дар минтақа мебошад.

Кишварҳои аъзои долон ҳамаҷониба номгӯйи сабабҳои ошкоргардида, ки бесарусомониро ҳангоми убури сарҳад ба вуҷуд меоранд, тасдиқ намудаанд. Дар поён сабабҳои монеа ба рушди савдои минтақавӣ номбар карда шудаанд:

– шаффофияти нокифоя;

– набудани тартибот ва талаботи гумрукии мувофиқашуда, ки барои ворид шудан ба кишвар пешниҳод карда мешаванд;

– боварии нокифоя ва шубҳанокӣ;

– сиёсати ҳимояи манфиатҳои миллӣ бар ивази манфиатҳои минтақавӣ;

– вуҷуд надоштани созишнома дар бораи ҳамлу нақли минтақавии транзитӣ;

– фарқият миёни меъёрҳои техникии давлатҳо;

– инфрасохтори ба талабот мувофиқатнакунанда;

– монеаҳои забонӣ;

– монеаҳои ҳуқуқӣ;

– рушди нокифояи хизматрасонӣ ва дастгирии логистикӣ;

– системаи созмонёфта, ки боиси ба вуҷуд омадани пардохтҳои ғайрирасмӣ мегарданд.

Новобаста аз ҳамроҳшавӣ ба конвенсияҳои гуногуни байналмилалӣ дар самти сабук гардонидани савдо ва мусоидат ба ҳамлу нақл, татбиқи воқеии ин конвенсияҳо мушоҳида намешаванд. Масалан, тадқиқотҳо нишон додаанд, ки хадамоти гумруки Тоҷикистон то ба ҳол системаи пурраи муоинаи физикии борҳои воридшавандаро ба роҳ на мондааст. Мувофиқи ҳисоботи Ассосиатсияи нақлиёти автомобилии Туркия, баъзе аз кишварҳои долон то ҳол автомобилҳои бо аломати TIR муҷаҳҳазро бидуни ягон шарҳдиҳӣ дар минтақаҳои гумрукӣ нигоҳ медоранд, ки ин амал мухолифи талаботи конвенсия мебошад.

Мушкилот дар нуқтаҳои сарҳадӣ. Ба Тоҷикистон анбуҳи асосии маҳсулот аз Россия, Чин, Эрон ва Туркия ворид мешавад. Баъзе аз кишварҳои долон миқдори нуқтаҳои сарҳадии худро, ки дар ҳамлу нақли байналмилалӣ истифода мегардиданд, кам намуданд.

Дар як қатор кишварҳо дар нуқтаҳои асосии гузариши сарҳад

бинохои нав, хатҳои ҳаракати нав, айвонҳо, пулҳои мошингузар, пойгоҳи муоинаи техникии воситаи нақлиёт ва системаи равшанидиҳӣ сохта шуданд. Баъзе аз кишварҳо барои сохтани иншооти нав дар дохили сарҳадҳои фосилавӣ маблағгузорӣ намуда, дар он мақомоти давлатии ҳарду кишварро ҷойгир намуданд, ки ба рушди тиҷорати байнидавлатӣ мусоидат мекунанд. Новобаста ба ин, нуқтаҳои иловагии гузариши сарҳад хуб ҷиҳозонида нашуда, аксаран аз як таркиби ҳаракаткунанда иборат мебошанд. Ҳатто агар усулҳои муосири санҷиш ва инфрасохтори нав ба роҳ монда шавад ҳам, онҳо фақат як қисми мушкилоти бесарусомониро дар гузариши сарҳадро барҳам медиҳанд.

Дар қатори ин норасоиҳо, бояд ба дигар масъалаҳо диққат низ дода шаванд, ки асосиҳои онҳо дар поён оварда шудаанд:

– норасоии биноҳои маъмурӣ, фазои корӣ, дастгоҳҳои назоратӣ ва ченкунӣ;

– бунёди инфрасохтори зарурӣ (биноҳои зарурӣ, терминалҳои наздисарҳадӣ ва техникаи боркунию борфарорӣ);

– мавҷуд набудани имкониятҳо барои мушоҳида ва аудит;

– зарурати зиёд кардани имкониятҳо барои таҳияи ҳисоботи таҳлили автоматикӣ дар асоси маълумотҳои мавҷудаи мақомоти гумрук;

– таҳияи ченкунакҳои асосӣ ва муайян кардани нуқтаҳои назоратӣ, ки нисбати онҳо дар бораи фоиданокии иҷрои нақшаи Старатегӣ хулоса карда мешаванд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки Департаменти гумруки Афғонистон бо дастгирии шарикон дар самти рушд ва беҳтар кардани кори худ, инчунин истифодаи таҷрибаи байналмилалӣ ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардидаст. Барои тақвият додани ҳамлу нақл омода будан ба мусоидати савдо тавассути сода кардани санҷишҳои гумрукӣ ва баланд бардоштани сифати хизматрасонии анборҳою нуқтаҳои боргузорӣ дархост карда мешавад.

Содагардонии амалиёти гумрукӣ. сода кардани амалиёти гумрукӣ - масъалаи афзалиятнок дар самти мусоидат ба савдо ва устувор кардани бехатарии миллӣ мебошад. Бо ин мақсад, дар соли 2006 Лоиҳаи Бонки Осиёии рушд барои Қирғизстон ва Тоҷикистон таҳти унвони “Лоиҳаи минтақавии мусоидат ба савдо ва ҳамкориҳои гумрукӣ” татбиқ карда шуд. Лоиҳа барои тақвият бахшидани идоракунӣ, такмили қонунгузорӣ ва танзими сохтори хадамоти гумрук, баланд бардоштани фоиданокӣ ва таҳияи механизмҳои судманди ҳамкориҳои минтақавӣ равона карда шуда буд.

Барои фоидаҳое, ки Тоҷикистон дар натиҷаи татбиқи лоиҳа ба даст меорад, аз нав дида баромадани Кодекси гумрук ҷиҳати таъмини сохтори қонунгузориву танзимгарии хадамоти гумрук; такмили сиёсати кадрӣ ва ҷорӣ намудани барномаҳои омӯзишӣ; таҳияи стратегияи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва нақшаи инвеститсионӣ барои навкунии амалиётҳои гумрукӣ ва инфрасохтор, зарур мебошад.

Стратегияи рақамикунонии технологияҳои иттилоотӣ низ яке аз самтҳои такмили амалиёти гумрукӣ мебошад. Ҷамъоварии маълумотҳо, сохтани пойгоҳи маълумотҳои хавф-профил, инчунин мустаҳкам кардани иқтидори хадамот оид ба мубориза бар зидди қочоқи мол тадбирҳои асосӣ барои пешгирӣ кардани андешаҳои ғайрирасмӣ мебошанд.

То имруз байни Тоҷикистон ва Кирғизистон дар соли 2004 созишнома имзо шуд, ки мақсади асосии он сода кардани равандҳои транзитӣ мебошад. Ба ибораи дигар, ин созишнома ба ду кишвар кумак мекунад, ки ба осонӣ ва самараноктар ба ҳамлу нақли борҳо ва мусофирон байни кишварҳо шуруъ кунанд. Ҳамчунин, эътирофи ҳуҷҷатҳои транзитӣ ва татбиқи системаи кафолати молиявӣ барои таъмини бехатарии молҳо дар рафти интиқол пешбинӣ шудааст.

Тоҷикистон ба сохтмони нуқтаҳои нави гузаргоҳҳои сарҳадӣ ва хариди системаи гаронарзиши ошкорсозӣ маблағгузорӣ намудааст. Ҳамин

гуна нуқтаҳои гузариши сарҳадӣ дар сарҳади Афғонистон сохта, ба истифода дода шуданд. Тоҷикистон ба маблағгузории барномаҳои нуқтаҳои хурди гузариши сарҳадӣ, ки системаи идораи нуқтаҳои гузаришро бо насб намудани системаи ошкорсозӣ ва дастгоҳи коммуникатсионӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотии ба хадамоти гумрук имконидиҳандаи арзёбии хавфҳо ва таҳқиққунандаи натиҷаҳои мушоҳида ниёз дорад. Дигаргунсозии амалиёти хадамоти гумрук бо мақсади содагардонии мушоҳидаи пурра мебошад.

Системаи нақлиётию коммуникатсионии амалкунандаи Тоҷикистон аксаран дар давраи шуравӣ ва дар шароити амали иқтисоди нақшавӣ созмон ёфтааст, ки дар он вақт рушди инфрасохтор асосан дар асоси нақшаи дурнамои саноатикунонӣ, талаботи ташкили ҳарбӣ ва манфиатҳои геосиёсии давлат таҳия мегардиданд. Дар натиҷа ҳарчи бештар дуршавӣ аз самти рушди системаи нақлиётию коммуникатсионии кишварҳои пешрафта ба вуҷуд омада буд.

Дар давраи ислоҳоти иқтисодӣ системаи нақлиётию коммуникатсионии Тоҷикистон, ки ба реҷаи рушди озод такя мекунад, куллан тағйир ёфтааст. Дар ин маврид системаи нақлиётию коммуникатсионӣ бештар таҳти назорати давлатӣ боқӣ мондааст.

Натиҷаи ҳамаи ин омилҳо боиси пайдошавии норасоиҳои зиёде гардиданд, ки ба рушди муътадили ояндаи системаи нақлиётию коммуникатсионии Тоҷикистон монеаҳо зиёд эҷод менамояд. Ба ин қабил монеаҳо инҳо дохил мешаванд:

– *номутаносибии иқтисодӣ вобаста ба тағйир ёфтани таркиби талабот*. Зуд тағйир ёфтани таркиби талабот ба хизматрасониҳои нақлиётӣ дар раванди ислоҳоти иқтисодӣ ба номутаносибии ҷиддӣ оварда расонд, ки дар як вақт ҳам камчинӣ ва ҳам барзиёдатии иқтидорҳои нақлиётӣ ба амал омада, дар маҷмуъ хароҷотҳои беасоси барзиёди хоҷагии халқ ба вуҷуд омаданд;

– *вуҷуд надоштани ҳисобҳои иқтисодии дақиқ.* Бисёре аз унсурҳои системаи нақлиётӣ (роҳҳо, воситаҳои нақлиёт, терминалҳо ва дигар объектҳо) дар шароити иқтисодиёти бозорӣ, ки дар он нархҳо барои хизматрасониҳо метавонанд вобаста ба талабот ва пешниҳод тағйир ёбанд, фаъолият намекунанд. Ба ҷои ин, фаъолияти онҳо дар доираи нархҳои муқарраршуда ё шароити иқтисоди танзимшуда сурат мегирад. Ин метавонад маънои онро дошта бошад, ки тарифҳо барои нақлиёти бор ва дигар хизматрасониҳои марбут ба нақлиёт на бо шароити бозорӣ, балки бо истифода аз омилҳои дигар, ба мисли танзимоти давлат, муқаррар карда мешаванд. Натиҷаи ин ғайриимкон гардидани арзёбии ҳам фоиданокии иқтисодии сохтмон ва нигоҳдории онҳо, ҳам фоиданокии нисбии маблағгузорӣ ба намудҳои гуногуни робитаҳои нақлиётӣ мебошад;

– *номутаносибии байнисоҳавии тавсифи дарозмудатдошта.* Вуҷуд надоштани нархҳои бозорӣ ба як қисми объектҳои системаи нақлиётию коммуникатсионӣ ва хизматароснии онҳо ба фаҳмиши нодурусти фоидаи шаклҳои гуногуни тиҷорат, на танҳо дар соҳаи нақлиёт, балки дигар хизматрасониҳои нақлиётии истифодашаванда мегардад, зеро хароҷотҳои зарурии банақшагирии хоҷагидорӣ ба ҳисоб гирифта намешаванд. Ин ҳам дар ҳолати танзими маъмурии тарифҳо ва ҳам ҳизматрасонии ройгон (чун ҳолати истифодабарии роҳҳои автомобилгард) ҷой дорад;

– *вуҷуд надоштани меъёрҳои фоиданокии рушди системаи нақлиётӣ* Аз ҳисоби вуҷуд надоштани нархҳои бозорӣ барои хизматрасонии роҳҳо, терминалҳо ва истифодаи фазои ҳаракат ба меъёрҳои фоиданокии иқтисодии сохтмони роҳҳои нави нақлиётӣ ва робитавӣ таъсиррасонӣ мушоҳида мешавад. Ин боиси ҳолате мегардад, ки рушди шабакаи нақлиётӣ ҳам барои як намуди нақлиёт ва ҳам барои системаи нақлиётӣ ва коммуникатсионӣ дар шакли ғайриоқилона пеш меравад,. Аз як тараф, захираҳо барои сохтмон ва нигоҳдории роҳҳо бидуни сарфакорӣ сарф шуда, аз ҷониби дигар, қисми зиёди қитъаҳои роҳ ҳанӯз рушд наёфта, ба

ихтиёри истеъмолгар боқӣ мемонанд. Ҷорӣ намудани меъёрҳои сунъӣ (зичии роҳ, мафҳуми шабакаи заминавӣ ва ғ.), наметавонад ин мушкилиро ҳал кунад, зеро афзалияти истеъмолгарро бо фаҳмиши умумии “коршиносони” соҳаи банақшагирии марказикунонидашуда иваз мекунад;

– *арзиши баланди хатогиҳо ҳангоми банақшагирӣ.* Дар иқтисоди бозорӣ вазифаи идораи марказонидашудаи рушди системаи наклиётию коммуникатсионӣ мазмун надорад. Новобаста ба ин, мисли солҳои қаблӣ кӯшиши банақшагирии марказонидашуда мушоҳида мегардад. Дар асл онҳо як намуди дурнамои саҳеҳро ифода мекунанд. Марказикунонии фаъолият оид ба рушди системаи нақлиётию коммуникатсионӣ дар маркази ягона чандин маротиба хавфи вобаста ба хатари ояндабиниро зиёд мекунад. Маъмулан, мақомоти давлатӣ, ки масъули лоиҳа мебошанд, на ҳамеша метавонанд зарари эҳтимолии ба иқтисодиёт воридшудаи лоиҳаро дуруст баҳо диҳанд, зеро ин зарарҳо одатан бевосита ба иқтисод таъсир мерасонанд ва имкониятҳои зарурӣ барои рушд одатан маҳдуданд. Аз ин рӯ, арзёбии чунин зарарҳо дар шароити набудани маълумоти дуруст ё омилҳои арзёбӣ, ки дуруст намояндагӣ намекунанд, ғайриимкон мегардад.

Бо дарназардошти андоза ва тавсифоти дарозмуддат доштани маблағгузорӣ ба системаи нақлиётию коммуникатсионӣ, ҳар гуна хатогии лоиҳакаш ба зарарҳои калон дар тамоми хоҷагии халқ оварда мерасонанд;

– *танзими нархӣ.* Танзими нархӣ (пеш аз ҳама дар соҳаи ба ном “инҳисори табиӣ” ифода меёбад), ки дар асоси принсипи маблағгузории моддаҳои “ҳимояшаванда”- и хароҷот (“хароҷот ҷамъи...”) таъмин мегардад, дар як маврид ба зиёдшавии беасоси нарх ва нигоҳдории рушди системаи нақлиётию комуникатисонӣ ва аз ҷониби дигар ба бесарусомонӣ дар истифодаи захираҳои иқтисодӣ оварда мерасонанд. Ин ҷараён асосан аз гузориши сиёсии мақомоти ҳокимияти иҷроия ва таъсири сахти гурӯҳҳои фишороваранда (лоббистӣ) ва таъсири коррупсионӣ вобаст

мебошад;

– *истифодабарии камсуди замин ва табиат, харочоти зиёди экологӣ.* Вуҷуд надоштан ё маҳдудияти ҷиддии моликияти хусусӣ дар минтақаи фазои ҳаракат ва ҷойгиркунии партовҳо (минтақаи замин, обанборҳо, минтақаҳои фазои ҳавоӣ ва рӯйизаминӣ) ва вуҷуд надоштани нархҳои мувофиқи бозорӣ ба ғайриимкон будани истифодаи судманди захираҳои табиӣ барои қобилияти гузаронандагии роҳ, ҳаракати воситаҳои нақлиёт ва ҷойгиркунии партовҳо оварда мерасонанд. Дар натиҷаи ин истифодаи табиат ғайримақсаднок гардида, ифлосшавии муҳити зист дар натиҷаи фаъолияти системаи нақлиётию коммуникатсионӣ зиёд мешавад;

– *банд будан ба иҷрои уҳдадориҳои тавсифи иҷтимоидошта.* Системаи амалкунандаи нақлиётию коммуникатсионӣ дар ҷомаеаи мо ҳамчун объекти оддии моликият, ё ҳамчун “объекти истифодаи умум” дониста мешавад, яъне хоҷагиест, ки дар назди шахси сеюм уҳдадориҳоро дорад. Қабул шудааст, ки ҳамаи шахсони воқъӣ ва ҳуқуқии маҳаллӣ на фақат моликони расмӣ ҳастанд, балки нисбати системаи нақлиётию коммуникатсионӣ ва қисмҳои алоҳидаи он ҳуқуқҳои муайян доранд. Пеш аз ҳама ин ҳуқуқи ройгон ва бо имтиёз гузаштан, инчунин ҳуқуқи истифодаи ройгон ё қисман ройгони объектҳои гуногун – роҳҳо, пулҳо, иншооти гидротехникӣ ва ғ. мебошад. Новобаста аз он ки ин уҳдадориҳо ба фоиданокии иқтисодӣ зарар мерасонанд, онҳо аз ҷиҳати ахлоқӣ дар ҷомеа қабул мешаванд, зеро системаи нақлиётӣ ва коммуникатсионӣ асосан аз давраи Иттиҳоди Шуравӣ ба мерос монда, бо кӯшиши муштараки ҳамаи мардум сохта шудааст. Аз ин рӯ, эҳтиром ба он ва нигоҳ доштани уҳдадориҳои иҷтимоии ба он марбут эҳсос мешавад, гарчанде ки ин метавонад боиси камбудиҳои иқтисодӣ шавад.

– *вобастагии куллии системаи нақлиётию коммуникатсионӣ аз маблағгузории буҷети давлатӣ.* Мавҷудияти ҳаҷми зиёди уҳдадориҳои ба дӯши системаи нақлиётӣ коммуникатсионӣ боршуда ба зарурати ҷуброн аз

системаи буҷетӣ ва маблағгузории буҷетии инвеститсия оварда мерасонанд. Дар мавриди вуҷуд надоштани моликияти хусусӣ ва нархҳои бозорӣ ҳаҷми захираҳои ба қишри муайяни системаи нақлиётию коммуникатсионӣ равонашуда тавассути ҷараёни сиёсӣ муайян карда мешаванд. Аз ин сабаб, дар доираи системаи нақлиётию коммуникатсионӣ механизми хеле маъмули аз андозсупорандагон ба даст овардани воситаҳо ва ба дасти соҳибкорони афзалиятнок, хизматчиёни давлатӣ ва сиёсатмадорон гузаронидани онҳо истифода бурда мешавад. Меъёри некуаҳволии корхона ва роҳбарони он на танҳо фаъолияти судманди хоҷагидории онҳо, балки имконияти ба даст овардани захираҳои иловагӣ аз буҷети тамоми сатҳҳо тавассути лоббикунонӣ, истифодаи алоқаҳо ва коррупсия мебошанд.

– *вуҷуд надошатани ба расмияти шаҳрвандию ҳуқуқӣ даровардани уҳдадориҳо.* Уҳдадориҳое, ки дар боло ёдовар шуданд, на дар чорчӯбаи муносибатҳои шаҳрвандию ҳуқуқӣ санадгузорӣ карда шудаанд, балки дар шакли танзими маъмурӣ (танзими нархӣ, танзими зиддиинҳисорӣ ва ғ.) ба расмият дароварда шудаанд. Дар натиҷа ҳамаи иқтидорҳои нақлиётии бунёдгардида ба тарзи автоматӣ таҳти фишори уҳдадориҳо, ки ба объектҳои куҳна (пешина) тааллуқ доштанд, ба мерос аз давраи Иттиҳоди Шуравӣ гузаштанд. Дар натиҷа ҳамаи ангезаҳои ҳавасмандкунии маблағгузорӣ ба объектҳои нави системаи нақлиётӣ коммуникатсионӣ пахш карда мешаванд.

– *паст шудани сатҳи бехатарӣ дар нақлиёт.* Системаи таъмини давлатии бехатарӣ дар нақлиёт аксаран тавассути иҷозатномадиҳӣ ва сертификатсия ба роҳ монда мешавад, ки ангезаи кифоя барои таъмини бехатарӣ надоранд ва ба коррупсия мусоидат мекунанд. Ҳамзамон, онҳо пешрафти илмӣ-техникиро боз дошта, ба консерватсияи усулҳо ва теҳнологияҳои куҳнаи истифодашаванда оварда мерасонанд. Дар шароити суръати пасти навсозӣ доштани воситаҳои истеҳсолӣ сатҳи бехатарӣ дар

нақлиёт паст мешавад.

– *сарбории зиёди мақомоти давлатӣ ва маҳаллии идора ва танзими нақлиёт аз ҳисоби вазифаҳои ба он хос набуда.* Дар шароити имрӯза мақоми давлатӣ ва маҳаллии идора ва танзими соҳаи нақлиёт тағйир ёфтааст. Айни замон, ба ғайр аз иҷрои вазифаҳои асосии танзимгарӣ (яъне назорати иҷрои қонунҳо ва қоидаҳо дар соҳаи нақлиёт) ба онҳо вазифаҳои дигар низ вогузор карда шудааст. Бинобар ин, таваҷҷуҳи асосӣ ба фарохгардонии қудратҳои мақомоти давлатӣ дар соҳаи нақлиёт равона карда шуда, имкон медиҳад на танҳо танзим, балки назорат ва идораи манобеъро низ бо самаранокӣ анҷом диҳанд. Ҳамаи ин ба пастшавии фоиданокии кори дастгоҳи идораи давлатӣ ва маҳаллӣ аз ҳисоби хароҷотҳои барзиёди буҷетӣ боис гардида, ҳамзамон ба пайдошавии ҳолатҳои коррупсионӣ мусоидат менамоянд.

– *набудани ягонагӣ дар танзими давлатии нақлиёт.* Системаи давлатии танзими нақлиётию коммуникатсионӣ дар сатҳи ҷумҳурияӣ миёни якчанд вазорату идораҳои давлатӣ (Вазорати нақлиёт, Вазорати корҳои дохилӣ, Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Тоҷикистон, Хадамоти гумрук, Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт) тақсим карда шудааст. Дар ҳар як зерсоҳаи нақлиёт қонунҳои махсус ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии алоҳида ба тасвиб расидаанд, ки аксаран бо якдигар мувофиқа нашудаанд. Вуҷуд надоштани ягонагӣ дар танзими давлатии нақлиёт яке аз монеаҳои калон дар роҳи сохтани системаи ягонаи нақлиётии кишвар мебошад. Дар оянда нигоҳ доштани сатҳи баланди давлатигардонии соҳаи нақлиёт ва дахолати номувофиқи давлат таҳдиди ҷиддиро ба системаи нақлиётию коммуникатсионии кишвар, бахусус дар мавриди вуҷуд надоштани ангезаҳо барои маблағгузории хусусӣ ва вуҷуд надоштани меъёрҳои фоиданокии иқтисодии соҳа пеш меорад. Ин гуна таҳдид дар мавриди набудани муқобилият ба он метавонад ба буҳронҳои дарозмуддати нақлиётӣ боис гардад, ки осори сахти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва

геосиёсиро барои ҷумҳурӣ дорад.

Таҷрибаи хоҷагидории ҷаҳонии боваринок нишон медиҳад, ки усули ягонаи ба даст овардани ҳадафи системаи нақлиётию коммуникатсионии кишвар бунёд ва ҷорӣ намудани қоидаи фаъолияти хоҷагидорӣ дар асоси омилҳои зерин мебошад:

– озодона бастан ва бекор кардани шартномаҳо;

– таъминоти босуботи давлатии таъмини ҳуқуқи моликият, иҷрои уҳдадориҳои шартномавӣ ва талаботҳои камтарини бехатарӣ барои ҳаёт ва саломатии инсон;

– пурра ихроҷ намудани шаклҳои дигари дахолати давлат ба фаъолияти хоҷагидорӣ.

– Дар мувофиқа бо меъёри муваффақияти стратегияи рушди системаи нақлиётию коммуникатсионӣ дар ҳолати мақасаднокӣ вазъияте мебошад, ки дар он:

– ҳар гуна шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки имкониятҳои зарурӣ ва қобилияти таъмини меъёрҳои ба таври қонунӣ таъиншудаи бехатариро доранд, ҳуқуқи озодона соҳиб буданро ба ҳар гуна объектҳои хизматрасониҳои нақлиётӣ – воситаҳои нақлиёт, терминал, роҳ, минтақаи фазои ҳаракат, минтақаи муҳити табиӣ барои ҷойгиркунии партовҳо, объекти инфрасохтори ташкили ҳаракат, истеҳсолоти иловагӣ ва таъминотӣ доранд ва озодона ҳар гуна хизматрасониҳои нақлиётиро ба роҳ мемонанд;

– шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки ба хизматрасонии нақлиётӣ ва баҳрабардории объектҳои муайян (воситаҳои нақлиёт, терминалҳо, роҳҳо, минтақаи фазо барои ҳаракат ва ҷойгиркунии партовҳо, инфрасохтори ташкили ҳаракат, истеҳсолоти ёрирасон ва таъминкунанда) ҳуқуқ доранд, инчунин истеъмолкунандагон метавонанд ҳаргуна шартномаҳоро барои интиқоли маҳсулот, хизматрасонӣ, истифодаи мутақобилаи имкониятҳои истеҳсолии якдигар ба имзо расонида, ҳамаи шароитҳои он аз ҷумла

нархҳоро муайян кунанд. Аз ин сабаб:

– истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон барои иҷрои уҳдадориҳои шартномавӣ масъулияти пурра доранд;

– ягон уҳдадориҳои берун аз шартномаи иштирокчиёни муносибатҳои хоҷагидорӣ вуҷуд надорад;

– ягон гуна танзими зиддиинҳисорӣ вуҷуд надорад. Махсусан, дар ҳамгироии амудӣ ва уфуқӣ, якҷоякунии намудҳои гуногуни фаъолият, набудани танзими нарх ба ҳама намуди хизматрасонӣ ва ғ.;

– мавҷуд набудани кумакпулиҳо, имтиёзҳо, уҳдадориҳои иҷтимоии истеҳсолкунандагон ва ғ., ба истиснои пардохтҳои бевоситаи пулӣ аз буҷа ба истеъмолкунандагони кумакгиранда;

– мавҷуд набудани иҷозатномадиҳӣ, яъне додани иҷозати пешакӣ барои пешбурди фаъолият. Ин ҳолат системаи чандирии таъмини сатҳи камтарини бехатариро иваз намуда, воситаҳои зеринро дар бар мегиранд:

* мониторинги мунтазами вазъияти техникии объектҳои воситаҳои нақлиёт мувофиқ ба стандарти қонунан муқарраршудаи бехатарӣ;

*суғуртаи ҳатмӣ ва ихтиёрӣ, аз ҷумлу суғуртаи масъулият;

*ихтиёран паҳн намудани маълумотҳо.

Вазъияти расидан ба ҳадаф, дар қиёс бо ҳолати мавҷуда, дорои хусусиятҳои хоси зерин мебошад:

1. Тамоми захираҳое, ки дар расонидани хизматрасониҳои нақлиётӣ истифода мешаванд, метавонанд ҳамчун мавод барои харид ва фурӯш қарор гирифта, дар асоси нархҳои бозорӣ манбаи даромад шаванд. Ин ҳолат имконият медиҳад, ки захираҳо дар соҳаи фаъолияти нақлиётию коммуникатсионӣ бо фоиданокии баланд истифода шаванд.

2. Шабакаи нақлиётӣ метавонад ба таври динамикӣ рушд намояд. Бо мурури замон, бо дарназардошти тағйиротҳои иҷтимоӣ-иқтисодии воридшавии Тоҷикистон ба бозори ҷаҳонӣ, талаботҳои геосиёсӣ ва ғ. конфигуратсияи фоиданоктари шабакаи роҳҳо сохта мешаванд.

Мушкилоти исрофи захираҳо дар бештари лоиҳаҳо аз байн мераванд.

3. Ҳаққи ҳамаи хизматрасониҳо, аз ҷумла, истифодаи объектҳои ройгони инфрасохтор, аз ҳисоби истеъмолгарон пардохт карда мешавад. Ин дар ҳамон маврид метавонад ҷой дошта бошад, ки давлат ва мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ба истеъмолгарон барои зарурати ҷамъиятӣ хизматрасониҳоро пешниҳод намоянд. Дар шароити босуръати пешрафти техникӣ, хизматрасониҳои нақлиётии пулакӣ барои истеъмолкунандагон нороҳатӣ ба вуҷуд намеоранд. Маблағгузории объектҳои нақлиётӣ аз ҳисоби андозҳои ҳадафнок ба роҳ монда мешаванд.

4. Пешрафти илмӣ-техникӣ дар соҳа бо суръати бештар аз ҳисоби ангезаҳо ба фаъолияти инноватсионӣ, инчунин аз ҳисоби таъмини ягонагии танзими давлатӣ муяссар мегардад. Махсусан, технологияи ҳамлу нақли мултимодалӣ, иттилоотикунонии соҳа ва дигар технологияҳои пешқадам бо суръати баланд истифода бурда мешаванд.

5. Ҳаҷми инвеститсияҳо дар системаи нақлиётӣ зиёд мегардад. Аз ин ҳисоб раванди фарсудашавии фондҳои асосӣ то андозае бетасир мемонад, зеро ҷойи онҳоро ҷараёни рушди динамикӣ ва навсозии воситаҳои истеҳсолӣ мегиранд.

6. Дар маҷмуъ, ҳаҷми умумии хароҷотҳои иқтисодӣ кам мешавад, ки дар натиҷа арзиши хизматрасонӣ барои истеъмолкунандагон коҳиш дода мешавад.

Ба даст овардани ҳолати хуби ҳадафнокии рушди динамикии системаи нақлиётӣ-коммуникатсонии кишвар ба қобилияти пурра таъмин намудани талаботи истеъмолкунандагон тавассути нархҳои дастрас, сатҳи қобили қабули сифати хизматрасонӣ ва таъмини устувории геосиёсии кишвар мусоидат мекунад.

3.2. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ – омили рушди долонҳои нақлиёти автомобилӣ

Рушди долонҳои нақлиётӣ дар Тоҷикистон метавонад ба эҳё ва тақвияти нақши кишвар дар маршрутҳои таърихии "Роҳи абрешим" кумак кунад. Роҳи абрешим, ки дар гузашта як роҳи муҳимми тиҷоратӣ ва фарҳангӣ буд, ҳоло бо таҳкими инфрасохтор ва роҳҳои нақлиётӣ дар Тоҷикистон метавонад ҳамчун як нуқтаи стратегӣ барои беҳтар кардани робитаҳои тиҷоратӣ ва транзитӣ миёни Осиёи Марказӣ ва дигар минтақаҳо, ки дар таърих робитаҳои ҳамкории зиёд доштанд, баромад кунад. Гузариши транзитӣ тавассути роҳҳои автомобилгарди Тоҷикистон аксаран миёни Ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ, махсусан, Афғонистон, Покистон, Чин ва Россия амалӣ карда мешавад.

Дар як қатор роҳҳои автомобилгард, бахусус дар нуқтаҳои калони аҳолинишин шиддатнокии ҳаракат хеле баланд аст. Воситаҳои нақлиёте, ки дар онҳо ҳаракат мекунанд, ба муҳити атроф таъсири манфӣ мерасонанд. Дар натиҷаи паст шудани суръати ҳаракат аз ҳисоби тамбашавии ҳаракат дар роҳ, ҳаҷми партовҳои газӣ зиёд мешавад ва барои ба низом давровардани чунин вазъият бояд имконияти таъмини ҳаракат бо суръати муносиб вуҷуд дошта бошад. Аммо барои бештари роҳҳои автомобилгард, ки ҳолати техникии хуб надоранд ин чиз имконнопазир аст.

Хусусан, таъсири манфӣ ба муҳити атроф дар ҳудуди нуқтаҳои аҳолинишин ва чорроҳҳои дар як сатҳ ҷойгирбуда аз ҳисоби автомобилҳои дар канори роҳ таваққуфнамуда, пиёдагардиҳои бетартиб ва ғайра боиси паст шудани суръати ҳаракат гардида, ба афзоиши газҳои ихроҷшаванда ва ба вуҷуд омадани садамаҳои нақлиётӣ оварда мерасонад.

Ҳалли ин масъалаҳои мансуб ба инфрасохтори долонҳои нақлиёти автомобилӣ сафарбар намудани маблағҳои калонро барои роҳҳои

автомобилгард тақозо намуда, зарурати ҷалби маблағҳои бахши хусусӣ ба ин соҳа аз онҳо сарчашма мегирад. Зарурати муайян кардани асосҳои ташаккули сиёсати давлатии соҳаи роҳҳои автомобилгард, нигоҳдорӣ ва дигаргунсозии шабакаҳои роҳҳои долонҳои нақлиёти автомобилӣ ва муайян кардани афзалиятҳои рушди он таҳияи заминаи устувори маблағгузорӣ ва ҳуқуқиро тақозо менамояд.

Барои расидан ба ин ҳадафҳо зарур аст, ки масъалаҳои зерин ҳаллу фасл карда шаванд:

- таъмини маблағгузории лоиҳаҳо ва чорабиниҳо, ки ба беҳтар кардани ҳолати техникӣ ва истифодаи роҳҳои автомобилгард равона шудаанд;
- нигоҳдории мунтазам ва тавсеаи шабакаҳои мавҷудаи роҳҳои автомобилгард, баланд бардоштани сифати онҳо ва мутобиқсозӣ бо стандартҳои муосири техникӣ, махсусан дар роҳҳои асосии транзитии долонҳои нақлиётӣ;
- фароҳам овардани муҳити мувофиқ ва амният барои интиқоли бор ва мусофирон аз ҷониби ширкатҳои дохилӣ ва хориҷӣ дар роҳҳои автомобилгарди Тоҷикистон;
- фаъол гардонидани рушди роҳҳои асосии транзитии мавҷуда, ҳамчунин ташаккули роҳҳои алтернативии транзитӣ тавассути Ҷумҳурии Тоҷикистон ба бозорҳои ҷаҳонӣ;
- сафарбар намудани соҳибкорони ватанӣ ва хориҷӣ барои тақвияти рушди инфрасохтори нақлиётӣ дар самтҳои транзитӣ;
- таҳия ва ташаккули заминаҳои ҳуқуқӣ барои роҳҳои автомобилгарди хусусӣ ва пулакӣ;
- такмил додани заминаҳои меъёрию ҳуқуқии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ.

Ташаккул ва рушди системаи долонҳои нақлиёти байналмилалии автомобилӣ (ҷадвали 3.3) дар доираи ҳамкориҳои байналмилалии

давлатҳо дар самти робитаҳои нақлиётӣ амалӣ карда мешаванд. Вобаста ба ин мақомоти идораи миллӣ бояд таҳия ва татбиқи кори қисмати долонҳои байналмилалии аз кишвар гузарандаро якҷоя бо кишварҳои дигари иштирокчии долон таъмин намояд. Ҳалли ин масъалаҳо таҳия ва татбиқи системаи чораҳои мувофиқакунонидашударо барои кори долонҳо дар якҷоягӣ бо дигар иштирокчиёни долон нисбати мустаҳкам кардани пойгоҳи моддӣ-техникии нақлиёт ва таъмини фаъолияти онҳо дар заминаи принсипҳои логистикӣ тақозо менамояд. Инчунин системаи тадбирҳо бояд имкониятҳои давлат ва мақомоти алоҳидаи он, ташаббусҳои субъектҳои тиҷоратии бозори нақлиётӣ, истифодаи самаранок ва пурраи захираҳо, неруҳои истеҳсолӣ ва зеҳнӣ, имкониятҳои инфрасохтори мавҷудаи нақлиётӣ, инчунин мавқеи ҷуғрофии кишвар ва минтақаҳои алоҳидаро ба инобат гирад.

Ҷадвали 3.3. – Системаи долонҳои байналмилалии нақлиёти автомобилӣ

Дар доираи Созмони иқтисодии Авру Осиё:

1. Хаваст (сарҳ. Ӯзбекистон) – Хуҷанд – Душанбе – Панҷи Поён - сарҳ.Афғанистон.
2. Ош - Сари Тош - Карамик (сарҳ. Қирғизстон) – Ҷиргитол – Ғарм – Ваҳдат – Душанбе – Турсунзода – Сари Осиё (сарҳ. Ӯзбекистон).
3. Карасу (сарҳ.Чин) – ағбаи Кулма – Мурғоб – Хоруғ – Кӯлоб – Ваҳдат–Душанбе - Сари Осиё (сарҳ.Ӯзбекистон).
4. Ош – Сари Тош – Карамик (сарҳ. Кирғизстан) – Мурғоб – Хоруғ – Кӯлоб – Панҷи Поён – сарҳ. Афғонистон.

Дар доираи Шоҳроҳҳои автомобилгарди Осиё:

1. АН 7: Хаваст (сарҳ. Ӯзбекистон) – Хуҷанд – Душанбе – Бохтар – Панҷи Поён - сарҳ.Афғонистон.
2. АН 65: Иркештам - Сари Тош-Карамик (сарҳ.Киргизстон) – Душанбе - Турсунзода - Узун (сарҳ. Ӯзбекистон).
3. АН 66: сарҳ.Чин - ағбаи Кулма - Мурғоб - Хоруғ - Кӯлоб - Ваҳдат – Душанбе - Турсунзода - Узун (сарҳ.Ӯзбекистон) - Тирмиз.

Дар доираи созишномаи Аврупоӣ оид ба шоҳроҳҳои автомобилгарди байналмилалӣ:

1.Е60: Тирмиз (сарҳ.Ӯзбекистон) – Душанбе – Ваҳдат – Ҷиргатол – Карамик - (сарҳ.Киргизстон) – Сари Тош – Иркештам- сарҳ. Чин.

Дар доираи TPACEKA:

1. Тирмиз (Т-23. сарҳ.Ӯзбекистон) – Турсунзода – Душанбе - Ваҳдат (Т-23)-Ҷиргатол (Т-24) – Карамик – (сарҳ.Қирғизстон) – Сари Тош (Т-25) – Ош.
2. Тирмиз (Т-23, сарҳ. Ӯзбекистон) – Турсунзода – Душанбе –Ваҳдат (Т-23)-Кӯлоб - Қалаихум (Т-34)-Хоруғ - Мурғоб (Т-34) – ағбаи Кулма –сарҳ. Чин.

Идомаи ҷадвали 1.3

3. Хаваст (сарҳ. Ӯзбекистон) – Хуҷанд – Душанбе – Бохтар – Панҷи Поён – сарҳ. Афғонистон.
4. Шерхон Бандар (сарҳ. Афғонистон) – Панҷи Поён – Душанбе – Ваҳдат - Ҷиргатол-Карамик - (сарҳ. Қирғизстон).
5. Ош - Сари Тош - Карамик (сарҳ. Қирғизстон) – Ваҳдат – Душанбе – Турсунзода- сарҳ. Ӯзбекистон.
6. Хаваст (сарҳ. Ӯзбекистон) – Хуҷанд – Конибодом – Андиҷон –Ош – Иркештам – Каши – сарҳ.Чин

Сарчашма: Бобоев О. Модернизация транспортно-коммкникационной модели Республики Таджикистан. –Душанбе, Изд-во Нодир, 2012. – 317 с. – С.72-73.

Ташаккул ва рушди системаи долонҳои байналмилалии нақлиёти автомобилӣ (ҷадвали 3.3) қисми таркибии тадбирҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати беҳтар намудани вазъи бозори миллӣ ва ҷаҳонии хизматрасониҳои нақлиётиро дар бар мегиранд, ки дар натиҷаи онҳо афзоиши ҳаҷми боркашонӣ ва мусофирбарӣ дар кишвар ба вуҷуд меояд.

Бояд гуфт, ки долонҳои нақлиётии дар боло овардашуда аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мегузаранд. Бо мақсади мусоидат намудан ба рушди иқтисодии худ Тоҷикистон бо 17 кишвари минтақа ва ҷаҳон созишномаи ҳамлунақли байналмилалии автомобилӣ ва роҳи оҳанро ба имзо расонидааст, ки барои таҳияи хатсайрҳои байналмилалии боркашонӣ ва мусофирбарӣ замина гардидаанд.

Ҷадвали 3.4. – Созишномаҳои байниҳукуматии дуҷониба бо кишварҳои ҳамсоя ва транзиткунанда дар соҳаи нақлиёти автомобилии байналмилалӣ

Кишваи ҳамсоя	Номи созишнома	Тарихи қабул
1.Афғонистон	1.Оид ба ҳамлу нақл, транзити бор ва мусофирон 2.Оид ба сохтмони роҳи оҳани масири асосии Ҷ.Балхӣ-Панҷи Поён – Шерхонбандар	Қарори ҲҶТ аз 01.09.2005, №331 Имзо аз30.12.2019
2.Қирғизистон	1. Оид ба интиқоли транзитии молҳо тавассути нақлиёти автомобилӣ 2.Оид ба ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ 3.Дар бораи сохтмони ду пул ва қитъаи роҳи автомобилгард	Қарори ҲҶТаз 12. 12. 2005, №463 Қарори ҲҶТ аз 12.11.2013, №489 Имзо аз 30.03 2014, ш.Душанбе
3.Ӯзбекистон	1.Оид ба алоқаи байналмилалии автомобилӣ 2.Ҳамлу нақли транзитии борҳои хатарнок тавассути ҳудуди Ҷумҳурии Ӯзбекистон	Қарори МНМО ҶТ, №1089, аз25.05.2018 Қарори МНМО ҶТ ,№537 аз27.10.2021

Идомаи ҷадвали 3.4

4.Ҷумҳурии Халқии Хитой	1.Ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ 2.Оид ба гузаргоҳои сарҳадӣ ва реҷаи кории онҳо	Қарори МНМО ҶТ №1215 аз14.01.2009 Қарори ҲҶТ, №56, аз24.12.2012
Кишвари транзит кунанда	**Номи созишнома**	**Тарихи қабул**
Қазоқистон	1.Оид ба ҳамлу нақли байналмилалӣ	Қарори МНМО ҶТ, №388 аз08.11.2006
Покистон	1.Оид ба ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ 2.Оид ба тиҷорати транзитӣ	Қарори МНМО ҶТ, №593 аз15.12.2021 Қарори МНМО ҶТ, №1005 аз10.05.2023
Руссия	1.Оид ба ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ	Қарори ҲҶТ,№484 аз03.11.2000
Туркманистон	1.Ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ	Қарори МНМО ҶТ №1005 аз20.06.2008
Туркия	1.Ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ	Қарори ҲҶТ №386 аз 03.09.1996
Эрон	1.Ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ	Қарори ҲҶТ, №152 аз 04.04.1997

Сарчашма: Маълумотҳои Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022.

Таҳлили созишномаҳои дуҷонибаи дар ҷадвали 3.4 овардашуда нишон медиҳанд, ки самтгирии онҳо таъмини рушди ҳам бахши давлатӣ ва ҳам бахши ғайридавлатии нақлиёт ва маҳдуд намудани инҳисоршавиро дар ин соҳа ба сифати афзалияти таъмини бехатарии фаъолияти нақлиётӣ, роҳ надодан ба табъиз ва таъмин намудани шароити баробар барои ҳамаи субъектҳо дар мавриди амалӣ сохтани фаъолияти нақлиётӣ дар бар мегирад.

Таҳлили ҷадвали 3.5 нишон медиҳад, ки танҳо Қазоқистон ва Россия дар қонунгузории худ ҳамлу нақли автомобилиро ҳамчун бахши бозорӣ (яъне дар асоси рақобат ва нархгузории озод) танзим мекунанд. Ин давлатҳо барои рушди бахши хусусӣ дар соҳаи нақлиёт ва ҷалби сармоягузорони хориҷӣ шароити ҳуқуқии мувофиқ фароҳам овардаанд.

Реҷаи гуногуни ҳуқуқии дуҷонибаи миёни кишварҳои ҳамсоя ва кишварҳои транзиткунанда дар асоси созишномаҳои дуҷониба дар бораи ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ, новобаста аз тавсифи

дуҷонибагии худ ба манфиати дигар кишварҳо метавонад таъсири манфӣ дошта бошад. Аз ин сабаб, таъсис додани фазои ягонаи нақлиётии минтақа метавонад тафриқанок бошад.

Ҷадвали 3.5 – Истифодаи рухсатномаҳои ҳамлу нақли байналмилалӣ

Нишондиҳандаҳо	2021-Ҳамагӣ квота	2021-Истифода нашуда	%	2023-Ҳамагӣ квота	2023-Истифода нашуда	%
1.Квотаи боркашонӣ ба кишварҳои хориҷӣ тавассути нақлиёти ватанӣ:						
- ба хориҷи дур	9710	5096	52,5	18917	10072	53,2
- давлатҳои ИДМ	32300	5959	18,4	45650	33705	73,8
2.Квотаи боркашонӣ ба самти Тоҷикистон ба нақлиёти кишварҳои хориҷӣ:						
- хориҷи дур	12510	9364	74,8	19350	12142	62,7
- давлатҳои ИДМ	26200	13340	50,9	43350	27616	63,7

Сарчашма: Маълумотҳои Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2024.

Амали созишномаҳои дуҷониба ба реҷаи мусоидати бештар мухолифат дорад ва ба воридоти судманди интиқолдиҳандагон ба бозори минтақавӣ монеа эҷод намуда, рақобатро номукамал месозад.

Тавре аз маълумотҳои ҷадвали 3.5 бармеояд, теъдоди рухсатномаҳои мубодилагардида ҳам ба воситаҳои нақлиёти автомобилии ватанӣ ва ҳам барои воситаҳои нақлиёти автомобилии кишварҳои хориҷӣ оид ба ҳамлу нақл аз кишварҳои хориҷи дур ва кишварҳои узви ИДМ, дар солҳои 2021-2023 аз 18,4 то ба 74,8 % истифода нагардидаанд.

Яке аз ҷузъҳои манфии созишномаҳои дуҷонибаи амалкунанда дар самти ҳамлу нақли байналмилалӣ ҳиссаҷудокунӣ (квотакунонӣ) мебошад (ҷадвали 3.5).

Умуман, амали квотакунонӣ (дар мувофиқа бо ҳамдигар маҳдуд намудани ҳаҷми ҳамлу нақли борҳо) яке аз падидаҳои манфӣ дар созишномаҳои дуҷонибаи ҳамлу нақли байналмилалӣ ба ҳисоб меравад, чунки квотакунонӣ як навъ монеа дар роҳи савдои озоди мутобиқ ба

талаботи Созмони умуҷаҳонии савдо (СУС) мебошад ва аз ин сабаб он дар доираи таъсис додани фазои ягонаи нақлиётии минтақа бояд аз байн бурда шавад. Додани рухсатнома барои иҷрои ҳамлу нақли транзитӣ тавассути ҳудуди кишварҳои ҳамсоя ба талаботи моддаи 5-и Созишномаи генералӣ нисбати тарифҳо ва савдо (ГАТТ-94) “Озодии транзит” - меъёри заминавии СУС мувофиқат намекунанд. Иҷрои ин талаботи моддаи 5 бекор кардани ҳар гуна тадбирҳои душвор намудани гузариши транзитиро тақозо менамояд.

Бояд ба инобат гирифт, ки системаи квотакунонӣ, ки дар созишномаҳои дуҷониба ҷой дорад, бо як қатор ҳуҷҷатҳои Созмони иқтисодии Авруосиё ва Созмони кишварҳои мустақил, аз қабили Созишнома дар бораи таъсиси минтақаҳои озоди савдо аз 15 апрели 1994 ва протоколи он аз 2 апрели соли1999, инчунин Созишнома дар бораи принсипҳои ташаккули фазои ягонаи нақлиётӣ ва шарти алоқаҳои мутақобилаи кишварҳо дар доираи сиёсати нақлиётӣ аз 9 октябри соли 1997 мухолифат мекунад.

Ҳамзамон, тартиби додани квота-иҷозатнома одатан ба қонунвайронкунии маъмурӣ мувоҷеҳ месозад, ки онро монеаи маъмурӣ меноманд.

Ҳалли чунин мушкилот метавонад тавассути Созишномаҳои бисёрҷонибаи кишварҳои ҳамсоя дар бораи ҳамлу нақли байналмилалии нақлиёти автомобилӣ таъмин карда шуда, реҷаи ягонаи ҳамлу нақли бору мусофиронро дар фазои ягонаи кишварҳои ҳамсояи Тоҷикистон аз рӯи принсипи мусоидати беҳтарин ба роҳ монад ва дастрасии интиқолдиҳандагонро ба пойгоҳҳои молӣ дар асоси принсипи шаффофият ва рақобати боадолатона муҳаё созад.

Зикр кардан бамаврид аст, ки бояд дар дораи принсипи калидии дар доираи кишварҳои ҳамсоя таъсис додани реҷаи ягонаи ҳамлу нақли бор ва

мусофирон миёни кишварҳои минтақа принсипҳои кушодагӣ, махфӣ набудан ва бетаъбизӣ ҷорӣ карда шавад.

Вобаста аз ин ба сифати самтҳои афзалиятнок ҳолатҳои зерин тавсия мешаванд:

– пурра аз байн бурдани системаи иҷозатдиҳӣ барои ҳамлу нақли бор ва мусофирон миёни кишварҳои ҳамсоя ва таъмини озодии гузариши транзитӣ;

– якхела намудани реҷаи ҳамлу нақли бор ва мусофирон миёни кишварҳои ҳамсоя ва кишварҳои сеюм;

– фарох гардонидани дастрасӣ ба бозори хизматрасониҳои нақлиётӣ, ки тавассути иштироки тиҷоратӣ ба амал меоянд;

– ҳамоҳангсозии системаҳои амалкунандаи литсензиякунонӣ;

– қабули раванди ягона нисбати рушди рақобати солим ва пешгирӣ намудан аз рақобати носолим;

– уҳдадор гардидан дар самти эътирофи сертификатҳо, дипломҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои ронандагон, воситаҳои нақлиёт ва менеҷерони ширкатҳои нақлиётӣ;

Ин тадбирҳо (чорабиниҳо), ки қаблан зикр шуданд, ба амалисозии як қатор натиҷаҳои мусбӣ дар бахши нақлиёт мусоидат мекунанд:

✓ фоидаоварии соҳаи нақлиёт зиёд мешавад, хизматрасонӣ ба мардум ва боркашон беҳтар мегардад ва рақобат миёни ширкатҳо афзоиш меёбад;

✓ сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ (инвеститсияҳо), хусусан аз кишварҳое, ки дар долонҳои байналмилалии нақлиётӣ иштирок доранд, бештар мешаванд;

✓ шумораи ҷойҳои корӣ дар соҳаи нақлиёт зиёд мешавад;

✓ хизматрасониҳои марбут ба ҳамлу нақл ва дигар хизматрасониҳои иловагии нақлиётӣ низ рушд меёбанд.

Ҳамзамон, интиқолдиҳандагони кишварҳои ҳамсоя метавонанд бозорҳои байналмилалии ҳамлу нақли бор ва мусофирони дигар кишварҳоро фаъолона аз худ намуда, даромади иловагӣ ба даст биёранд, ки ин барои афзоиши андоз ба буҷаи кишвар мусоидат мекунад.

Бо мақсади таҳияи реҷаи ягонаи ҳамлу нақли бор ва мусофирон миёни кишварҳои ҳамсоя ҳали вазифаҳои асосии зерин бояд таъмин карда шаванд:

- озод намудани даромад ба бозори хизматрасони нақлиётӣ ва рафъи монеаҳо дар роҳи ҳамлу нақли байналмилалии бор ва мусофирон;
- мутобиқсозии қонунҳо ва меъёрҳои ҳуқуқии байни кишварҳо барои таъмини ҳамлу нақли байналмилалии бору мусофирон;
- барҳам додани рақобати носолим ба он ишора мекунад, ки бояд монеаҳое, ки боиси нобаробарӣ ё ноодилонагӣ дар байни ширкатҳои нақлиётӣ мешаванд, аз байн бурда шаванд. Масалан, агар як ширкат имтиёзҳои зиёд дошта бошад ва дигарон не – ин рақобати носолим мешавад;
- такмили системаи ташкилӣ ва равандҳои технологӣ бо дарназардошти рушди афзалиятноки ҳамлу нақл дар долонҳои байналмилалии нақлиётӣ.

Самтҳои асосии стратегии рушди системаи нақлиётии кишварҳои ҳамсоя дар оянда аз инҳо иборат аст:

1) дар қисмати рушд ва такмили инфрасохтори долонҳои байналмилалии нақлиёти автомобилӣ:

- дар сатҳи байнидавлатӣ мувофиқа намудани барномаҳом рушди миллии робитаҳои нақлиётӣ ва дар оянда таҳия намудани барномаи ягонаи мувофиқ;
- марҳила ба марҳила аз байн бурдани камбудиҳо ва дигар норасогиҳо дар инфрасохтори долонҳои нақлиёти автомобилии кишварҳои ҳамсоя;

– навкунии объектҳои инфрасохторӣ ва ба мувофиқати пурра овардани онҳо ба талаботҳои Созишномаи аврупоӣ дар бораи шоҳроҳҳои автомобилгард аз соли 1975 ва Созишномаи байниҳукуматӣ дар бораи шоҳроҳи осиёгии нақлиётӣ аз 2000;

– таъмини фазои ягонаи нақлиётӣ миёни кишварҳои ҳамсоя тавассути созмон додани долонҳои байналмилалии нақлиёти автомобилӣ ва ҷиҳозонидани ин долонҳо бо объектҳои инфрасохторӣ.

Дарозии умуми хатсайрҳои байналмилалии аз ҳудуди Тоҷикистон гузаранда 3457,1 километрро ташкил медиҳанд. Бо дарназардошти он ки мушкилоти ташаккули системаи давлатии бехатарии нақлиёти автомобилӣ дар заминаи принсипҳои логистикии боркашонӣ барои кишвари мо нисбатан нав аст, ба тадқиқоти ин самти нақлиёт таваҷҷуҳи камтар зоҳир шудааст.

Ҳадафи асосии ташаккули системаи долонҳои нақлиёти автомобилӣ бо иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст овардани рентаи (даромади) нақлиётии зиёд аз системаи нақлиётии кишвар аз ҳисоби ҷалби транзити ҳамлу нақли бор ва мусофирон мебошад. Ҳамзамон, барои ноил шудан ба ҳадафи такмили инфрасохтори нақлиётӣ ва роҳҳо дар доираи долонҳои байналмилалии нақлиётӣ, ҷиҳати беҳтар гардидани робитаҳои нақлиётӣ дар дохили Тоҷикистон, пурра таъмин намудани аҳолӣ ва иқтисодиёт бо хизматрасонии нақлиётӣ мусоидат карда, рақобатпазирии истеҳсолкунандагони ватанӣ ва корхонаҳои нақлиётиро дар бозорҳои ҷаҳонӣ таъмин менамояд ва мутаҳаррикӣ ва дастрасии нисбатан беҳтари нақлиётиро барои аҳолии минтақаҳои кишвар таъмин менамояд.

Таҳияи системаи мақсадноки долонҳои байналмилалии нақлиётӣ ва таъмини рушди фаъолияти иштирокчиёни он дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд аз ҳисоби ҳалли масъалаҳои мушаххас амалӣ карда шавад, ки ба онҳо дохил мешаванд:

– тақвияти инфрасохтори нақлиётии дохилӣ ба тавре ки бо шабакаҳои

байналмилалии нақлиётӣ хуб пайваст ва ҳамоҳанг шавад;

– ташкили низоме барои ҳамкории самаранок байни намудҳои гуногуни нақлиёт (мусалан, роҳ, роҳи оҳан, ҳавоӣ) дар доираи занҷири интиқоли бор, ки дар асоси усулҳои логистикӣ амал мекунад;

– мутобиқсозии равандҳои нақлиётӣ барои беҳтар кардани сифати хизматрасонии интиқол ва кам кардани хароҷоти нақлиётӣ дар арзиши умумии маҳсулот;

– ҷалби миқдори бештари борҳо барои интиқол тавассути долонҳои байналмилалӣ, бо мақсади афзоиши гардиши мол ва истифодаи пурраи потенсиали роҳҳо.

Қадами аввал ва хеле муҳим дар ташкили бахшҳои алоҳидаи долонҳои байналмилалии нақлиётӣ, ки аз ҳудуди Тоҷикистон мегузаранд, ин арзёбии захираҳои мавҷудаи бор ва ҳаҷми эҳтимолии мусофирон мебошад, ки метавонанд тавассути ин долонҳо ба системаи нақлиётии кишвар ҷалб шаванд.

Пас аз қабули қарори қатъӣ дар бораи мақсаднок будани ташаккули долонҳои байналмилалии нақлиёти автомобилӣ (ДБНА) дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон доираҳои қисмати миллии долон муайян карда шуда, натиҷаи он интихоби хатсайри муносиби долонҳои байналмилалӣ аз ҳисоби истифодаи системаи нақлиётии ҷумҳурӣ буда, ба ҳолати 01.01 2024 – 3457,1 километрро ташкил медиҳад.

Марҳилаи навбатӣ дар ташаккул ва рушди долонҳои байналмилалии нақлиёти автомобилӣ иборат аст аз арзёбии муфассали самаранокии инфрасохтори мавҷуда, ҳолати объектҳои нақлиётӣ ва сатҳи ташкили ҷараёни ҳамлу нақл. Натиҷаи ин таҳлил дар оянда барои банақшагирии чораҳои мушаххас дар самти беҳсозии инфрасохтор, татбиқи технологияҳои нав, такмили заминаи ҳуқуқӣ, баланд бардоштани сатҳи бехатарӣ ва таъминоти иттилоотии фаъолияти нақлиётӣ, инчунин ҷалби дастгирии байналмилалӣ истифода мешавад.

Барои ташаккули ниҳоӣ ва таъмини рушди системаи долонҳои байналмилалии нақлиёти автомобилӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд тадбирҳои зерин ба пуррагӣ амалӣ карда шаванд:

- *дар нақлиёти роҳи оҳан* - бояд инфрасохтори нақлиёти роҳи оҳан ба қадри имкон нав карда шавад, то суръати ҳаракати қатораҳо гардад. Ҳолати мазкур як қатор амалиётро, аз қабили навсозӣ кардани роҳҳои мавҷуда, сохтмони хатҳои нави роҳ, масалан, дар қисматҳои шимолӣ ва шарқии кишвар, инчунин беҳтар кардани хизматрасониҳои иттилоотиро дар бар мегирад.
- *Дар соҳаи роҳҳои автомобилгард* бояд сохтмон ва навсозии шоҳроҳҳои асосӣ ва инфрасохтори ҳамроҳи он амалӣ карда шавад, то сатҳи хизматрасонӣ ба истифодабарандагон баланд ва қулай гардад.
- *Дар бахши нақлиёти автомобилӣ* зарурати бунёди таваққуфгоҳҳо ва истгоҳҳои нав ба миён меояд, ки ба беҳтар шудани бехатарии ҳаракат дар роҳ мусоидат мекунанд. Ҳамзамон, лоиҳаҳои марбут ба истифодаи воситаҳои нақлиёт бояд бо дарназардошти ҳифзи муҳити зист татбиқ шаванд ва хатсайрҳои байналмилалии автобусӣ бештар инкишоф ёбанд. Ин чорабиниҳо кумак мерасонанд, ки системаи нақлиёти бештар самаранок ва бехатар гардида, ҳамзамон ба рушди иқтисодии кишвар ва якҷояшавии он ба долонҳои байналмилалии нақлиёт манфиатовар гардад.
- *дар бахши терминалҳои автомобилӣ ва мултимодалӣ* – зарурати ташкили шабакаи мутамаркази терминалҳо ва комплексҳои терминалӣ дар минтақаҳои муҳимми географӣ, ки шоҳроҳҳои байналмилалӣ аз онҳо мегузаранд, ба миён меояд. Ҳамчунин, бояд марказҳои логистикӣ дар нуқтаҳои калидӣ чун Панҷи Поён, Ваҳдат, Хуҷанд, Кӯлоб, Ишкошим ва шаҳри Душанбе сохта шаванд;
- *дар бахши нақлиёти ҳавоӣ* – зарур аст сохтмон ва навсозии инфрасохтори муҳим дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Бохтар, Кӯлоб ва

Хоруғ, инчунин дар марказҳои ноҳиявии Исфара, Панҷакент, Рашт ва Мурғоб амалӣ гардад. Ин тадбирҳо барои рушди истифодаи нақлиёти ҳавоӣ, густариши самтҳои парвоз, беҳтар кардани ҳолати аэродромҳо, тавсеаи шабакаи фурудгоҳҳои байналмилалӣ ва мутобиқгардонии онҳо ба стандартҳои байналмилалӣ, ҳамчунин, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир ва баланд бардоштани сатҳи бехатарии парвозҳо мусоидат мекунанд;

- *дар системаҳои навигатсия, алоқа ва телематика* – сохтмони шабакаи ягонаи интегратсионӣ барои марказҳои минтақавии дастгирии иттилоотӣ ва навигатсионӣ, ки ҳамаи роҳҳои нақлиётӣ ва самтҳои долонҳои байналмилалии нақлиётиро фаро мегиранд ва ҳамчунин таъмин кардани рушди системаи алоқаи соҳавӣ.

Барои таъсиси инфрасохтори самаранок дар долонҳои байналмилалии нақлиётӣ маблағгузории калон лозим аст. Ҳиссаи асосии сармоягузориҳоро бояд давлат пӯшида, хусусан барои объектҳои калидӣ, ки бо таъсиси долонҳои нақлиётӣ алоқаманданд. Объектҳои дигар метавонанд бо ҷалби сармоягузорони хусусӣ тавассути шарикии давлат ва бахши хусусӣ сохта шаванд. Давлат агар лозим бошад, сармоягузорони бахши хусусиро дастгирӣ хоҳад кард.

Барои такмили инфрасохтори долонҳои байналмилалии нақлиётӣ, давлат метавонад ба сармоягузорони ватанӣ кумак расонад, ки як қисми хироҷ ё фоизҳои қарзиро барои маблағгузории лоиҳаҳои инфрасохторӣ, ки онҳо ба бозори дохилӣ ҷалб мекунанд, таъвил кунад. Ин дастгирӣ метавонад аз тариқи субсидия кардани фоизи қарзӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ ва дохилӣ ба фарқияти онҳо анҷом шавад. Ба ин тартиб, дастрасии корхонаҳо ва ширкатҳои маҳаллӣ ба маблағҳои қарзӣ баланд рафта, барои амалӣ намудани лоиҳаҳои муҳим осон мешавад. Ин кумак ҳамчунин дар эҷоди шароити мувофиқ барои амалишавии долонҳои нақлиёти

автомобилӣ дар Тоҷикистон ва дар такмили асоси ҳуқуқӣ ва меъёрии лоиҳа муҳим аст.

Барои беҳтар кардани фаъолияти лоиҳаҳои нақлиётӣ ва долонҳои байналмилалӣ, қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрӣ бояд ба таври мукаммал танзим кунанд, ки чӣ гуна корхонаҳои нақлиётӣ, мақомоти гумрукӣ, сарҳадӣ, хадамоти санитарӣ ва дигар сохторҳо бо якдигар ва дигар иштирокчиён дар раванди нақлиёт ҳамкорӣ мекунанд. Ин танзимот бояд ҳамоҳангии қонунгузории дохилӣ бо қоидаҳо ва меъёрҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳамлу нақл ва кор бо долонҳои байналмилалии нақлиётиро таъмин намояд, дар ҳоле ки манфиатҳои миллиро ҳимоя кунад, хусусан дар марҳалаҳои ташаккул ва рушди долонҳои нақлиёти автомобилӣ.

Дар натиҷаи тадбирҳои анҷомдода қоидаҳои истифодаи системаи нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо стандартҳо ва талаботи байналмилалӣ мувофиқ гардонда мешаванд. Ин раванд боиси муайян шудани шароити истифодаи инфрасохтори нақлиётии кишвар барои интиқолкунандагони хориҷӣ мегардад, ҳамзамон ҳамоҳангии байни намудҳои гуногуни нақлиёт дар хатсайрҳои омехта барои боркашонӣ таъмин мешавад. Барои операторони миллӣ дар роҳҳои асосии долонҳои байналмилалии нақлиётӣ шароити мувофиқ ва амн фароҳам оварда мешавад, ки талаботи байналмилалиро ба воситаҳои нақлиёти ватанӣ ва ҳамоҳангии амали мақомоти давлатӣ, гумрукӣ ва сарҳадӣ, инчунин корхонаҳои нақлиётӣ ва экспедитсионӣ таъмин менамояд. Ин тадбирҳо метавонанд барои таъмини зуд ва осон иҷро кардани амалиёти маъмурӣ ва гумрукӣ кумак расонанд ва дар натиҷа муҳлати ин фаъолиятҳоро кӯтоҳтар кунанд. Бо ҳамин, онҳо сатҳи талаботҳоро барои таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳҳо беҳтар мекунанд ва таъсири манфии нақлиётро ба муҳити зист коҳиш медиҳанд.

Ҳамчунин, мувофиқгардонии системаи гардиши ҳуҷҷатҳои байналмилалии боркашонӣ ва суғуртавӣ барои амалисозии ҳамлу нақли бор ва мусофирон дар сатҳҳои байналмилалӣ зарур аст.

Барои таъмини стратегияи савдо ва фаъолияти нақлиётӣ шаш долони байналмилалӣ пешбинӣ гардидаанд. Ин шаш долон, эҳтимол наметавонанд ҳар як иштирокчии фаъолияти савдои минтақавии наздисарҳадии алоҳидаи долонро қонеъ гардонанд, вале дар мавриди фаъолияти пурраи онҳо дар доираи стандартҳои байналмилалӣ имкониятҳои зерин фароҳам меоянд:

– дарҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ барои савдои ҷаҳонӣ кушода мешаванд;

– ҳиссаи кишварҳои Осиёи Марказӣ дар транзити авруосиёӣ меафзояд;

– суръати баланди афзоиши савдои дохилӣ ва байниминтақавии кишварҳои Осиёи Марказӣ таъмин мегардад.

1. Долони САРЭС 2 (2а, 2в). Тайи солҳои охир афзоиши ҳаҷми савдо миёни Аврупои Ҷанубӣ, Туркия ва Эрон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ мушоҳида мешаванд. Чин низ сиёсати “ба ғарб” нигаронидашудаи савдоро бо Аврупои Ҷанубӣ, Туркия, Эрон дастгирӣ мекунад.

Долони 2 – Истамбулро бо бандарҳои Поти ва Батуми дар Гурҷистон тавассути Баҳри Сиёҳ пайваст мекунад. Хатсайри мазкур ҳам тавассути нақлиёти роҳи оҳан ва ҳам нақлиёти автомобилӣ амал намуда, аз ҳудуди Ҷумҳурии Озорбойҷон тавассути Бейук – Кесик – Агатафа –Йевлах – Алят – Боку мегузарад.

Бо долони 2а ҳамлу нақли автомобилӣ ва роҳи оҳан тавассути баҳри Каспий ба Актау (Қазоқистон) ва ба самти Бейну, сарҳади Ӯзбекистонро

дар Қарақалпоқистон мебурад, сипас ба самти Нукус–Учқудуқ – Навоӣ – Самарқанд – Ҷизах – Бекобод рафта, аз Нов – Хуҷанд – Конибодоми Тоҷикистон мегузарад ва боз ба Ӯзбекистон бармегардад. Сониян, тавассути роҳҳои Қарасу – Ош – Гулча – Саритош – Ишкертам дар Ҷумҳурии Қирғизистон ва сипас тавассути гузаргоҳи Иркештам ва Каши – Турпан – Хекси ба самти бандарҳои шарқии Чин меравад. Ин долон аз хатсайрҳои автомобилӣ ва роҳи оҳанро дар қитъаи Ҷумҳурии Қирғизстон то Каши дар бар мегирад, ки дар он ҷо танҳо роҳи автомобилгард вуҷуд дорад.

1. *Долони CAPEC 3 (3б)*. Ин долон тавассути Осиёи Марказӣ минтақаи Сибири Федератсияи Россияро бо Шарқи Наздик дар қисмати тоҷикистонии долон (Карамик, Душанбе, Турсунзода, Пахтаобод, сарҳ.Ӯзбекистон) пайваст мекунад (расми 3.1).

Долон тавассути Душанбе – Турсунзода – Пахтаобод мегузарад ва ба воситаи Сариосиё ба ҳудуди Ӯзбекистон дохил шуда, ба самти Тирмиз – Айрат меравад, сарҳади Афғонистонро дар Хайратон мебурад ва ба самти Мазори Шариф – Ҳирот – Ислом Қалъа ҳаракат намуда, Доргунро дар сарҳади Эрон убур мекунад ва то ба Бандар Аббос рафта мерасад.



Расми 3.1. Роҳи долони CAPEC-3

Долони CAPEC 3в тавассути роҳи оҳан то Кара-Балта дар Ҷумҳурии Қирғизстон мерасад, сипас тавассути роҳи автомобилгард то ба Душенбе омада, аз он ҷо то сарҳади Афғонистон ва аз Афғонистон то Эрон ба воситаи роҳи автомобилгард идома меёбад.

2. Долони CAPEC 5. Ин долон дар асл як роҳии нақлиётии муҳим мебошад, ки минтақаи Баҳри Араб (Покистон ва Ҳиндустон)-ро бо Осиёи Марказӣ ва Чин пайваст мекунад. Он аз бандарҳои Карочӣ (бандари Қосим) оғоз мешавад ва то Афғонистон то ба як минтақаи нақлиётии муҳимми Шимолӣ мерасад. Дар хати роҳии нақлиёти автомобилӣ ва роҳи оҳан, ки аз Афғонистон мегузарад, долонҳои нақлиёти автомобилӣ фаъоланд, ки аз Пешовар (Покистон) сар карда, ба Кобул, Қундуз, Шерхон

Бандар, Панҷи Поён, сарҳад бо Тоҷикистон, Бохтар, Душанбе ва Кармиқ (сарҳад бо Қирғизистон) мерасанд. Пас аз он, роҳ идома ёфта, тавассути Карамик, Сари Тош ва Иркештам, бо вуруд ба Чин пайваст мешавад. Хатсайри алтернативӣ аз Чин то Тоҷикистон тавассути ағбаи Кулма – Мурғоб – Хоруғ – Душанбе – Панҷи Поён мегузарад (расми 3.2).

Расми 3.2. Роҳи долони CAPEC 5

3. Долони CAPEC -6 (6c). Ин долон аз се хатсайр иборат аст, ки қисматҳои муайяни он тавассути қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мегузарад. Хатсайрҳои мазкур аз сарҳади Ӯзбекистон (Бекобод) оғоз мешаванд ва ба тариқи роҳҳои асосии нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз Нов, Истравшан, Айнӣ, Душанбе, Бохтар ва Панҷи Поён мегузаранд, идома меёбанд. Пас аз ин, роҳ ба самти Афғонистон идома меёбад. (расми 3.3).



Расми 3.3. Роҳҳои долони САРЭС -5

Барои рушд ва тақвияти савдо, яке аз тадбирҳо бояд ҷоннок кардани стратегияи мусоидат ба савдо дар долонҳои нақлиётӣ бошад, ки ба стратегияи рушди иқтисодиёт, бахусус дар ояндаи Тоҷикистон, дохил мегардад.

Ҳамоҳангсозии фаъолияти сарҳадӣ барои савдо ва нақлиёт аҳаммияти муҳим дорад, зеро савдо ва ҳаракати борҳо дар марзҳо барои кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, вобаста аст. Мақомотҳои гуногун, ки дар ҳар як марз ё гузаргоҳ фаъолият мекунанд, метавонанд қоидаҳои мушаххаси худро муқаррар кунанд, ки дар доираи онҳо сарҳадҳо ва

гузаргоҳҳои давлатҳо бо роҳҳои гуногун назорат карда мешаванд. Ба ин тартиб, барои баланд бардоштани самаранокии савдо ва коҳиш додани монеаҳо, кӯшишҳо барои беҳтар кардани хидматрасониҳои логистикӣ ва мувофиқ кардани онҳо бо талаботи байналмилалӣ муҳим аст. Дар ин замина, хизматрасониҳои логистикӣ дар минтақа метавонанд беҳтар шуда, ба як муаммои назаррас дар рушд ва ҳамоҳангсозии нақлиётӣ ва иқтисодии кишвар табдил шаванд.

Барои расидан ба ин ҳадаф, нақши калидиро се унсури асосӣ мебозанд:

1. Инфрасохтор – зарур аст, ки ҳолати роҳҳо, гузаргоҳҳои сарҳадӣ, анборҳо, терминалҳо ва дигар иншоот беҳтар карда шаванд, то ки самаранокии логистика ва амалиёти нақлиётӣ дар сатҳи зарурӣ таъмин гардад.

2. Менеҷмент – бояд усулҳои идоракунии муосир ҷорӣ карда шаванд, ки ин маънои истифодаи самараноки захираҳо, беҳтар кардани ҳамоҳангсозӣ байни мақомоти давлатӣ ва ширкатҳо, инчунин рафъи бюрократияи зиёдатиро дорад.

3. Технологияҳо – зарурати татбиқи технологияҳои муосири иттилоотӣ-коммуникатсионӣ барои автоматиконии равандҳо ва суръат бахшидани расмиёти маъмурӣ (масалан, рақамикунонии расмиёти гумрукӣ, истифодаи системаҳои ҳуҷҷатгузории электронӣ) ба миён меояд. Барои татбиқи ин ҳадафҳо зарур аст, ки ҳамкории ҳамоҳангшуда байни мақомоти давлатӣ ва бахши хусусӣ бошад, то ин ки тағйиротҳо ҳамаҷониба ва мукаммал татбиқ карда шаванд.

Аз ҷумла:

1.Ислоҳот ва навкунии хизматрасониҳои гумрукӣ. Ҳамкориҳои гумрукӣ ҳамчун масъалаи асосӣ дар стартегияи мусоидат ба савдо боқӣ мемонанд. Моҳияти масъалаи миёнамуҳлат дар он аст, ки ба ислоҳоти мувофиқагардида ва нав кардшудаи системаи гумрук бояд мусоидат карда

шавад. Дар замони муосир тағйиротҳои ҷории идоракунии гумрук дар минтақаҳо идома доранд. Таваҷҷуҳи асосӣ ба равандҳои содакунӣ ва беҳдошти амалиётҳои гумрукӣ, ки якчанд ҷанбаҳои муҳимро дар бар мегиранд, равона шудааст: Бознигарии кодексҳо - мувофиқи талабот ва тавсияҳои нави Конвенсияи Киото ва кодексҳои гумрукӣ бошад – барои сода ва замонавӣ гардонидани равандҳо баррасӣ мешаванд. Конвенсияи Киото созишномаи байналмилалие мебошад, ки ба стандартикунонӣ ва содагардонии расмиёти гумрукӣ равона шудааст. Принсипи идоракунии хавф (хавф-менеҷмент) - маънои онро дорад, ки мақомоти гумрук бештар ба таҳлили хавфҳо такя мекунанд, то ин ки кӯшиши зиёди худро ба амалиёт ва маҳсулоти дорои хавфи зиёдтар равона кунанд. Ҳолати мазкур имкон медиҳад, ки молҳои дорои хавфи паст тезтар ва осонтар аз назорати гумрукӣ гузаранд. Назорати муштараки гумрукӣ - ин усул ҳамкории наздиктарро байни хадамоти гумрукии кишварҳои гуногун, махсусан дар марзҳо пешбинӣ мекунад. Ин раванд барои содагардонӣ ва тезонидани гузариши марзӣ мусоидат мекунад, зеро санҷиш якбора аз тарафи мақомоти дахлдори ҳарду ҷониб гузаронида мешавад. Автоматикунонии хизматрасониҳои гумрукӣ - истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ барои автоматикунонии расмиёти гумрукӣ буда, як роҳи дигари тезонидани коркарди ҳуҷҷатҳо ва коҳиш додани ҳаҷми кори дастӣ мебошад, ки хатогиҳо ва бесамариро кам ва шаффофиятро беҳтар мекунад. Раванди содагардонӣ ё ислоҳоти расмиёти гумрукӣ аллакай оғоз гардида, яке аз қисматҳои муҳимтарини ин раванд тағйири фарҳанги идоракунии гумрук мебошад, ки ҳадафи он аз содагардонии равандҳо ва баланд бардоштани самаранокӣ иборат аст.

Барномаи кории соҳаи гумрук дар дурнамои кӯтоҳмуддат ва миёнамуддат ба як қатор тадбирҳои муҳим такя мекунад, ки барои беҳтар намудани фаъолияти соҳа ва осон кардани раванди ҳамлу нақл, савдо ва

интиқол ба кишварҳо лозим аст. Маҳз ин тадбирҳо метавонанд натиҷаҳои самарабахшро дар соҳаи гумрук ба вуҷуд оранд:

1. Ҳамоҳангсозии амалиёт ва ҳуҷаттгузории гумрукӣ – барои муттаҳид кардани ҳамаи амалиёти гумрукӣ ва таъмини якхелаи ҳуҷатгузории марбут ба раванди савдо ва нақлиёт.

2. Автоматикунонии хизматрасониҳои гумрукӣ – татбиқи технологияҳои навин барои автоматизатсия ва беҳтар кардани раванди коркард ва назорати гумрукӣ.

3. Мубодилаи маълумот – таъмин кардани равандҳои самарабахш барои мубодила ва баробар кардани маълумотҳо байни мақомоти гумрукӣ ва ширкатҳо.

4. Назорати якҷояи гумрукӣ – дар якҷоягӣ бо мақомоти гуногун назорати дутарафа гузаронидани амалиётҳои гумрукӣ, ки дар самти мубодилаи савдо ба кишварҳо муҳим аст.

5. Хавф-менеҷмент, аудит ва ҷосусии гумрукӣ – татбиқи роҳҳои беҳтар ва самарабахш барои идора кардани хавфҳои гумрукӣ, арзёбии корхонаҳои ватанӣ ва хориҷӣ ва муқовимат ба хавфҳои интиқоли ғайриқонунӣ.

6. Рушди транзити минтақавӣ – дастгирии раванди транзитии байналмилалӣ ва фаъолияти мултимодалии ҳамлу нақл дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон.

7. Сохтори ҳамкориҳои гумрукӣ – таҳия ва тақвияти ҳамкориҳо бо кишварҳои дигар ва ташкилотҳои байналмилалӣ дар соҳаи гумрук.

8. Омӯзиш – таълими мутахассисон дар соҳаҳои гумрукӣ, ки барои таъмин кардани омодагии комил ва баланд бардоштани дониши кадрҳо аҳаммият дорад.

2. Рушди логистикаи минтақавӣ ба беҳтар шудани фаъолиятҳои марбут ба логистикаи савдо мусоидат мекунад ва чанд самти калидиро дар бар мегирад:

– арзёбӣ ва банақшагирии сохтмон ва рушди марказҳои логистикӣ ва марказҳои мултимодалии роҳи оҳан – барои мувофиқ кардани ҷойҳои сохтмон ва рушди ин марказҳо дар ҷойҳое, ки барои нақлиёт ва савдо аҳаммияти стратегӣ доранд;

– мутамарказ кардани коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар марказҳои логистикӣ – барои беҳтар кардани коркард ва нигоҳдории маҳсулоти кишоварзӣ, ки дар марказҳои логистикӣ барои истеҳсол ва интиқол омода мешаванд;

– омӯзиши операторони логистикӣ дар пешбурди форумҳои касбӣ ва минтақавӣ – ташкили омӯзишҳо ва форумҳо барои операторони логистикӣ, ки барои пур кардани камбудиҳои соҳавӣ ва баланд бардоштани малакаҳои касбӣ кумак мекунанд;

– дастгирӣ ва маблағгузории ташаббусҳои инвеститсионӣ – аз ҷумла сармоягузорӣ дар лоиҳаҳо ва ташаббусҳои муҳимми инфрасохторӣ, ки ба рушд ва устувории бахши логистика мусоидат мекунанд, бо имкони шарикӣ байни давлат ва бахши хусусӣ.

Ин тадбирҳо ба рушди босамари логистика дар минтақа ва беҳтар шудани ҳамкорӣ дар ин бахш мусоидат мекунанд.

3. Беҳтар кардани фаъолияти гузаргоҳҳои сарҳадӣ. Ҳарчанд як қисми нуқтаҳои сарҳадӣ дар долонҳои байналмилалӣ аллакай навгонӣ карда шудаанд, вазъи бисёре аз гузаргоҳҳои сарҳадӣ то кунун ғайриқаноатбахш арзёбӣ мешавад. Ҷорӣ кардани хизматрасонии сатҳи байналмилалӣ дар ин нуқтаҳо алҳол имконнопазиранд. Бояд арзёбии ҳамаи нуқтаҳои убури сарҳад дар ҳамаи шаш долони мавҷуда гузаронида шаванд. Маълумотҳои бадастомада барои баҳогузории долонҳо нисбати барномаи мониторинг ва арзёбии онҳо, асосноккунии техникӣ-иқтисодии таҷдиди инфрасохтори нақлиёти роҳи оҳан ва автомобилии дар нуқтаҳои убури сарҳад мавҷудбуда, инчунин лоиҳаҳои ислоҳот ва навкунии системаи гумрукии

дар доираи Созмони умумҷаҳонии савдо (СУС) амалишаванда, истифода бурда мешаванд.

Барои фаъолияти самараноки гузаргоҳҳои сарҳадӣ бояд иҷрои як қатор вазифаҳоро ба роҳ монд, то ин ки назорат ва мувофиқати стандартҳои байналмилалиро таъмин кунанд. Ин вазифаҳо аз воситаҳои зерин иборатанд:

1. Иҷозатнома барои ронандагон: маънои онро дорад, ки мақомоти сарҳадӣ бояд иҷозатномаҳои махсусро (раводид) барои ронандагони автомобилҳои боркаш таъмин намоянд, то онҳо тавонанд сарҳадро убур намоянд.

2. Муоинаи техникӣ: пеш аз гузаштани сарҳад воситаҳои нақлиёт бояд ба стандартҳо мувофиқат кунонида шуда, шаҳодатномаҳои вазниро, ки барои пешгирӣ кардан аз ҳолатҳои зиёдборкунӣ зарур аст, ба даст оранд.

3. Назорати якҷоя: вобаста ба тартибот ҳамаи равандиҳои назорат ва расмиёт бояд тавассути низоми "як истгоҳ" баргузор шаванд, ки ин раванди убури сарҳадро осон мекунад. Масалан, барои намудҳои гуногуни борҳо метавонанд хатҳои махсуси гузашт пешбинӣ шаванд.

4. Минтақаи назоратӣ: маҳз барои анҷом додани таҳқиқот ва нигоҳдории борҳо муҳим аст то минтақаҳои назоратӣ, ки берун аз мизони ҳаракат қарор доранд таъсис дода шаванд.

5. Воситаҳои гигиена ва алоқа: ба шомили шароитҳои зарурии гигиенӣ ва алоқа будани кормандон ва ронандагон дахл дорад.

6. Инфрасохтори хизматрасониҳои иловагӣ: зарур аст, ки барои брокерҳо, экспедиторҳо ва дигар мутахассисони дар раванди интиқоли борҳо кумакрасон шароитҳои зарурӣ фароҳам оварда шавад, то онҳо тавонанд вазифаҳои худро самаранок иҷро кунанд. Дар маҷмуъ, ин вазифаҳо кумак мекунанд, ки раванди гузаштан аз сарҳад бештар муташаккил, бехатар ва барои ҳамаи иштирокчиён самаранок бошад.

Тартибот ва ҳуҷатгузорӣ бояд тавре таҳия шаванд, ки самаранокии инфрасохтор ва дастгоҳҳои навро бо минимизатсияи назорати гузариш ва санҷишҳои фаврӣ дар нуқтаҳои таъинот таъмин намояд. Ин раванд бояд бо истифода аз технологияи хавф-менеҷмент, ки таҳлили хавф ва пешгӯии мушкилотро пешгӯӣ мекунад, анҷом дода шавад. Ҳамзамон, тамоми тадбирҳо бояд бо риояи стандартҳои байналмилалӣ сурат гиранд, то ки мутобиқат ва ҳамоҳангии фаъолиятҳо дар чорчӯби талаботи глобалӣ таъмин карда шавад. Инчунин, ба таҳияи ҳуҷҷати ягонаи маъмурӣ, татбиқи технологияҳои нав ва коркарди онҳо бояд диққат дода шавад. Натиҷаҳои таҳқиқи нуқтаҳои гузариши сарҳад бояд бо истифода аз сметаи иҷрои хароҷот ва арзёбии хароҷот/фоида анҷом дода шаванд. Ин имконият ба нақшаи инвеститсионии лоиҳаҳои беҳдошти инфрасохтор, менеҷмент ва технология кумак расонида, ҳамзамон имкон медиҳад, ки барои ҷалби инвесторҳо тадбирҳо тарҳрезӣ ва таҳия карда шавад.

4.Рушди нерӯи нақлиётӣ-коммуникатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

4.1. Инфрасохтори роҳҳои автомобилгард. Зарурати беҳтар намудани ҳолати роҳҳо метавонад бо сабабҳои гуногун ба вуҷуд оянд. Якум, вуҷуд надоштани системаи ягонаи нигоҳдории роҳҳо мебошанд ва вайроншавии рӯйпӯши роҳро то ба дараҷае оварда мерасонад, ки барои барқарор намуданаш баргузории корҳои таҷдидӣ зарур меояд. Дуюм, зиёдшавии шиддатнокии ҳаракати воситаҳои нақлиёт афзоиши қобилияти гузаронидани роҳро тавассути васеъсозии роҳ, таҳияи хатҳои иловагии роҳ, инчунин беҳтар намудани ҳолати рӯйпӯши он тақозо менамояд. Айни замон, ҳолати дуюм камтар мушоҳида мегардад, зеро дар кишварҳои иштирокчии долон тамбашавӣ чандон ба назар намерасад. Новобаста аз ин қисми зиёди инфрасохтори роҳҳои кишварҳои аъзои долон дар замонҳои гузашта тарҳрезӣ карда шуда, алҳол онҳо таҷдид ё сохтмони нави роҳҳоро тақозо менамоянд. Бештар зарурати гузаронидани категорияи роҳ аз категорияи паст ба категорияи баланд бо истифодаи

рӯйпӯши асфалту бетонӣ ба миён меояд.

4.2.Сохтмони роҳи оҳан. Инфрасохтори нақлиёти роҳи оҳан нисбат ба роҳҳои автомобилгард иқтидорҳои истеҳсолии баланд дорад. Новобаста аз ин ин инфрасохтор барои таъмини талаботи савдо дар минтақа пурра муҷаҳҳаз нест. Илова бар ин, ошкор гардидааст, ки аз ҳисоби муддати зиёд фаъолият карда натавонистани роҳи оҳан ҳаҷми кор вобаста ба таҷдид ва нигоҳдории он хеле зиёд шудааст. Тамоми системаи нақлиёти роҳи оҳан дучори душвориҳои ҳамлу нақли трансминтақавӣ гардидаанд.



Расми 3.4. Долони CAREC -6

Барои иҷрои ин мақсад чор навъ лоиҳаҳои инвеститсионӣ ба нақша гирифта шудааст, ки ба инҳо дохил мешаванд: таҷдиди инфрасохтори роҳи

оҳан, навсозии воситаҳои нақлиёт, электрикунонии роҳҳои оҳан ва сохтмони роҳҳои оҳан, ки байни Эрон, Афғонистон, Тоҷикистон, Қирғизистон ва Чин пайваст мешавад. Илова бар ин, инчунин сохтмони роҳи оҳан барои пайваст кардани шимол ва маркази кишвар зарур аст. Ин тадбирҳо барои беҳтар кардани робитаҳои нақлиётӣ ва беҳсозии инфрасохтори роҳҳои оҳан дар минтақа мусоидат хоҳанд кард.

Дар баъзе аз кишварҳо лоиҳаҳои бахши нақлиёти роҳи оҳан аз ҳисоби воситаҳои худӣ маблағгузорӣ карда мешаванд, ки ба он маблағҳои бахши хусусӣ низ ҷалб карда мешаванд. Лоиҳаҳои рушди инфрасохтори роҳи оҳан ҳамеша арзиши гарон доранд, махсусан, агар сохтмони роҳи нав зарур ояд. Бисёре аз лоиҳаҳои пешниҳодшудаи роҳи оҳан омӯзиши дақиқ ва банақшагирии асосноки молиявиро барои дарёфти имконоти рушди долонҳои нақлиётӣ тақозо менамоянд.

4.3. Нигоҳдории инфрасохтори долонҳои нақлиётӣ. Нигоҳдории нокифояи инфрасохтри нақлиёти роҳи оҳан ва автомобилӣ мушкилоти ҷиддии соҳаи нақлиёт мебошанд. Рақобатпазирии фаъолияти долон метавонанд танҳо дар мавриди нигоҳдории мувофиқи онҳо имконпазир бошад. Ба ибораи дигар, бояд масъалаҳои маблағгузории корҳои нигоҳдарии инфрасохтор саривақт ҳал карда шаванд.

4.4. Маблағгузории воридоти воситаҳои нақлиёт нав барои бахши хусусӣ. Қарзҳои калони бисёрҷабҳа имконият медиҳанд, ки инфрасохтори дар моликияти давлат қарордошта инкишоф рушд намояд. Чунин сармоягузориҳо шароити мусоид фароҳам меоранд, то ки корхонаҳои хурду миёнаи тиҷоратӣ тавонанд барои такмил додани фаъолияти худ ва баромадан ба бозорҳои хориҷӣ маблағҳои хурди заруриро дастрас намоянд. Муҳимтар аз ҳама, муваффақияти ин стратегия ба он вобаста аст, ки иқтисодиёт ва технологияи кишвар то чӣ андоза рушд ёфтаанд ва метавонанд онро дастгирӣ кунанд. Новобаста аз имконият ва муносибатҳои хуб бо ташкилотҳои хурди қарзӣ ин қарзҳо барои

соҳибкорони бахши хусусии нақлиётӣ хеле гарон мебошанд. Стандартҳои муқарраршуда нисбати газҳои аз воситаҳои нақлиёти тиҷоратӣ истихроҷшаванда ва баланд бардоштани сатҳи бехатарӣ дар роҳ метавонад танҳо дар ҳамон ҳолате ба даст оварда шаванд, ки агар имкониятҳои хариди воситаҳои нави нақлиёт мавҷуд бошанд. Фаъолият дар доираи долонҳои нақлиётӣ барои интиқолдиҳандагон ва кормандони бахши логистика имконият медиҳад, ки роҳи содаи дастрасӣ ба қарзро соҳиб шаванд.

4.5. Технологияҳо ва занҷирҳои ҷаҳонии логистикӣ. Занҷирҳои ҷаҳонии логистикӣ аз риояи қатъии қоидаҳои ҳамлу нақли транзитӣ вобаста буда, барои иҷрои ин талабот пешниҳод намудани маълумот зарур аст. Яке аз вазифаҳои муҳим коҳиш додани вақти бекористии воситаҳои нақлиёт ҳангоми убури сарҳад мебошад. Барои ҳалли ин масъала истифодаи воситаҳое, ки риояи талаботҳои байналмилалии назорати сарҳадии борҳоро таъмин менамоянд, зарур меояд. Ба ин воситаҳо шомил мешаванд:

– барномаи компютерӣ, ки имкон медиҳад то амалиёти сарҳадӣ зудтар анҷом ёбад;

– смарт-кортҳо, тамғаҳои зеҳнӣ, штрих-рамзҳо ва шабеҳкунандаҳои радиобасомадӣ барои дастрасии фаврӣ ба маълумот;

– воситаҳои алоқа барои ирсоли маълумот;

– воситаҳои техникии муоина: сканерҳо, мисборҳо (зонды) ва олотҳои қабули мавҷҳои радиоактивӣ, ки ҳамагуна қочоқро ошкор менамоянд.

Ин тадбирҳо кумак мекунанд, ки самаранокии логистикаро беҳтар гардида, ҳамзамон бехатарии равандҳои он таъмин шавад.

4.6.Истифодабарии инвеститсия дар бахши нақлиёт ҳамчун муҳаррики рушди иқтисодӣ. Ҳангоми муҳокимаи масъалаҳои фоиданокии иқтисодӣ ва сатҳи камбизоатӣ дар шароити рушди устувор бояд лоиҳаҳои инвеститсионӣ имконияти баланд бардоштани даромад ва коҳиш додани сатҳи камбизоатиро бо роҳи бунёди ҷойи нави корӣ дошта бошанд.

Новобаста аз ин, таҷрибаҳо исбот намудаанд, ки сохтмони роҳҳои оҳан ва автомобилгард худ ба худ наметавонанд муҳаррики рушди иқтисодӣ бошанд. Ҳамин тариқ, зарурати захираҳои иловагӣ, сиёсати зарурӣ ва омода будан ба дарёфти фоидаи эҳтимолии иқтисодӣ аз рушди инфрасохтор ба вуҷуд меоянд.

Аз нуқтаи назари ҷалби инвеститсия ба инфрасохтор ва ба сифати муҳаррики рушди иқтисодӣ муаррифӣ намудани лоиҳаҳои нақлиётӣ мушкилоти асосӣ дар кишварҳои баромад ба баҳр надошта ва танҳо дорои роҳҳои хушкибуда мушоҳида мегардад. Мушкилоти хоси кишварҳои баромад ба баҳр надошта дар он аст, ки дар минтақа қишрҳои начандон калони бозорҳо мавҷуданд ва онҳо аз бозорҳои асосии ҷаҳонӣ хеле дур ҷойгир шудаанд.

Таъсири афзояндаи бахши хусусӣ ба дарки фаврии ба талаботи бозорӣ ва таъмин намудани талаботи истифодабарандагон ва истеъмолкунандагони хизматрасониҳои нақлиётӣ алоқаманд аз шабакаи нақлиётӣ восбатагӣ дорад. Танҳо таҳияи сиёсат ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ кофӣ нест. Маҳз талаботи истеъмолкунандагон ва истифодабарандагони хизматрасонии нақлиётӣ бояд дар маркази диққат қарор гирад. Яъне, аввал бояд фаҳмид, ки мардум ва ширкатҳо аз нақлиёт чӣ мехоҳанд – масалан, роҳати сафар, зудрасӣ, бехатарӣ, нархи дастрас – ва танҳо баъд бояд сохтмон ё таҷдиди роҳҳоро ба он талабот мутобиқ сохт. Аз ин рӯ, таъмини талаботи мушаххаси мардум аҳаммияти бештар аз худи сохтмони роҳ дорад. Яъне, мусофирбарӣ ва боркашонии транзитӣ ба дигар долон гузаронида мешаванд, агар талаботи истифодабарандагони онҳо дар ҳамин долон таъмин нагардад.

Дар охир бояд қайд кард, ки ҳамгироӣ ва мустаҳкам кардани алоқаҳо байни бахшҳои гуногуни иқтисодиёт ва бо шарикони байналмилалӣ метавонад барои истифодаи самараноки манбаъҳо, беҳтар кардани шароити тиҷорат ва таъсиси ҷойҳои кории нав мусоидат кунад. Ин дар

навбати худ ба зиёдшавии даромад ва беҳтар шудани сатҳи умумии зиндагӣ дар ҷомеа оварда мерасонад. Аз ин рӯ, стратегияи рушде, ки дар асоси ҳамкорӣ ва ҳамгироӣ бунёд гардидааст, метавонад манфиатҳои назаррас ба бор орад.

3.3. Равнақи ҳамкории долонҳои нақлиёти автомобилӣ бо кишварҳои ҳамсоя - воситаи асосии рушди ҳамлу нақли транзитӣ

Вобаста ба мавқеи мусоиди ҷойгиршавияш Ҷумҳурии Тоҷикистон дар минтақаи Осиёи Марказӣ имконоти назариявӣ дорад, ки на фақат Шарқу Ғарб ва Шимолу Ҷанубро ба ҳам пайваст намояд, балки метавонад яке аз тугунҳои асосии тиҷорати ҷаҳонӣ гардад, зеро барои рушди ояндаи нерӯи нақлиётию транзитии минтақа тамомои пешзаминаҳои зарурӣ вуҷуд доранд. Тоҷикистон на танҳо мехоҳад бо ташкилотҳо ва сохторҳои иқтисодии минтақа ба таври фаъол ҳамкорӣ кунад, балки талабот дорад дар ҳалли масъалаҳои муҳиме, ки тамоми кишварҳои Осиёи Марказиро фаро мегиранд (масалан, савдо, нақлиёт, обу энергетика), саҳмгузор бошад. Ҳадафи асосӣ – бо роҳи ҳамкориҳои бисёрҷониба (яъне бо иштирок ва ҳамкорӣ бо чанд кишвар) ба суботи дохилӣ ва рушди иқтисодӣ ноил шудан аст.

Бояд гуфт, ки дар доираи лоиҳаҳои ба эҳёи роҳи Бузурги Абрешим вобаста Тоҷикистон метавонад ба пуррагӣ аз вазъи ҷойгиршавии ҷуғрофии худ истифода намояд ва ба як нуқтаи муҳимми транзитӣ миёни ду минтақаи бузурги ҷаҳон – Иттиҳоди Аврупо ва Ҷумҳурии Халқии Чин мубадал гардад. Бо истифода аз ин имконот ба ғайр аз раҳоӣ аз бумбасти нақлиётӣ, боз масъалаи пӯшидагии минтақа ва вобастагии он аз кишварҳои ҳамсояи таъминкунандаи баромад ба бозорҳои ҷаҳонӣ ҳалли худро пайдо намуда, имкон медиҳад ҷумҳурӣ сарчашмаи даромади буҷаи худашро диверсификатсия намояд, соҳаҳои нави иқтисодиёти кишварро ба вуҷуд оварад ва вобастагии кишварро аз содироти ашёи хом паст намояд.

Яке аз вазифаҳои муҳимми иқтисоди Тоҷикистон беҳтар кардани шароитҳо барои интиқоли борҳои транзитӣ (борҳое, ки аз ҳудуди кишвар мегузаранд) мебошад. Барои ин, пеш аз ҳама, зарур аст:

- инфрасохтори роҳҳои байналмилалии нақлиётӣ (долонҳо) нав карда шавад,
- сифати хизматрасонӣ баланд бурда шавад,
- арзиши хизматрасонӣ барои борҳои воридотӣ, содиротӣ ва транзитӣ паст карда шавад.

Чунин тадбирҳо имкон медиҳанд, ки Тоҷикистон дар бозори байналмилалӣ бо роҳҳои обии боркашонӣ рақобат карда, ҳамчун як роҳгузари асосӣ (транзитӣ) дар ҳамлу нақли рӯйизаминӣ мавқеи устувор пайдо кунад.

Махсусан, ҳолати мазкур аз он ҷиҳат муҳим аст, ки тибқи ояндабинӣ то соли 2020 даҳ фоизи борҳо миёни Осиё ва Аврупо тавассути роҳои автомобилгард ва оҳан кашонида мешаванд [131].

Тавре дар боло қайд карда шуд, ҳолати нақлиёти автомобилӣ ва инфрасохтори он ҷузъи хеле нигаронкунандаи шабакаи логистикӣ боқӣ мемонанд. Якум, фарсудагии техникаи роҳ ба интиқолдиҳандагон садаманокиро зиёд [142] ва норасоии воситаҳои нақлиётро бештар месозад. Дуюм, Тоҷикистон чун дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ, нетто-воридкунандаи хизматрасониҳои нақлиётӣ [143] мебошад. Пойгоҳи нақлиёти автомобилии кишвар наметавонад ба талаботи рӯзафзун ба хизматрасонии нақлиётӣ пурра ҷавобгӯй бошад. Сеюм, сифати пасти рӯйпӯши роҳ ва пулҳо ба қайд гирифта шудаанд. Дар Тоҷикистон роҳҳои категорияи якум вуҷуд надоранд. Қариб нисфи роҳҳои таъиноти байналмилалӣ ба воситаи қабати шағалу битум ва танҳо 30% бо асфалт рӯйпӯш карда шуда шуданд [144]. Аз ин сабаб суръати пасти интиқол ва муҳлати зиёди расонидани бор ба амал меояд.

Бояд гуфт, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиш дорад, неруи транзитии кишварро ба кор дарорад. Бо ин мақсад яке аз ҳадафҳои стратегии икшвар ба кишвари транзитӣ табдил додани он мебошад. Тавассути инвеститсияҳои кишварҳои ҳавасманд ҷумҳурӣ имкон дорад масъалаи амнияти нақлиётии худро нисбати созмон додани системаи ягонаи нақлиётӣ ва диверсификатсияи ҷараёни расонидани маҳсулоти содиротӣ ва воридотӣ марҳила ба марҳила ҳал намуда, алоқаҳои нақлиётии худро бевосита бо тамоми кишварҳои ҳамсоя мустаҳкам созад. Зарурати ба кишвари транзитӣ табдил ёфтани Тоҷикистон яке аз афзалиятҳои дарозмуддати рушди кишвар мебошад, ки тавассути як қатор омилҳо тафсир карда мешавад. Афзалияти асосӣ да он аст, ки аз шаш адад долонҳои транзитии ташкилоти Ҳамкориҳои минтақавии Осиёи Марказӣ (САРЭС) чор адади он тавассути қаламрави Тоҷикистон мегузаранд. Аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчунин долонҳои Шоҳроҳи Осиё, ТРАССЕКА, ЕвразЭС, САРЭС мегузаранд, ки барои табдил ёфтани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кишвари транзитӣ шароити заруриро муҳайё месозанд.

Тоҷикистон миёни кишварҳои ҳамсоя шабакаи аз ҳама ками (наздик ба 14,3 ҳазор км) роҳҳои автомобилгардро дорад. Новобаста аз ин, қисми зиёди роҳҳо дар ҳолати начандон хуб қарор доранд. Аз ин сабаб, дар Барномаи мақсадноки давлатии рушди нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2025 таваҷҷуҳи калон ба сафарбар намудани маблағҳои калон ба таҷдид ва навсозии рӯйпӯши роҳ [148] дода шудааст. Ҳамчунин, вазифа гузошта шудааст, ки 734 км роҳҳо то ба дараҷаи категорияи якум расонида шаванд ва барои ин тахминан 160 млн. доллари амрикоӣ зарур меояд [148].

Вобаста аз ин Ҳукумати Тоҷикистон се самти афзалиятноки рушди шабакаи нақлиёти автомобилии кишварро вобаста ба долонҳои тавассути кишвар гузаранда чунин муайян намудааст:

– самти якум – аз сарҳади Ӯзбекистон тавассути Хуҷанд, Душанбе ва Панҷи Поён ба сарҳади Афғонистон;

– самти дуюм – аз сарҳади Қирғизстон тавассути Карамик, Ваҳдат, Душанбе ва Турсунзода ба сарҳади Ӯзбекистон;

– самти сеюм – аз шаҳри Душанбе тавассути Кӯлоб, Қалаихумб, Хоруғ, Мурғоб, ағбаи Кулма ба сарҳади Чин. Корҳои сохтмонӣ ва таҷдиди ин шоҳроҳ маблағи 800 млн. долларро тақозо менамояд [145].

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар солҳои 2000 то 2020 вобастагии Тоҷикистон аз бозорҳои хориҷӣ хеле зиёд шудааст. Агар ба рақамҳо назар кунем: гардиши умумии савдои хориҷӣ 3,12 маротиба зиёд шудааст, содирот (фурӯши мол ба хориҷ) ҳамагӣ 1,79 маротиба афзудааст ва воридот (харид аз хориҷ) бошад, 4,67 маротиба зиёд шудааст. Яъне, кишвар бештар ба воридоти мол вобаста шудааст, нисбат ба он чӣ ки худаш ба хориҷ мебарорад. Ин нишон медиҳад, ки тавозуни савдо ба нафъи воридот тағйир ёфта, иқтисодиёт аз шароити бозорҳои хориҷӣ бештар таъсирпазир шудааст.

Яъне, рушди воридоти кишвар нисбат ба содироти он дар давраи солҳои 2000-2020 ба андозаи 2,6 маротиба зиёд афзоиш ёфтааст. Дар ин маврид рушди бештари гардиши савдои хориҷӣ бо кишварҳои узви ИДМ нисбат ба кишварҳои хориҷи дур ба назар мерасад. Агар дар ин давра суръати гардиши савдои хориҷӣ дар кишварҳои узви ИДМ наздики 4,9 маротиба бошад, он бо кишварҳои хориҷи дур ба андозаи 4,2 маротиба афзудааст. Вале ин тамойюл нисбати воридот аз кишварҳои хориҷи дур як андоза хусусияти дигар дорад. Новобаста аз он, ки ҳаҷми воридот аз кишварҳои узви ИДМ афзалият дорад, вале суръати рушди муносибатҳои тиҷоратӣ бо мамлакатҳои ғайри ИДМ суръати баландтар дорад.

Ҷадвали 3.6 – Гардиши савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2000 - 2023, млн. долл. ИМА

Нишондиҳандаҳо	2000	2005	2010	2015	2020	**2021**	**2022**	**2022/ 2000, %**
Гардиши савдои хориҷӣ, - ҳамагӣ	**1459,3**	**2238,8**	**3851,6**	**4326,2**	**4557,8**	**6359,1**	**7309,5**	**500,8**
Давлатҳои узви ИДМ	933,5	1042,2	1724,1	2045,4	2357,9	**3120,1**	**3870,4**	**414,6**
Давлатҳои хориҷи дур	525,8	1196,6	2127,5	2280,8	2199,9	**3239,0**	**3439,1**	**654,0**
Содирот -ҳамагӣ	**784,3**	**908,7**	**1194,7**	**890,6**	**1406,8**	**2149,6**	**2142,0**	**273,1**
Давлатҳои узви ИДМ	373,8	177,9	161,2	226,0	289,4	**574,7**	**761,4**	**203,6**
Давлатҳои хориҷи дур	410,5	730,8	1033,5	663,9	117,4	**1574,9**	**1380,6**	**336,3**
Воридот - ҳамагӣ	**675,0**	**1330,1**	**2656,9**	**3031,2**	**3150,9**	**4209,5**	**5167,5**	**765,5**
Давлатҳои узви ИДМ	559,7	864,3	1836,9	1673,6	2068,4	**2545,4**	**3109,0**	**555,4**
Давлатҳои хориҷи дур	115,3	465,8	1094,0	1616,9	1082,5	**1664,1**	**2058,5**	**1785,3**

Сарчашма: Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ. Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 2023. С.314-315.

Яъне, дар мавриди 3,7 баробар зиёд шудани воридоти кишвар аз ҳисоби кишварҳои узви ИДМ, суръати афзоиши воридот аз дигар кишварҳо 9,4 маротибаро ташкил намудааст, ки он аз афзалият додан ба кишварҳои хориҷи дур нисбати давлатҳои узви ИДМ шаҳодат медиҳад. Яъне ҷуғрофияи бозорҳои содиротию воридотии кишвар аз ҳисоби кишварҳои хориҷи дур тамоюли васеъшавӣ дорад.

Ҷадвали 3.7. – Содироти Ҷумҳурии Тоҷикистондар давраи солҳои 2000-2023, млн. долл. ИМА

Мамлакатҳо	**2000**	**2005**	**2010**	**2015**	**2020**	**2021**	**2022**	**2022/2000**
Қазоқистон	5,7	19,7	19,9	146,5	152,2	**360,1**	**483,9**	**84** маротиба
Қирғизистон	2,7	3,2	6,9	9,4	9,6	**5,3**	**1,2**	**-2,2** мар.
Россия	258,8	82,8	101,8	56,9	41,0	**72,5**	**88,2**	**-2,9** мар.
Ӯзбекистон	97,8	66,5	-	6,1	83,5	**129,6**	**178,5**	**182,5** %
Швейтсария	72,2	27,0	29,2	205,7	688,7	**898,7**	**386,8**	**5,3** мар.
Афғонистон	2,6	12,1	52,2	56,0	69,8	**81,1**	**105,9**	**40,7** мар.
Эрон	12,5	36,7	59,6	59,9	9,4	**38,9**	**114,4**	**91,5%**
АМА	0,4	0,3	4,0	24,9	3,4	**10,6**	**10,2**	**25,5** мар.
Покистон	0,1	0,3	15,5	23,2	14,2	**15,2**	**13,1**	**131** мар.

Идомаи ҷадвали 3.7

Туркия	58,4	143,4	337,0	255,7	203,0	**232,2**	**179,5**	**3,1** мар.
Ҷопон	-	0,1	3,1	2,1	1,5	**2,0**	**1,6**	**16** мар.
Мамлакатҳои Амрико	0,6	0,2	0,1	0,2	6,8	**13,0**	**17,0**	**28,3** мар.
Мамлакатҳои дигар	272,5	516,4	565,4	44,9	123,7	**149,9**	**154,3**	**56,6%**
Ҳамаги содироти ҶТ	**784,3**	**908,7**	**1194,7**	**890,6**	**1406,8**	**2149,6**	**2142,0**	**2,7** мар.

Сарчашма: Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ.Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2023.С. – 314.

Тавре аз маълумотҳои ҷадвали 3.7 дида мешавад, содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2000-2020 ба Покистон (142 маротиба), Қазоқистон (84 маротиба), Афғонистон (40,7 маротиба), Ҷопон (16 маротиба) Мамлакатҳои Амрико (28,3 маротиба), Швейтсария (5,3 маротиба), Аморати муттаҳидаи Араб (9,1 маротиба) ва Туркия (3,1 маротиба) афзоиш ёфтааст. Дар ҳамин давра содирот ба кишвари Руссия 6,3 маротиба коҳиш ёфта, барои кишварҳои Эрон (91,5%), Ӯзбекистон (182,5%) ва дигар мамлакатҳои ҷаҳон (56,6%) аз сатҳи соли 2000-умро ташкил намудаанд. Дар умум содироти кишвар дар муддати солҳои 2000-2023 – 2,7 маротиба афзудааст.

Ҷадвали 3.8. – Воридоти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2000-2023, млн.долл.ИМА

Нишондиҳанда	**2000**	**2005**	**2010**	**2015**	**2020**	**2021**	**2022**	**2022/2000**
Қазоқистон	82,4	168,3	292,7	555,6	757,5	**818,5**	**957,3**	**11,6** мар.
Қирғизистон	7,5	20,6	15,4	24,4	27,2	**20,5**	**13,8**	**1,9** мар.
Руссия	105,1	256,5	856,5	1048,6	932,6	**1280,5**	**1585,7**	**15,1** мар.
Озорбойҷон	63,1	114,9	8,1	7,7	6,2	**6,1**	**5,8**	**9,1%**
Туркманистон	29,3	53,8	83,3	106,6	7,8	**22,2**	**52,1**	**17,7%**
Ӯзбекистон	185,6	152,9	72,0	5,9	250,3	**318,2**	**377,0**	**2,3** мар.
Украина	84,3	82,0	188,7	38,6	26,5	**26,3**	**16,3**	**-1,9%**
Мамлакатҳои Аврупо	82,8	228,9	276,2	333,6	227,9	**339,4**	**362,4**	**4,3** мар.
Сербия	+	-	1,1	0,9	1,0	**0,7**	**0,9**	-
Швейтсария	0,6	8,4	0,4	104,9	6,7	**19,7**	**7,6**	**12,6** мар.
Афғонистон	0,1	3,4	39,9	54,3	0,9	**2,9**	**5,0**	**5** мар.
Ветнам	0,1	-	0,7	0,9	2,7	**4,2**	**4,2**	**42** мар.
Ҳиндустон	0,1	1,4	35,1	16,8	39,7	**122,4**	**125,4**	**125** мар.
Чин	11,9	92,5	238,2	763,9	438,4	**679,7**	**841,7**	**70,3** мар.
Малайзия	-	0,5	1,3	0,7	2,9	**2,5**	**2,8**	**5,6** мар.
АМА	2,8	24,3	61,0	41,5	14,9	**19,7**	**20,9**	**7,4**

Идомаи ҷадвали 3.8

Покистон	0,1	1,7	6,3	41,3	11,6	**17,1**	**19,4**	**194** мар.
Корея	2,1	9,0	27,6	19,2	53,5	**40,9**	**49,6**	**23,6** мар.
Туркия	4,0	21,9	60,0	132,8	119,6	**158,3**	**171,6**	**42,9** мар.
Аргентина	-	0,2	0,2	0,9	6,9	**10,2**	**15,3**	**76,5** мар.
Бразил	0,4	43,7	43,7	1,6	1,0	**13,7**	**7,9**	**19,8** мар.
Канада	0,8	0,3	0,6	2,5	7,6	**4,8**	**4,8**	**6** баробар
ИМА	1,3	10,4	93,4	37,9	38,0	**44,8**	**151,7**	**116,6** мар.
Эрон	7,6	30,9	141,6	123,9	48,4	**82,0**	**123,8**	**16,2** мар.
Мамлакатҳои дигар	10,6	23,8	260,7	91,2	161,5	**210,4**	**278,5**	**26,2** мар.
Ҳамагӣ воридоти ҶТ	**675,0**	**1330,1**	**2656,9**	**3436,6**	**3150,9**	**4209,5**	**5167,5**	**7,6** мар.

Сарчашма: Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ.Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2023.С.319-323

Ҷуғрофияи муносибатҳои воридотии Тоҷикистон (ҷадвали 3.8) нисбат ба содирот дар давраи таҳлилӣ хеле васеъ гардида, ҳаҷми воридот 7,6 маротиба афзоиш ёфтааст.

Дар бист соли охир фаъолнокии тиҷоратӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати муносибатҳои воридотӣ бо кишварҳои Осиё, аз ҷумла Афғонистон (5 маротиба), Ҳиндустон (125 маротиба), Ветнам (42 маротиба), Чин (70,3 маротиба), Ҷумҳурии Корея (23,6 маротиба), Малайзия (5,6 маротиба), АМА (7,4 маротиба), Покистон (194,0 маротиба), Эрон (16,2 маротиба), Туркия (42,9 маротиба), Қазоқистон (11,6 маротиба), инчунин Россия (15,1 маротиба) афзоиши устувор ёфта, ҷуғрофияи бозори содиротӣ ва воридоти кишварро васеъ намуда, шароити зарурии барои ба кишвари транзитӣ табдил ёфтани Тоҷикистон миёни кишварҳои Осиёи марказӣ ва Ҷанубӣ шароитҳои зарурӣ муҳайё карда шудаанд.

Ҳамин тавр, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Халқии Чин, Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон кишварҳои ҳамсояи Тоҷикистон мебошанд, ки метавонанд аз имкониятҳо ва потенсиали транзитии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои интиқоли молу бор ва мусофирон ба таври самаранок истифода баранд. Ин кишварҳо тавассути долонҳои байналмилалии нақлиётие, ки аз ҳудуди Тоҷикистон мегузаранд, метавонанд дастрасии зудтар ва камхарҷтар ба бозорҳои минтақавӣ ва

ҷаҳониро таъмин кунанд. Тоҷикистон бо мавқеи географиаш барои ҳамсоякишварҳо ҳамчун пайвандгари муҳимми логистикӣ ва нақлиётӣ хизмат мекунад.

Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон 18 гузаргоҳи автомобилӣ дар долонҳои байналмилалии нақлиёти автомобилӣ мавҷуд аст, ки аз ин миқдор 11-тоаш дар сарҳади миёни Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон (Дӯстӣ дар ш.Турсунзода, Айвоҷ, Фотеҳобод, Патар, Саразм, Хаштяк, Навбунёд, Равот, Зафаробод, Хаватог, Ӯротеппа), 5-тои он дар сарҳади миёни Тоҷикистон – Қирғизистон (Қарамиқ, Қизил-Арт, Гулистон-Исфара, Овчи Қалъача, Маданият-Ҷ.Расулов), як гузаргоҳ дар сарҳади Тоҷикистону Чин (Қулма – Қаросу) ва як гузаргоҳ миёни Тоҷикистону Афғонистон (Панҷи Поён-Шерхонбандар) вуҷуд доранд. Аз ин теъдод гузаргоҳҳо танҳо дар ҳафт гузаргоҳ, содирот, воридот ва гузариши транзити бору мусофирон амалӣ карда мешаванд. Ба ин гузаргоҳҳо дохил мешаванд: Қулма (н.Мурғоб) – Қаросу (ҶХ Чин); Дӯстӣ (Турсунзода)-Сариосиё (Ӯзбекистон); Панҷи Поён (н. Ҷайҳун) – Шерхонбандар (Афғонистон); Гулистон(н. Исфара) – Баткент (Қирғизистон); Фотеҳобод (н. Мастчоҳ) – Ойбек (Ӯэбекистон); Патар (н. Конибодом) – Андархон (Ӯзбекистон); Маданият (н. Ҷ.Расулов) – Қарағоч (Қирғизистон). Дар гузаргоҳҳои боқимонда танҳо амалиёти содиротӣ ва воридотӣ ба роҳ монда мешаванд.

Тавре аз маълумотҳои ҷадвали 3.9 дида мешаванд, дар давоми солҳои 2017-2023 вобаста ба вазъияти сиёсии ҳамсоякишварҳо транзити молу маҳсулот тавассути долонҳои байналмилалии нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйир ёфта, дар баъзе ҳолатҳо тамоман қатъ гардиданд (дар мавриди бо Ҷумҳурии Қирғизистон). Ҳамзамон, самтҳои нави транзитӣ тавассути Ҷумҳурии Тоҷикистон (гузаргоҳҳои Дӯстӣ ва Қулма) таъсис дода шуданд.

Ҷадвали 3.9. – Динамикаи ҳамлу нақли транзитӣ дар гузаргоҳҳои автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2017-2023

Гузаргоҳи байнисарҳадӣ	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023
1.Дӯстӣ (Турсунзода - Сариосиё) Ӯзбекистон							
- теъдоди автомобилҳо, адад:	0	0	0	0	0	0	3
*боркаш	0	0	0	0	0	0	3
*мусофирбар	0	0	0	0	0	0	0
-ҳаҷми бор, тонна	0	0	0	0	0	0	133
-мусофирбарӣ, мусофир	0	0	0	0	0	0	0
2.Қулма –Қаросу (ҶХ Чин)							
- теъдоди автомобилҳо, адад:	0	0	0	0	0	32	4
*боркаш	0	0	0	0	0	32	4
*мусофирбар	0	0	0	0	0	0	0
-ҳаҷми бор, тонна	0	0	0	0	0	598	104
-мусофирбарӣ, мусофир	0	0	0	0	0	0	0
3.Панҷи Поён-Шерхон-бандар (Афғонистон)							
- теъдоди автомобилҳо, адад:	67	84	101	95	72	803	112
*боркаш	67	84	101	95	72	803	112
*мусофирбар	0	0	0	0	0	0	0
-ҳаҷми бор, тонна	840	749	1011	1066	1256	17384	2135
-мусофирбарӣ, мусофир	0	0	0	0	0	0	0
4.Гулистон (н.Исфара)-Баткент (Қирғизистон)							
- теъдоди автомобилҳо, адад:	3669	948	314	181	62	0	0
*боркаш	1106	948	314	181	62	0	0
*мусофирбар	2563	0	0	0	0	0	0
-ҳаҷми бор, тонна	21129	17443	1514	2878	1411	0	0
-мусофирбарӣ, мусофир	12620	0	0	0	0	0	0
5.Фотеҳобод (н.Мастчоҳ) – Ойбек (Ӯзбекистон)							
- теъдоди автомобилҳо, адад:	1303	1288	155	30	17	9	3
*боркаш	1303	1288	154	30	17	9	3
*мусофирбар	0	0	1	0	0	0	0
-ҳаҷми бор, тонна	24604	24510	2414	736	870	190	261
-мусофирбарӣ, мусофир	0	0	50	0	0	0	0
6.Патар (ш.Конибодом) – Андархон (Ӯзбекистон)							
- теъдоди автомобилҳо, адад:	532	538	43	28	20	11	12
*боркаш	532	538	38	11	20	11	9
*мусофирбар	0	0	5	17	0	0	3
-ҳаҷми бор, тонна	7519	10731	833	490	1375	483	432
-мусофирбарӣ, мусофир	0	0	139	288	0	0	74

Сарчашма: Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ.

Фаъолияти нақлиёти автомобилӣ дар долонҳои нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши содирот, воридот ва

гузариши транзитии воситаҳои нақлиёт тавассути қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон аз/ба кишварҳои ҳамсоя дар ҷадвали 3.9 оварда шудааст.

Маълумотҳои ҷадвали 3.9 дар маҷмуъ динамикаи содирот, воридот ва гузариши транзитии борҳоро тавассути долонҳои байналмилалии автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳанд, ки онҳо тамоюли зиёдшавӣ дошта, кишварҳои дар ҷадвали 3.10 овардашуда транзиткунандагони асосии борҳо тавассути қаламрави ҷумҳурӣ мебошанд. Аз ҳама зиёд гузариши транзитӣ тавассути Тоҷикистон аз Ҷумҳурии Қирғизистон (43092 тонна), Эрон (2573 тонна), Туркия (2057 тонна), аз Ӯзбекистон (704 тонна) ва Туркманистон (306 тонна) амалӣ гардидааст.

Ҷадвали 3.10. – Фаъолияти нақлиёти автомобилӣ дар долонҳои байналмилалии автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврaи солҳои 2010-2023 бо тонна

Кишвар	Намуди интиқол	2010	2011	2012	2013	2014	2015	2023
Эрон	Содирот	24613,4	18306,6	44038,5	41801,4	34753,0	32116,0	75565,0
	Воридот	30500,5	46536,9	60583,8	61058,0	57184,0	29470,0	117967,0
	Транзит	53033	2659,9	3566,2	1606,7	869,0	241,0	2573,0
Туркия	Содирот	34176,3	21034,2	81480,5	103398,0	76613,0	54977,0	40878,0
	Воридот	49064,4	51930,8	72978,2	83174,5	84379,0	52364,0	41537,0
	Транзит	75642	2227,1	14382,1	11361,9	3385,0	2657,0	2057,0
Афғонистон	Содирот	7795,2	575,0	696,0	1296,0	18393,0	4682,0	10069,0
	Воридот	8205,9	4082,0	2207,0	6861,0	9123,0	8367,0	6240,0
	Транзит	0	27075,9	0	0	0	0	208,0
Россия	Содирот	826,6	688,3	2351,9	9029,0	7219,0	14057,0	6534,0
	Воридот	74334,8	17998,5	22215,1	21795,7	30472,0	38939,0	50895,0
	Транзит	117	55,0	113,0	90,5	86,0	37,0	206,0
Қазоқистон	Содирот	3496,7	1354,7	1175,4	921,3	828,0	1496,0	1899,0
	Воридот	29444,3	10770,4	12084,9	11985,4	26134,0	21001,0	28569,0
	Транзит	4382	433,4	1444,8	76,6	251,0	1764,0	169,0
Қирғизистон	Содирот	22707,5	3084,1	7119,4	15392,8	9676,0	31843,0	23741,0
	Воридот	42616,3	150694,5	20866,0	282632,0	136039,0	234327,0	201141,0
	Транзит	73687	116192,3	222601	175287,3	137031,0	72196,0	43092,0
Ӯзбекистон	Содирот	833,6	324,6	1562,6	1381,0	396,0	942,0	540,0
	Воридот	14186	8797,0	7265,0	4081,7	6257,0	8083,0	10127,0
	Транзит	2697	65,0	103,0	0	2535,0	22,0	704,0
Туркманстон	Содирот	949,6	908,0	1805,4	16899,6	3040,0	690,0	341,0
	Воридот	23365,4	7005,7	5673,5	5583,7	7930,0	2453,0	123,0
	Транзит	204	103,8	990,9	0	377,0	14,0	306,0

Сарчашма: Маълумотҳои Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2023.

Омили дигари коҳиш ёфтани ҳаҷми содироту воридоти борҳо ин аст, ки тадриҷан аз воситаҳои нақлиёти хурдбор ба автомобилҳои боркаши иқтидори баланд, ки асосан истеҳсоли Ҷумҳурии Халқии Чин мебошанд, гузариш сурат гирифтааст. Ин маънои онро дорад, ки бо истифодаи камтар воситаҳои нақлиётӣ миқдори зиёди бор интиқол дода мешавад. Яъне, шумораи ҳаракатҳои нақлиёт кам мешавад, вале ҳаҷми умумии бор дар як боркашонӣ зиёд мешавад. Дар натиҷа, агарчӣ теъдоди интиқолҳо кам шудааст, миқдори умумии бор метавонад ҳатто зиёд бошад ё дар сатҳи собит боқӣ монад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳиссаи ҳаҷми воридоти маҳсулот аз ҷониби ширкатҳои ватанӣ ҳамагӣ 28,1% боркашониро ташкил намуда, 71,9%-и онҳо тавассути ширкатҳои хориҷӣ анҷом дода мешаванд. Содирот сурати баръакси воридотро дорад, яъне 64%-и борҳои содиротӣ тавассути ширкатҳои ватанӣ ба анҷом расонида мешаванд ва 36% -и боқимондаро ширкатҳои хориҷӣ иҷро мекунанд.

Параметрҳои асосии хатсайрҳои долонҳои нақлиёти автомобилӣ тавассути гузаргоҳи байнисарҳадии Панҷи Поён, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 майи соли 2007, №212 тасдиқ гардидааст, аз фарогири нишондодҳои зерин (хатсайрҳои 1,4,7,8,9,10,13 ва 16) мебошад:

Ҷадвали 3.11. – Маълумот дар бораи фаъолияти боркашонӣ тавассути долонҳои байналмилалии нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023

Долонҳои байналмилалии нақлиёти автомобилӣ	Теъдоди автомобилҳои боркаш	Ҳаҷми боркашонӣ, тонна
Долони Евр Аз ЭС: АН-7 (Хуҷанд – Душанбе- н.Панҷ) АН-65 (Карамик – Ваҳдат–Турсунзода) АН-66 (Кулма – Хоруғ –Кӯлоб – Ваҳдат – Душанбе)	 29600 5645 6445	 362776 43312 89906
Ҳамагӣ	41690	495994

Идомаи ҷадвали 3.11

Долони Шоҳроҳҳои автомобилии Осиёгӣ:		
Хитой	7887	97706
Қазоқистон	4095	35047
Қирғизистон	25812	306287
Тоҷикистон	24408	363106
Ӯзбекистон	2693	17161
Ҳамагӣ	64895	819307
Долони ТРАССЕКА:		
Озорбойҷон	38	229
Арманистон	6	29
Булғория	6	51
Гурҷистон	109	1168
Казоқистон	4095	35047
Қирғизистон	25812	306287
Тоҷикистон	24408	363106
Туркия	5896	109888
Ӯзбекистон	2693	17161
Украина	225	3054
Ҳамаги	63288	836020
Долонҳои САРЭС:		
САРЕС - 3 (Крамик - Ваҳдат-Турсунзода)	5645	43312
САРЭС-5 (Панҷи Поён – Душанбе - Ваҳдат-Чиргатол)	14810	232078
САРЭС -6 (Хуҷанд – Душанбе – Ваҳдат–Чиргатол)	29600	362776
Ҳамагӣ	50055	638166
Дар ҳамаи долонҳо	219928	2789487

Сарчашма: Дар асоси маълумотҳои Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистн таҳия шудааст.

Хатсайри №1: Гузаргоҳи “Дӯстӣ”, ш.Турсунзода – ш.Ҳисор – (деҳаҳои Шарора, Чимтеппа ва Нуқтаи БДА) – Бохтар – гузаргоҳи наздисарҳадии Панҷи Поён;

Хатсайри №4: гузаргоҳи наздисарҳадии “Фотеҳобод”- ш.Хуҷанд – Истравшан – Айнӣ – Душанбе (Маҳаллаи Меҳробод – Испечак - Чорякорон) – ш.Ҳисор (Шарора-Чимтеппа- нқк БДА) –Бохтар – гузаргоҳи наздисарҳадии Бохтар – гузаргоҳи наздисарҳадии “Панҷи Поён”;

Хатсайри №7: гузаргоҳи наздисарҳадии “Саразм”- ш.Панҷакент – Айнӣ – Душанбе – (маҳ.Меҳробод – Испечак -Чорякорон) – ш.Ҳиссор (Шарора –Чимтеппа – нуқтаи БДА) – Бохтар –гузаргоҳи наздисарҳадии “Панҷи Поён”;

Хатсайри №8: Гузаргоҳи наздисарҳадии “Қулма”- Мурғоб – Хоруғ – Кӯлоб – Данғара – Бохтар – гузаргоҳи наздисарҳадии “Панҷи Поён”;

Хатсайри №9: Гузаргшоҳи наздисарҳадии “Панҷи Поён” – ш.Бохтар – н.Рӯдакӣ – Ваҳдат –Ҷиргатол – Қарамиқ (Қирғизистон) – Сари Тош (Қирғизистон) – Мурғоб – гузаргоҳи наздисарҳадии “Қулма”;

Хатсайри №10: гузаргоҳи наздисарҳадии “Ҷиргатол”-Файзобод-Ваҳдат – Рудакӣ – Бохтар – гузаргоҳи наздисарҳадии “Панҷи Поён”;

Хатсайри №13: Гузаргоҳи наздисарҳадии “Патар” – Конибодом – Хуҷанд – Истравшан – Айнӣ – Душанбе (маҳ.Меҳробод - Испечак)-Чоряккорон) – ш. Ҳисор (Шарора-Чимтеппа - нуқтаи БДА) – Бохтар – Ҷайҳун – гузаргоҳи наздисарҳадии “Панҷи Поён”;

Хатсайри 16: гузаргоҳи наздисарҳадии “Панҷи Поён”– Бохтар – Хоруғ – Ишкошим – гузаргоҳи наздисарҳадии “Ишкошим”.

Ҷадвали 3.12 – Динамикаи нишондиҳандаҳои нақлиёти автомобилии байналмилалӣ дар давраи солҳои 2005-2023

Нишондиҳандаҳо	2005	2010	2015	2023	2023/2000
1.Боркашонӣ, ҳазор тонна	409	908	1126,4	1487,9	363,80
2.Гардиши бор, млн.ткм	674,8	1498,2	21750,0	3001,2	444,75
3.Мусофирбарӣ, млн.мусофир	0,3	0,4	0,1	0,1	33,33
4.Гардиши мусофирон, млн.мус-км	422,5	637,5	98,2	49,8	10,79

Сарчашма: Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ.Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2023. – С.496-501.

Бояд гуфт, ки тавассути гузаргоҳи наздисарҳадии “Панҷи Поён” ҳамаи кишварҳои ҳамсоя метавонанд ба бандарҳои обӣ дастарсӣ пайдо кунанд. Зеро масофаи камтарин ба бандарҳои обӣ аз ҳамин нуқтаи миёни кишварҳои Осиёи Миёна ва Ҷанубӣ метавонанд дастрас бошад. Тавре аз маълумотҳои ҷадвали 3.13 бармеояд, аз гузаргоҳи наздисарҳадии “Панҷи Поён” то ба бандарҳои обии Бандар Аббос, Қарочӣ ва Бандар Имом масофа ва вақти камтарин сарф мешавад.

Ҷадвали 3.13 - Параметрҳои асосии хатсайрҳои транзитии долонҳои байналмилалии нақлиёти автомобили аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тавассути гузаргоҳи назисарҳадии "Панҷи Поён" мегузарад

Аз куҷо?	Ба куҷо?	Дарозии масир, км	Муҳлати дастрасӣ, соат (рӯз)
Панҷи Поён	Қундуз	85	1,5 соат
Панҷи Поён	Кобул	433	6 соат
Панҷи Поён	Бандар Аббос	2433	3 рӯз
Панҷи Поён	Карочи	2211	3 рӯз
Панҷи Поён	Истамбул	4416	5 рӯз
Панҷи Поён	Бандар Имом	2990	3 рӯз

Сарчашма:Бобоев О.Б., Мирзоева Дж.П., Шералиев А.А. Логистический центр Нижний Пяндж: Транспортная интеграция Центральной и Южной Азии. / О.Б. Бобоев, Дж.П. Мирзоева, А.А. Шералиев. – Душанбе, 2014 - 65 с.

Бояд гуфт, ки истифодаи технологияи интермодалии ҳамлу нақл тавассути якчанд намуди нақлиёт (автомобилӣ, роҳи оҳан, ҳавоӣ) аз ин гузаргоҳ омили рақобатпазирии миёни ҳамаи гузаргоҳҳои пайвасткунандаи кишварҳои Осиёи Марказӣ бо кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ ва бандарҳои обии овардашударо таъмин менамояд. Ин гузаргоҳ дастрасӣ ба фурудгоҳҳои байналмилалии Бохтар ва Кӯлоб дорад ва дар оянда метавонад аз ҳисоби бунёди роҳи оҳани Ҷ.Балхӣ – Панҷи Поён воқеан ба долони байналмилалии интермодалии ҳамлу нақли бор ва мусофирон мубаддал гардида, тавассути он як қатор вазифаҳои зерин иҷро гарданд:

- дастарсии озод ба воситаҳои нақлиёти боркаш, бо мақсади интиқоли ашёи хом, таъминоти моддӣ-техникӣ, дигар маводи масрафӣ ва тақсимоти борҳо;
- мукаммалгардонии роҳҳои ҳаракат ва таъинотии автомобилҳои боркаши гаронвазн;
- ҳаракат тавассути масирҳои нақлиётӣ имконият медиҳад, ки маконҳои ҷойгиршавии корхонаҳои тиҷоратӣ ва савдои яклухт дар нуқтаҳои зисти аҳолӣ мавқеъ гиранд;
- мавқеи ҷойгиршавӣ метавонад дастарсии дучандаро ба роҳҳои

автомобилгард дошта бошад;

– тавассути баъзе аз қитъаҳои роҳ дастрсӣ барои даромади автомобиҳои боркаш таъмин карда мешавад;

– бо дарназардошти муҳимияти робитаҳои нақлиёти роҳи оҳан аксари операторон, метавонанд қарорҳои судманд ва мувофиқро дар сатҳи маҳал қабул намоянд.

Рушди робитаҳои интермодалӣ, яъне истифодаи ядакҳои боркаш, қӯшаҳои контейнарбар, ки тавассути қатора ба масофаи зиёд бурда мешаванд, ба вуҷуд омадани имконияти иловагиро барои интиқолдиҳандагон таъмин менамояд.

Ҳамин тариқ, дар мавриди мавҷуд будани хати роҳи оҳан ва ё наздик ҷойгир шудани он ба маҳалҳои аҳолинишин дастрасиро ба ин намуди нақлиёт зиёд намуда, афзалияти иловагии рақобатии ин гузаргоҳро тамин менамояд:

– дар мавриди барои баъзе аз интиқолдиҳандагони борҳои зудвайроншаванда ва доруворӣ будани зарурати истифодаи нақлиёти ҳавоӣ, ин гузаргоҳ метавонад зарурати мазкурро тавассути фурудгоҳи байналмилалии Бохтар ба наҷом расонад;

– хатсайрҳои нақлиёти ҳавоӣ барои интиқоли маҳсулоти сабуквазн, ки хароҷоти нақлиётияшон нисбатан камтар аст, пешбинӣ карда мешаванд. Таъмини расонидани маводи тиҷоратӣ ба фурудгоҳ дар доираи 60 дақиқа метавонад яке аз меъёрҳои калидӣ бошад;

– ҷойгирнамоии макони объектҳои хизматрасонии техникӣ метавонад бевосита дар наздикии корхонаҳои нақлиётӣ, нуқтаҳои кории операторони воситаҳои техникии боркашон ва дигар таҳвилкунандагони маҳсулот, мутахассисони соҳаи технология, компютер ва телекоммуникатсия, хадамоти таъмини коргарони кирояи мавсимӣ, анборҳои таъминотии маъмурият ва истеҳсолот ва ғайра ба роҳ монда шавад;

– бартараф кардани дигар монеаҳо ва мушкилоти вобаста ба коркарди объект.

Нуктаи муҳимми дигар дар раванди ҳамгироии кишварҳои ҳамсоя баимзорасонии созишномаҳои байналмилалии бисёрҷониба дар самти ташкили ҳамлу нақли байналмилалии бору мусофирон тавассути долонҳои байналмилалии нақлиёти автомобилии кишварҳои манфиатдор миёни ин кишварҳо бо Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Ҳадафи ин гуна ҳамгироии нақлиёти автомобилии байналмилалӣ аз фарогири имконоти зерин мебошад:

– истифодаи ҳамҷояи инфрасохтори долонҳои нақлиёти автомобилии кишварҳои ҳамсояи транзиткунандаи бору мусофирон;

– нисбатан судманд истифода бурдани нақлиёти автомобилӣ ва дар ин замина коҳиш додани хароҷотҳои нақлиётии равандҳои боркашонӣ ва мусофирбарӣ;

– ҳаракти бемонеаи воситаҳои нақлиёт ва ҳамлу нақли бору мусофирон миёни кишварҳои ҳамгиро ва гузариши транзитӣ тавассути ҳудуди онҳо;

– пеш бурдани сиёсат нисбати рушди соҳа, бахусус, таҷдиди инфрасохтори долонҳои нақлиёти автомобилии кишварҳои ҳамсояи ҳамгирогардида.

– ҷорӣ намудани меъёрҳое, ки ба стандартҳои ҷаҳонӣ мутобиқанд, барои коҳиш додани таъсири манфии нақлиёт ба муҳити зист муҳим мебошад. Ин меъёрҳо ба самтҳои зерин дахл доранд: партовҳои газҳои гулхонаӣ ва моддаҳои, ғалоғула (садо), саҳеҳияти роҳбаладӣ (навигатсия), сарборӣ ба меҳвари воситаҳои нақлиёт;

– таҳияи стратегияи ягонаи бехатарии нақлиётӣ, ки ба кам кардани садамаҳои нақлиётӣ мусоидат мекунад.

– ба талаботи ҳамлу нақли байналмилалии бор ва мусофирон

мувофиқ гардонидани андозаҳои тарафҳо, вазн ва дигар талаботи техникие, ки ба воситаҳои нақлиёт мансубанд;

– дар самти баҳрабардорӣ аз фаъолияти инфрасохтори долонҳои байналмилалии нақлиёи автомобилӣ бояд механизми афзун намудани фоиданокии фаъолияти онҳо дар заминаи истифодаи марказҳои ҳозиразамони логистикӣ ва технологияҳои иттилоотии рақамӣ, рушди ҳамлу нақли контейнерӣ, маҷмааҳои логисткию терминалӣ бо истифода аз механизми шарикии давлатӣ-минтақавӣ бо бахши хусусӣ амалӣ мегарданд, ки муҳимияти онҳо дар бобҳои қаблӣ асоснок карда шудааст.

Тавре аз нишондодҳои дар ҷадвали 3.14 овардашуда дида мешавад, ҳарчанд дар давоми солҳои 2017-2023 садаманокӣ дар роҳҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии Ҷумҳурии Тоҷикистон паст шуда, миқдори умуми садамаҳо ба андозаи 21,8 % коҳиш ёфтанд, вале осори ин садамаҳо ҳеле вазнин гардидаанд: дар ин муддат теъдоди фавтидагон ба 15,5% афзоиш ёфта, теъдоди ҷароҳатбардоштагон бошад - 27,6% коҳиш ёфтааст, ки дар умум аз беҳтар шудани вазъи бехатарии долонҳои нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодат медиҳад. Ҳамин гуна вазъият дар долонҳои аз вилояти Суғд, Бадахшон ва Кӯлоб гузаранда ҷой дорад. Дар роҳҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии минтақаи Ҳисор миқдори садамаҳои нақлиёту роҳ то ба 24,6% аз нишондоди соли 2017 кам шуда, фавти одамон бошад - 56,5% коҳиш ёфта, теъдоди ҷароҳатбардоштагон 37,4 %-и нишондоди соли 2017-ро ташкил додааст.

Ҷадвали 3.14 – Динамикаи ҳодисаҳои роҳу нақлиётие, ки дар роҳҳои аҳаммияти байналмилалӣ ва ҷумҳуриявидошта, дар давраи солҳои 2017-2023 ба амал омадаанд

Минтақаҳо	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023	2023/2017
Вилояти Суғд:								
- теъдоди садама	119	108	100	79	93	86	86	72,3
- фавтидагон	45	42	34	40	42	46	50	111,1
- ҷароҳатбардоштагон	134	114	110	71	98	84	96	71,6
ВМКБ:								
- теъдоди садама	13	12	9	14	13	13	12	92,3
- фавтидагон	11	3	17	8	12	14	10	90,9
- ҷароҳатбардоштагон	19	15	5	13	17	18	15	78,9
Минтақаи Ҳисор:								
- теъдоди садама	157	153	129	101	102	43	43	24,6
- фавтидагон	62	62	58	48	43	23	35	56,5
- ҷароҳатбардоштагон	163	161	131	127	126	52	61	37,4
Минтақаи Кӯлоб:								
- теъдоди садама	18	39	30	19	12	10	13	72,2
- фавтидагон	24	33	42	11	13	14	24	100,0
- ҷароҳатбардоштагон	27	50	56	33	19	20	20	74,1
Минтақаи Бохтар:								
- теъдоди садама	83	107	153	145	134	86	138	168,3
- фавтидагон	41	44	45	63	78	51	98	239,0
- ҷароҳатбардоштагон	80	114	160	149	130	65	109	136,3
Минтақаи Рашт:								
- теъдоди садама	8	8	4	7	5	11	7	87,5
- фавтидагон	5	4	2	7	3	6	10	200,0
- ҷароҳатбардоштагон	3	6	3	10	10	7	9	300,0
ШС”Инновейтив Роуд Салюшнз” (IRS):								
- теъдоди садама	74	104	93	86	70	80	75	101,4
- фавтидагон	57	66	59	72	52	65	60	105,3
- ҷароҳатбардоштагон	92	95	89	90	120	110	97	105,4
Ҳамагӣ:								
- теъдоди садама	**472**	**533**	**518**	**541**	**429**	**329**	**369**	**78,2**
- фавтидагон	**245**	**254**	**257**	**265**	**248**	**219**	**283**	**115,5**
- ҷароҳатбардоштагон	**543**	**549**	**554**	**493**	**514**	**350**	**393**	**72,4**

Сарчашма: Маълумотҳои Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 2023.

Дар минтақаи Бохтар миқдори аз ҳама бештари садамаҳо бо тамоюли зиёдшавӣ мушоҳида мегардад. Аз ҳисоби 186,3% зиёд шудани миқдори садамаҳо дар ин давра, миқдори фавтидагон 2,4 маротиба афзуда, шумораи ҷароҳатбардоштагон бошад 136,3% зиёд шудааст.

Дар минтақаи Рашт сатҳи аз ҳама пасти садаманокӣ бо тамоюли боз ҳам коҳишёбии он мушоҳида мешавад. Бо вуҷуди ин, теъдоди фавт ва ҷароҳат бардоштани одамон мувофиқан 2 ва 3 маротиба афзудааст.

Сатҳи баланди садаманокӣ ва фавту ҷароҳатбардорӣ дар роҳи байналмилалии Душанбе –Чаноқ ба қайд гирифта шудааст. Дар давоми солҳои 2017-2023 дар ин роҳ садаманокӣ 1,4% зиёд гардида, теъдоди фавтидагон 5,3% ва ҷароҳатбардоштагон 5,4% зиёд афзудааст.

Масъалаи дигари хеле муҳимми истифодаи судманди долонҳои байналмилалии нақлиётии миёни кишварҳои ҳамсоя дар самти ҳамлу нақли бор ва мусофирон ин якхела намудани стандартҳо ва параметрҳои техникии воситаҳои нақлиёти автомобилии байналмилалӣ мебошад. Дар ин самт бояд меъёрҳои ягонаи техникӣ барои ҳама намудҳои таркиби ҳаракаткунандаи нақлиёти автомобилии байналмилалӣ ва агрегатҳои асосии онҳо ҷорӣ карда шавад. Мушоҳидаҳо нишон доданд, ки дар гузаргоҳи наздисарҳадии Дӯстӣ ҳамаи автомобилҳои убуркунанда воситаҳои нақлиёте мебошанд, ки ба стандартҳои аврупоӣ мувофиқат мекунанд. Дар гузаргоҳи Қарамиқ – 40%, гузаргоҳи Қизил-Арт - 50-60%, гузаргоҳи наздисарҳадии Тоҷикистону Афғонистон - 60%, гузаргоҳи Гулистон наздик ба 80% ва гузаргоҳи Овчӣ – Калача – 40-50% автомобилҳои истеҳсоли Чин мебошанд, ки ба стандартҳои аврупоӣ мутобиқ карда шудаанд. Аз гузаргоҳи Патар ҳамаи автомобилҳои убуркунанда истеҳсоли Аврупо буда, аз гузаргоҳи Маданият бошад наздики 50%-и ҳамлу нақли байналмилалиро автомобилҳои истеҳсоли Чин ташкил мекунанад.

Ҳамин тариқ, муҳокимаи фоиданокии ҳамкорӣ дар соҳаи ҳамлу нақли байналмилалӣ бештар аз Ташкилоти давлатҳои мутаҳида (ТДМ) ва сохторҳои он вобаста аст.

Дар доираи ҳамин пешниҳоди норасоиҳо вобаста ба мавқеи ҷойгиршавии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маркази Осиёи Миёна бо имкон

надоштани баромад ба баҳр далолат ба нафъи ҳамкорӣ бо мақсади рушди савдои байналмилалӣ зарурати убури сарҳади кишварҳои ҳамсоя ба миён меоянд.

Сиёсати нақлиётии Тоҷикистон бояд ба он равона бошад, ки робитаҳои иқтисодӣ ва тиҷоратӣ бо кишварҳои ҳамсоя тақвият ёбанд ва имкониятҳо барои содироти молу хизматрасониҳои ватанӣ бештар шаванд. Барои расидан ба ин ҳадаф, давлат як қатор иқдомҳоро муҳим мешуморад, аз ҷумла:

- эҷоди системаи суғуртаи давлатӣ ва кафолатҳои махсус барои муҳофизати содиркунандагони тоҷик аз хатарҳои сиёсӣ ва зарари эҳтимолии тиҷоратӣ;
- дастгирии ширкати ватанӣ дар лоиҳаҳои хориҷӣ, махсусан дар чорчӯби созишномаҳои расмии байнидавлатӣ;
- мусоидат ва кумакҳои молиявии давлатӣ (буҷетӣ) барои содироти маҳсулот ва хизматрасониҳои ватанӣ;
- фаъолтар ҷалб кардани корхонаҳои маҳаллӣ ба лоиҳаҳои байналмилалӣ, ки шарикии байни кишварҳоро тақвият медиҳанд;
- аз байн бурдани монеаҳои роҳии содирот ва истифодаи самараноки шабакаҳои байналмилалии роҳу нақлиёти автомобилӣ;
- беҳтар кардани низоми гумрук ва андоз барои содирот ва ҳамоҳанг сохтани қонунгузории марбут бо кишварҳои ҳамсоя.

Сиёсати нақлиётии кишварҳои ҳамсоя бояд тибқи тадбирҳое, ки барои рушди системаи нақлиёти миллии онҳо тарҳрезӣ шудаанд, амалӣ гардад. Ба инобат гирифтани самтҳои асосие, ки дар муддати дароз ба иқтисодиёт таъсир мерасонанд ва барои таъсиси долонҳои байналмилалии нақлиётӣ кумак мекунанд дар ин самт муҳим мебошад. Ин долонҳо метавонанд роҳҳои нави ҳамгироии иқтисодии кишварҳои ҳамсоя бошанд. Илова бар ин, дастгирии ҳамкориҳои тиҷоратӣ байни кишварҳо имкониятҳои нави рушди савдо ва ҷалби сармояро фароҳам меорад.

Вазифаҳое, ки бо рушди инфрасохтори нақлиётии долонҳои байналмилалии нақлиёти автомобилӣ барои кишварҳои ҳамсоя алоқаманданд, метавонанд ба чанд самти асосӣ тақсим карда шаванд:

1. Таҳлили барномаҳо – муҳим аст, ки амалисозии барномаҳои миллӣ дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ ба таври амиқ таҳлил карда шаванд. Бо мақсади мувофиқ намудани имкониятҳои кишварҳои ҳамсоя ва баланд бардоштани самаранокии онҳо, бояд пешниҳодоти мушаххас таҳия шаванд.

2. Рақобатпазирӣ – лозим аст, ки дар самти тақвият додани рақобатпазирии долонҳои байналмилалии нақлиётӣ корҳои бештар анҷом шаванд, то ки онҳо тавонанд бору мусофиронро бештар ба худ ҷалб намоянд.

